Миллатҳо бо таъсиси давлатҳои худ, иқтидори иқтисодии онро афзоиш дода, масири инкишофи худро ҳамчун давлати мустақил муайян намуданд. Дар навбати дигар бо мақсади қавӣ гардонидани иқтидори иқтисодии худ соҳаи тиҷорат ва истеҳсолотро дар заминаи таъсиси ширкатҳои тиҷоратӣ ва ҳамоҳансозии фаъолияти онҳо бо дигар давлатҳо ба роҳ монданд. Бо шакл гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ зери таъсири ҷомеаи иттилоотӣ ин ҷараён шакли дигарро ба худ касб намуда ба рушди моликияти хусусӣ ва ташаккули фаъолиятҳои хусусияти инфиродӣ дошта боис гардид. Ин шароит давлатҳои миллиро вориди системаи капиталистӣ гардонид. Ҳоло бошад капитализм ҳамчун механизми асосии ҷамъиятӣ, ки барои зуҳури ҷаҳонишавӣ шароит фароҳам сохтааст, корсоз будани худро ҷиҳати рушди давлатҳо, вале на бо махсусиятҳои миллӣ исбот намудааст. **Капитализм ҳамчун механизми иҷтимоӣ, ки ҷаҳонишавиро шуруъ кард, муваффақияти афсонавии худро исбот намуд.**[5] Моликияти хусусӣ зери таъсири системаи капиталистӣ ривоҷ ёфт. Ин раванд ба нуфуз пайдо намудани ширкатҳои бузургӣ тиҷорати боис гардида. Дар натиҷаи ин таҳаввулот иқтисоди давлатҳои миллӣ зери таъсири ширкатҳои бузурги тиҷорати қарор гирифтанд. Чунин шароит ба вусъати ҷаҳонишавӣ ва тараққиёту паҳн гардидани ТИК, ки ба шакл гирифтани ҷаҳонишавӣ боис гардид алоқамандии зиёд дорад. Ҳамин тариқ яке аз сабабҳои зуҳури ҷаҳонишавиро метавон дар тараққиёти ТИК маънидод намуд. Бо ташаккули он ҳамаагон имкони анҷом додани кори бонкӣ ва аз ҳама муҳим хариду фӯрушро дар тамоми гӯшаи ҷаҳон пайдо намуданд, ки ин раванд ба шакл гирифтани бозори ҷаҳонӣ боис гардидааст.

---

[5] Уэбстер Э. Теории информационного общества. Аспект Пресс, 2004. С-93.

**Дар ҳақиқат, дар замони мо бозор торафт глобалӣ шудан дорад.**[6] Имрӯз бозорҳо бештар хусусияти ҷаҳониро ба худ касб намудаанд. Бо афзоиши номгуи маҳсулоти истеҳсолӣ ширкатҳои трансмиллӣ ин бозорҳои ҷаҳониро зери таъсири худ қарор дода кору фаъолияти худро дар тамоми нуқтаҳои ҷаҳон ба роҳ мондаанд. Сабаби аслии афзоиши истеҳсол ва ҷаҳони шудани бозорҳо ин пеш аз ҳама технологияи саноатӣ ва ҳамзамон ТИК нақши муҳим мебозанд. Зеро дар истеҳсол, муарифи ва фуруши маҳсулот, иттилоот нақши муҳимро мебозад. Аз истеҳсол, реклама то фуруш ва дастрас намудани маҳсулот ТИК хизмат менамоянд.

Имрӯз низоми капиталистӣ тамоми ҷаҳонро иҳота намуда фазои баҳамвобастагии иқтисодиро ба вуҷуд овардааст. Масалан имрӯз як давлат ба хотири таъмини маҳсулоти ниёзи аҳолии худ ба якчанд давлати дигар вобастагӣ дорад. Чой аз як давлат ворид мегардад, қаҳва аз давлати дигар, шакар аз давлати севвум, либоса бошад аз минтақаи дигари ҷаҳон. Номгӯйи маҳсулоти истеҳсоли чунон афзоиш ёфтааст, ки ҳеҷ давлате ба танҳои имконияти истеҳсол ва таъмини маҳсулоти ниёзи дохилии худро надорад. Аксар хатароти раванди ҷаҳонишавиро дар ростои давлатҳои миллӣ дар самти иқтисодиёт маънидод карда, аз лиҳози иқтисодӣ таъсири онро ба давлатҳои миллӣ инкос намуда ба масъала нуқта гузоштан мехоҳанд. Аммо як қатор соҳаҳои дигар аз қабили тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва иҷтимоиёт дар ихтиёри давлатҳои миллӣ қарор дорад. Вале асоси таъмини фаъолият ва инкишофи тамоми ин соҳаҳо аз иқтисод вобастагӣ дорад. Ҳангоми коста гаштани вазъи иқтисодӣ ин соҳаҳо ба бӯҳрон мувоҷеҳ гашта, ҷараёни хусуси гардонидани ин соҳаҳо низ ба миён меояд. Дар

[6] Уэбстер Э. Теории информационного общества. Аспект Пресс, 2004. С-91.

натиҷа бо мурури замон ва зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ давлатҳои миллӣ назорат дар тамоми соҳаҳоро дар дохил аз даст хоҳанд дод.

Оиди тақдири давлатҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ хулосабарори кардан душвор аст, ҳарчанд олимон дар ин самт ба ду андеша пойбанд мебошанд. Ин ки давлатҳои миллӣ зери таъсири ширкатҳои бузурги тиҷоратӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ мавқеи худро дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ аз даст дода аз байн мераванд. Ва ё ин, ки шаклу усурҳои миллии худро аз даст медиҳанд, вале комилан аз байн намераванд. Аммо дар заминаи ин андешаҳо метавон гуфт, ки давлатҳои миллии имрӯза то ҷойе унсурҳо ва махсусиятҳои миллии худро аз даст додаанд. Пас оё дар ояндаи наздик имкон ҳаст, ки онҳо мавҷудияти худро аз даст бидиҳанд? Ба ин савол метавон бо муайян сохтани мавқеи давлатҳои миллӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ аз лиҳози махсусиятҳо ва манофеи миллии онҳо посух пайдо намуд. Зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ давлатҳои миллӣ бо иштироки худ дар муносибатҳои байналмилалӣ як қатор махсусиятҳои миллии худро иваз менамоянд. Ин падида омилҳои гуногуни фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро дар бар мегирад. Пӯшида нест, ки тамоми хатароти раванди ҷаҳонишавӣ ба истиқлолӣ давлатҳои миллӣ нигаронида шудааст ва дар раванди вусъати он то рафт таъсирпазир мегарданд. **Давлат-миллатҳо ба таври назаррас соҳибихтиёри ва истиқлоли худро аз даст медиҳанд.**[7] Масъалаи муҳим дар ин раванд, ки имкон аст давлатҳои миллӣ соҳибихтиёрии худро аз даст бидиҳанд ин шинохти мафҳуми "истиқлол" бо диди нав ва бо дарку фаҳмиши нав ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки давлатҳои

[7] Тоффлер Э. Третья волна. Изд-во АСТ, 2004. -С.239.

миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ тамоми унсурҳои давлатдории худро ҳифз карда наметавонанд. Дар ин миён мавқеи истиқлол низ иваз гашта ҳамчун ифодагари мухторияти комил фаҳмида намешавад. Албатта, ин хоси он давлатҳоест, ки аз диди сиёсӣ ва иқтисодӣ вобастагии бештар дошта, зери таъсир қарор доранд.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**
*номзади илмҳои фалсафа*

# БОВАРҲОИ ИНСОНӢ ВА КАЙФИЯТИ ТАЪСИРГУЗОРӢ

Аксар аз муҳаққиқин бар онанд, ки вазъиятҳое, ки дар тули зиндагӣ барои фардҳои муаян пеш меоянд ва ҳалли мушкили зистиро ба вуҷуд оварда танҳо аз роҳи тассалӣ додани хеш ва як навъ муъҷизакорона амал намуда, дар баробари воқеъиёт тасаввуроти зеҳнии худро иброз медоранд ва бад ин восита худро тасаллӣ дода, вазъиятро аз ҳолати даҳшати зеҳнӣ бартараф месозанд,ба як бовар табдил меёбанд. Чунин ба назар мерасад, ки аксар аз боварҳо аз насл ба насл интиқол гардида, ба ҳайси як рафтори рефлекси ғайришартӣ табдил меёбад. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки аксаран дар нисбати ҳаводису воқеа ба таҷрибаи гузаштагони худ такя мекунанд. вақте як фард ба дунё меояд, табиӣ аст, ки дар ӯ ҳеҷ гуна бовар вуҷуд надорад. Аз аввалин амалҳое, ки як фард анҷом медиҳад, ин тақлид намудан дар баробари амалкардҳои бузургсолон аст. Одатан фардҳо пас аз тавлид аввалин рафторҳои худро дар тақлид ба падару модар ва атрофиён ба роҳ мемонад. Онҳо аксаран амалаҳоеро ки анҷом медиҳанд, онҳоро аз лиҳози сабабу натиҷавӣ ва моҳиятӣ баррасӣ наменамоянд. Танҳо бо анҷом додани он амал гумон меварзанд, ки ҳамин тарзи амалкард, дорои як маъние дар ҷаҳони инсонист. Бахусус, анвои гуногуни боварҳо дар ҳамин замина шакл мегирад. Инсонҳо аввалин рафторҳои боваргунаи хешро дар тақлиди бузургсолон анҷом медиҳанд ва усули тарбиятии хонавода бар зеҳни як фард сахт таъсиргузор аст.

Дар бомдоди зиндагӣ, ки ҳанӯз ҷаҳонбинии фард пурра ташаккул наёфтааст ва он дар ҳоли ҷустуҷӯ қарор мегирад, чӣ гуна ҷавоб додани волидайн ба суолгузориҳои кӯдак ва чӣ гуна вазъияту воқеъиятро таҳлилу тавсир намудани онҳо ба шаклгирии ҷаҳонбинии ояндаи фард, таъсири амиқи хешро мегузорад. Ҳар қадар агар ҷавобҳо мушаххас, илмӣ ва воқеънигорона бошанд, ҳамон қадар зеҳнияти кӯдак низ дар рӯҳияи солим ва воқеъандешӣ шакл мегирад. Баръакс, иддае аз волидайн ҳангоми тарбияи фарзанд зимни пурсишгарии саволҳое, ки мансуб ба ҷаҳон, ҳастӣ, инсон, табиат ва дар маҷмӯъ падидаҳои олами ҳастианд, ҷавобҳои афсонагун, хаёлманд, ваҳмангез ва бовармандонаву диниро ироа медорад. Ҳамчунин аз ҳама омили таъсиррасон дар зимни пурсишгарӣ ба ӯ аз тарс додан кор мегиранд, ки ин ҳолат метавонад тамоми умр дар ҷаҳонбинии фард таъсиргузор шавад ва ӯ ҳамеша аз пурсиш кардан дар баробари вазъияту воқеъиятҳо худдорӣ намояду ҳатто дар шакк кардан ба онҳо як тарси даруние ӯро ҳеҷ гоҳ иҷоза намедиҳад, то дар баробари воқеъият пурсишгарӣ кунад. Аз тарафи дигар тарбияти хонаводагӣ ва муҳити атроф фардро мутмаин месозад, ки он чи ки волидайн ва гузаштагон тасвиру таҷассум намудаанд, онҳо айни ҳақиқати ҷаҳонанд ва шубҳа намудан дар онҳо метавонад, носипосӣ дар баробари гузаштагон бошад. Чунин носипосиро дар аксар аз боварҳову динҳо “табу” ё “муҳаррамот” ташкил медиҳад, ки инсонҳо ҳангоми шубҳа кардан чунин гумон ва боваре дар онҳо ба вуҷуд меояд, ки гӯё гуноҳи сахтеро дар баробари муқаддасот анҷом дода бошанд ва ин амалкард дар пайи худ метавонад ҷазои сахтеро барои ӯ ва барои қавмаш ба миён орад. Махсусан, тавзеҳоте, ки дар тарбияи фард аз тарафи падару модар дар баробари муқаддасот арзёбӣ мешавад, дигар дар тамоми умр ба зеҳнияти ӯ таъсиргузор хоҳад буд. Чунин тарзи таҳлил нишон

медиҳад, ки яке аз унсурҳои таъсиргузор дар навъ, шакл ва чигунагии боварманди ин тарбияти хонавода ва муҳити иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон додааст, ки афроди гуногун вобаста аз муҳити тарбиявӣ дараҷаи бовармандиашон фарқ мекунад. Аз ҷониби дигар он аносире, ки то замони ба балоғат расидани фард дар зеҳнияти ӯ шаклгирӣ менамоянд, қариб дигар то ба охири умр бетағйир мемонанд ва метавон гуфт барномарезӣ шуда низ ҳастанд. Ин ҷо метавон ду ҳолатро зикр намуд. Ҳолати аввал ин аст, ки нафароне пас аз тавзеҳоти волидайн  дар бобати чигунагии офаридгору ҷаҳону худ, онро ба ҳайси ҳақиқат қабул мекунанд ва махсусан пас аз он даста аз муҳаррамот, ки андешаи дигарро дар баробари навъи бовар, офаридгор, муқаддасот ва амсоли ин намепазиранд ё пазируфтани онро маҳкум ба ҷазо ва нобудиву даҳшатҳои пешбининашаванда мекунанд, дигар фард тамоми умр аз суолгузорӣ ва чигунагиву шубҳаандешӣ дар нисбати ин муқаддасот, ҳеҷ гоҳ он тартибу низом ва он чорчӯбаро вайрон намекунад. Чунин ба назар мерасад, ки дар ин ҳолат ӯ ба як робот ё компютери барномаи муаян насб карда табдил меёбад, ки ҳеҷ гоҳ дигар ин низомро бояд дигар насозад.

Дастаи дуюм нафаронеанд, ки аз лиҳози равонӣ инсонҳои дербоваранд ва онҳо дар давоми зиндагонии худ вобаста аз вазъиятҳои гуногун рух дод, ҳолат ва сабабу натиҷаи онро таҳлилҳои илмӣ мекуунанд ва ором-ором аз он дидгоҳҳои тавсияшудаи падару модар берун мешаванд ва диди дигареро аз лиҳози улуми физикӣ, биологӣ ва иҷтимоию инсоншиносӣ дар баробари воқеъияту падидаҳо ҳосил мекунанд. Албатта дар ин маврид барои ин даста таҳаввулоти андеша дар бовармандӣ сурат мегирад ва агарчи баъзе аз аносири боварҳои расмиро дар шакли динҳои расмӣ бипазиранд ҳам, вале дар онҳо диди нав, яъне диди фардиву шахсӣ дар

баробари падидаю воқеаҳо ҳосил мешавад. Одатан, ҳамин гуна нафаронанд, ки дар ҷаҳону ҷомеаи инсонӣ ба ҳайси шахсият ва рушангару пешбари ҷомеа дар таҳаввули тамаддуни башар саҳм мегузоранд.

Иддае аз равоншиносон мутмаинанд, ки баъзе аз афрод дар зеҳни худ аз боварҳо мавҷуди хаёлию зебоеро месозанд, ки ба онҳо ба мисли як инсони дилдодаву шайдо муносибат мекунанд. Ҳамин аст, ки онҳо на воқеъиятҳои дар китобҳои муқаддас таҷассумшударо дар боби чигунагӣ сифатҳои офаридгор, балки тасаввуроти зеҳнии хешро, ки он пур аз сифатҳои олитарини худи инсонӣ аст, таҷассум месозанд. Инсонҳо гоҳо анҷом додани ин ё он амале, ки аз қудрату ирода ва имконаш берун аст, онҳоро илқо ба як мавҷуди фаробашарӣ месозад ва ҳамин тавр, ҳамин образ ё намунаи сохтаи худро дӯст медорад. Ин аст, ки ин идда аз равоншиносон мутмаинанд, ки инсон ҷиҳати рафъ кардани танҳоии худ ва маҷмӯи нокомию нотавониҳо, ҳамеша эҳтиёҷ ба як мунис, як дасти тавоно ва як қудрати баровардакунандаи ҳамаи ниёзҳо дорад, ки агарчӣ он дар воқеъияти олами ҳастӣ ҷойгоҳе ҳам надошта бошад, вале инсон онро дар хаёлоташ месозад. Чун ин сохтаи инсон дар зеҳнияташ орӣ аз ҳама гуна сифатҳои манфӣ аст, ӯ ҳеҷ гоҳ қабул надорад, касе ё чизе дар бораи ин сохтаи зеҳнӣ кадомин як сифати манфиро иртибот диҳад. Баъзе аз муққиқони равоншинос ин ҳолатро айнан ба ҳолати шефташавӣ ё маҷзубияти як мард ё зан монанд мекунанд, ки зимни дӯстдоштани тарафи муқобил тамоми сифатҳои мусбиеро, ки дар ҷинси мухолиф вуҷуд дошта бошанд, дар шакли олию беҳтарин ба маҳбубаи худ нисбат медиҳад. Ҳарчанд фарди воқеӣ бо бофтаҳои хаёлӣ ҳарду баробар набошанд ва тафовути онҳо хеле зиёд ҳам ба назар расад, вале шахси шайдошуда наметавонад онро пазирад, ки нафари мадҳшудаи дар зеҳнаш офарида, дорои нуқс ва

камбӯдҳо низ ҳаст. Аз ҷониби дигар, ӯ ҳамин тасаввуроти зеҳнии сохтаи худро ба ҳайси як маънии асосии зиндагӣ умед, ормон ва омоли худ қабул менамояд. Ба тарзи дигар, инсонҳо одатан ба бофтаҳои зеҳнию хаёлии худ ишқ меварзанд ва онҳоро ниҳоятан дар сифатҳои олитарини вуҷуд тасаввур мекунанд. пайравони ин назария муътақиданд, ки образи Худо ё Офаридгор дар зеҳни як инсон ҳамин гуна ба вуҷуд омада, шакл гирифтааст. Яъне ба ин мазмун, ки инсон ҳар боре эҳсоси хатару нотавониро дар баробари ин ё он падида эҳсос кардааст, дар зеҳни худ як махлуқи тавонотареро, ки бо нерӯи азиме  тавонад тамоми вазъиятҳоро дар дасти худ дошта, ба ҳама ин нотавониҳояш ҷавоб гӯяд, дар мағзи худ онро тасаввур карда, ба он низ умед бастааст. Ҳамин тавр, ҳар гоҳе дар баробари қудратҳои сиёсию иҷтимоӣ ба ноадолатиҳо агар дучор афтодааст, ё  натавонистааст дар баробари сиёсатҳои вақт таъсиргузор бошад, ӯ мафҳуму  сифати адлро дар як мавҷуди фаротара аз худ тасаввур намудааст, ки дорои тавонмандиест, дар лаҳзаву вазъи зарурӣ ин ҳолатро яъне, адолатро ба низом медарорад.

Аксар бар ин боваранд, ки инсонҳо вобаста аз вазъу тасаввури худ ва хислату андозагириашон ба офаридгор муносибат мекунанд ва ҳамин боис гардидааст, ки дар худошиносии қавмҳои гуногун вобаста аз хислату характерашон, тарзи зист, мавқеи ҷуғрофиоӣ ва баровардa кардани ниёзҳои моддиашон ба офаридагор муносибат намуда, онро дорои ҳамон сифатҳое қарор додаанд, ки мансуб ба чигунагии қавми онҳо ва рӯхияашон будааст. Далелҳои зиёдеро метавон аз фарҳангҳои гуногун пайдо намуд ва ҳамчунин анвои гуногуни динҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ дар таҷассуми сифатҳои илоҳӣ аз ҳамон хислатҳои бумии мардумашон истифода намудаанд. Дар таърих ба қавмҳое дучор меоем, ки чун ҳамеша дар вазъиятҳои ҷангӣ қарор

доштаанд, сифатҳои худояшон низ қаҳору ҷаббор аст ва онҳо ҳангоми ҷанг низ бо қавмҳои дигар мутмаинанд, ки худояшон ба онҳо аз ҳамин ду хислати бунёдӣ зимни ҷангҳо кӯмак мекунад ва онҳо низ ҳамчун таҷассумгари сифатҳои илоҳӣ ҳамин гуна амалкардро зимни ҷанг ба қабилае ё қавми дигаре раво мебинанд. Масалан, дар қавмҳои ҳиндӣ мебинем, ки дар онҳо вобаста аз тарзи зиндагӣ садоқат, самимият, муҳаббат, покӣ, зебоӣ, Худо ё олиҳаҳое бо сифатҳои болотарин чи дар шакли буту олиҳаҳо ва чи дар шакли худоёни фарозаминӣ тасаввур шудааст. Ҳамчунин дар динҳои сомӣ ва динҳои ориёӣ низ вобаста аз хислат, вазъу тарзи бароварда кардани ниёзҳои моддиву маънавӣ ва тарзи зист, сифатҳои гуногуни инсонӣ дар шакли болотарину олотарин дар симои холиқ ё офаридагорашон таҷассум ёфтааст. Аз баррасии нуктаҳои боло ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки инсонҳо ба воситаи сохтаҳои зеҳнӣ тасаввурот, боварҳо, ишқварзиданҳо ҳамеша кӯшидаанд то ҳолати танҳоӣ, яъс ва ноумедии хешро ҷуброн созанд. Дар баробари нотавонӣ дасти тавоное бисозанд. Зимни ноадолатӣ, адолатвареро таҷассум намоянд. Дар баробари маргу нобудӣ дар зеҳни хеш дунёи дигари абадӣ, ҷовидона ва бо тамоми адолату саодатро офаридаанд. Яъне ба ибораи дигар, онҳо хешро дар баробари даҳшати маргу нобудӣ бо як тасаввуроти зеҳнии абадият ва дунёи дигар хешро таскин бахшидаанд. Ҳама аз омилҳои номбурда боиси он мешаванд, ки инсонҳо кӯдаквор динҳоро ба мисли асбоббозиҳои худ ё қанду ширинӣ дӯст медоранд. Барои иддае аз онҳо сахт мушкил аст, ки воқеъиятро он тавре, ки ҳаст қабул намоянд ва ҷаҳонро ба диди илмиву мантиқӣ бипазиранд. Гоҳе ҳам агар ба онҳо дар бобати воқеъиятҳои илмиву мантиқӣ сӯҳбат намоӣ танг мешаванд, исён мекунанд ва мегурезанд. Яъне, ҳеҷ гоҳ намехоҳанд аз тасаввуроти хаёлии зебои сохтаи худ, ки дар асл ба воқеъияту ҷаҳону ҳастӣ ҳеҷ

иртиботе надоранд, даст кашанд ва гоҳе ҳам дар тасаввурашон чунин аст, ки даст кашидан аз ҳамин сохтаҳои зеҳнӣ барояшон нобудкунандаву бемаънӣ хоҳад буд. Воқеят ҳам чунин аст, ки аксар аз онҳое, ки диду ҷаҳонбиниашон танҳо дар чорчӯбаҳои бовармандӣ шакл гирифтааст, чунин ба назар мерасад, ки дунёи онҳоро ҳамин боварҳои сохтаи зеҳнӣ маънӣ бахшидаанд. Ҳар гоҳ, ки ин боварҳоро инкор намоӣ онҳо эҳсоси пучӣ, холигӣ ва бемаъногӣ менамоянд. Чун аслан маънои зиндагиро ҳам дар ҳамин хаёлоту боварҳо пайдо намудаанд.

Дар баробари ин як нуқтаи дигар қобили зикр аст, ки бовар бояд дар ҷаҳони имрӯз кори фард бошад. Зеро миллатҳо, қавмҳо ва халқиятҳои гуногуни ҷаҳон танҳо аз роҳи дарки дурусти воқеъият бо роҳи таҷрибаву озмоиш, ошкор кардани қонунмандии ҳаводису падидаҳо тавонистаанд, фанновариҳои навинро ба миён оваранд, ҷомеаи худро аз ин роҳ ниёзҳояшро ба осонӣ бароварда сохта, истеҳсолотро дар дараҷаи баланд ба роҳ монанд ва миллату давлати хешро қудратманд созанд. Вобаста ба ин агарчӣ боварҳо то андозае барои инсонҳо оромбахшу таскиндиҳандаанд, шодиоваранд, вале ҳеҷ як мушкилро ба тарзи бунёдӣ ҳал карда наметавонанд. Аз ин рӯ, мебояд дар шуури иҷтимоӣ ва пешбурди аъмоли иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, илм дониш ва фанноварӣ дар авлавият қарор гирифта, кори бовармандӣ, имон, диндорӣ кори фардӣ буда бошад. Ба чунин вазъу ҳолат танҳо низоми дунявии идоракунии иҷтимоӣ метавонад шароит муҳаё созад, ки ҳам муқаддасоти динии афрод дар сатҳи фардӣ ҳифз шаванд ва ҳам илму донишу фанноварӣ рушд намуда, боиси пешрафт ва саодати иҷтимоӣ дар рӯзгори башар гарданд.

**Сайёра ҒАФУРӢ**
*устоди ДДФСТ ба номи М. Турсунзода*

# ШИОРСОЗИИ МАТБУОТӢ - ВАСИЛАИ МУАССИРИ ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

(ба муносибати 25-солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ)

*Баргу сози коинот аз вахдат аст,*
*Андар ин олам ҳаёт аз ваҳдат аст.*
*Муҳаммад Иқбол*

Сухан беҳтарин неъмати маънавӣ, калиди дари маърифат ва силоҳи пурқудрати мубориза баҳри ҳақиқат ва хирад мебошад. Дарвоқеъ, сухани созанда, сухани ҳакимона ё як шиори бамавриду таъсирбахш метавонад, ба зеҳни мардум таъсир расонида, онҳоро ба сулҳпарварӣ, ватандӯстию созандагӣ водор созад. Дар замони рушди илму техника ва иттилоот шиор мавқеи хосеро соҳиб гаштааст. Шиорҳо бо шакли муҷази худ барои истифода мувофиқ буда, шаҳрвандону сокинони ҷумҳуриро ба кору амале раҳнамоӣ менамоянд. Таърих гувоҳ аст, ки ҳангоми дар хатар будани Ватан шиору суханони баландпарвоз мардумро рӯҳбаланд сохта, онҳоро ба якдилию вахдат даъват намуда, дар мубориза алайҳи душманон руҳу тавони тозае мебахшиданд ва дар натиҷа, онҳо ҳатман ғалаба мекарданд.

Дар таърихи халқамон кам набуданд сарлашкарон, абармардон, арбобони давлату сиёсат, ки бо сухандонию суханвариашон байни халқ шухратёр гашта, ҳар як шиору даъват ва суханони пурмуҳтавои онҳо ба хазинаи забон ворид гашта, ҳамчун таркибу ибораҳои ҳакимона мавриди истифода

қарор гирифта, дар тарбияи насли ҷавон хизмати босазое кардаанд.

Ба фарорасии иду ҷашнҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо шиору хитобаҳо чоп мешаванд, ки ифодагари мазмуну муҳтавои ин ҷашнҳо мебошанд. Ба қатори чунин ҷашнҳои бузург Ваҳдати миллӣ дохил мешавад, ки мо имсол 25-солагии онро истиқбол мекунем ва дар ин замина қарор додем, атрофи мазмуни баъзе шиору хитобаҳои мавзуи зикргардида, интихобан дар чанде аз рӯзномаю ҳафтаномаҳо, таваққуф намоем.

Бояд таъкид кард, ки шиору даъват, хитобаҳо мазмуни мафҳум ва ҳодисаҳои таърихиро бояд дода тавонанд. Дигар ин ки роҳи ба ваҳдат расидани мардуми тоҷик аз соли 1991 то соли 1997 хеле сахту сангин буд, ки онро ба санги хора монанд кардаанд. Аз ҷумла: "Роҳи ваҳдат зи санги хоро бигзашт" ( //Адабиёт ва санъат № 19, 11. 05. 2017. С. 3). Ё ҷойи дигар: "Ваҳдат – гувоҳи шикастнопазирии миллат" (//Ҷумҳурият № 99, 17. 05. 2017. С. 2). Воқеан, якдилӣ, муттаҳидӣ, сарҷамъӣ миллатро дар арсаи таърих метавонад, аз фиребу найрангҳои душманон эмин дорад.

Ба чанд намунаи дигари шиорҳои марбута таваҷҷуҳ мекунем: "Ваҳдат оинаи башоратҳост" (//Ҷумҳурият, 22. 05. 2017. С. 2). Яъне, муттаҳидӣ оинаест, ки аз ҳаёти орому осишта ва хушбахтӣ мужда медиҳад. "Фурӯғи фардоафрӯзи ваҳдати миллӣ" (//Ҷумҳурият, 22. 05. 2017. С. 3) ба маънои он аст, ки нури ваҳдати миллӣ роҳи фардои миллатро равшан мегардонад. " Иқтидори миллат андар ваҳдат аст" (//Адабиёт ва санъат № 21, 25. 05. 2017. С. 8) маънои онро дорад, ки агар миллат сарҷамъу якдил бошад, қудратманду шикастнопазир мегардад. "Ваҳдат рушдбахши давлат" (//Омӯзгор № 21, 25. 05. 2017. С. 5) ба он маънӣ истифода шудааст, ки муттаҳидии миллат пояи давлатро мустаҳкам намуда, роҳи инкишофи онро ҳамвор месозад. "Ваҳдат ифтихори миллат" (//Омӯзгор

№ 21, 25. 05. 2017. С. 6), яъне ҳар як миллат аз сарҷамъии худ меболад, зеро ҳамин ваҳдат барои рушди давлат поя мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон даъват мекунанд: «Парчами Ваҳдатро баланд бардоред». Ҳақ ба ҷониби Ҷаноби Олӣ аст. Мо бояд ба қадри сулҳу субот расем ва парчами ваҳдатро боло бардорем, то ки ҳамеша болои сари мо болафшонӣ кунад. Дар шиори “20-солагии Ваҳдати миллӣ” (//Минбари халқ № 22, 31. 05. 2017. С. 4) дастовардҳои бистсолаи мо дар умури ваҳдатсозию ваҳдатофарӣ пеши назар меоянд. Бо дидани ин навиштаҳо мо дарк мекунем, ки бист сол боз мо дар муттаҳидӣ умр ба сар бурда истодаем. Гузашта аз ин, такя ба неруи ҷавонони кишвар дар авлавияти сиёсати давлатӣ қарор дорад ва пеш аз ҳама, ба насли ҷавон бояд фаҳмонд, ки ваҳдати миллӣ василаи баҳамойӣ ва иттиҳоду ҳамбастагии мардумист. Вақте ки шиори “Ҷавонон – ҳомиёни ваҳдати миллӣ” (//Ҷавонони Тоҷикистон №13, 30.03. 2017. С. 6 ) дар матбуоти даврӣ нашру пахш мешавад, қувваи пешбарандаи имрӯзи мо – ҷавонон пеши назар меяод, ки ҳамчун пуштибони ваҳдати ҷомеа метавонанд дар иттиҳоду ҳамзистии мусолиматомез саҳми арзанда бигузоранд. Ё ин ки “27 июн – Рӯзи ваҳдати миллӣ” (//Ҷавонони Тоҷикистон №13, 30.03. 2017. С. 6) ба он маънист, ки 27- уми июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣӣ ба имзо расид. Маҳз ваҳдати миллӣ умеди суботи ҳаёти сиёсиро ба вуҷуд овард ва дар партави ин падида низоъҳои чандинсола аз байн рафт. “Саодати миллат дар ваҳдат аст” (//Минбари халқ № 22, 31.05. 2017. С. 4). Хушбахтӣ, некбахтии миллату ҷомеа ба сарҷамъию якдилии он вобаста аст. “Ваҳдат бисоти мост” (//Адабиёт ва санъат № 23, 8. 06. 2017. С. 2). Боигарӣ ва дороии мо ваҳдати миллӣ мебошад, чунки

миллати паҳну парешон ба ягон дастовард ноил намегардад. “Ваҳдат – паёми нусрати миллат” (//Адабиёт ва санъат № 23, 8. 06. 2017. С. 1). Сарҷамъии миллат аз пирӯзӣ дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ дарак медиҳад.

Парокандагии миллӣ, ҷудоӣ ба маҳаллу гурӯҳҳо ва паси сангари муқобил пайи қасди ҷони якдигар қарор гирифтани тоҷикон, ки акнун истиқлолият насибашон гашта буд, воқеан, даҳшат ва хатари азиме буд. Тақдир ва сарнавишти миллати тоҷик дар солҳои 1992-1994 чун «ашки сари мижгон» дар вазъи ҳассосе қарор дошт.

Ваҳшонияти ин рӯйдоди нобасомон, ки доғе ба қалби ҳар пиру ҷавон ҷо намуда ба ҳар хонадоне осори ғаму андуҳ ниҳода буд, дар шеъри Муъмин Қаноат чунин тасвир шудааст:

*Чунин разми беназмро кас надид,*
*Ва тасвири онро набояд кашид.*
*Зи тифлони гавҳора то пири кор,*
*Бишуд сайди ин ҷангу тири шикор.*

Чун тулуи офтобе, ки баъди чанд рӯзи боронҳои пай дар пай синаи абрҳоро шикофта берун мешавад, моҳи ноябри соли 1994 роҳбарии давлати тоҷикон ба ӯҳдаи шахсе вогузор гардид, ки нахустин суханаш: «Ман кори худро аз сулҳ сар мекунам» буд.

Дарвокеъ, ин шахси ватандӯсту матинирода тавонист орзуву омоли деринтизори тоҷиконро ҷомаи амал пӯшонад.Ӯ ин миллати парокандаву парешон ва ноогоҳ аз максадхои нопоки чанд мансабхоҳ дар қасди ҷони бародари худ камон ба даст гирифтаро ба ваҳдату сарҷамъӣ даъват намуда, сулҳро дар кишвари тоҷикон барқарор намуд. Маҳз ба шарофати саъю талош ва фидокорию қаҳрамониҳои беназири Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон яъсу ноумедӣ фазои Тоҷикистони азизро тарк кард ва шарораи умедро баояндаи дурахшони

миллат дар дили миллионҳо тоҷику тоҷикистонӣ фурӯзон нигоҳ дошт. Устод Лоиқ Шералӣ яке аз аввалинҳо шуда ин санаи сарнавиштсозро барои ҳаммиллатонашон муборакбод гуфт:

*Имоми ду тарафро мекунам табрик,*
*Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!*
*Кунун огози сулҳ асту рафоҳи халқ,*
*Бувад ояндаи пурнурамон наздик!*

Гулрухсор аз тулуи ҳаёти нави мардуми кишвар ва эҳёи зиндагии пурбаҳои миллати бунёдкори тоҷик ба ваҷд омада мегӯяд:

*Боз тоҷик, -*
*Миллати мурги Самандар,*
*Аз шӯои оташи худсӯзии худ,*
*Марзи имонро биафрӯзад.*
*Тоҷикистон сӯхт гар*
*аз ҷаҳли тоҷик*
*Фазли тоҷик-*
*Тоҷикистонро биафрӯзад.*

Дарвоқеъ, ҳиммати баланди бахшандагӣ ва заковату дурандешии фозилонаи Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон боиси он гардид, ки 27 июни соли 1997 дар Маскав Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид ва мардум, хушбахтона, 25 сол боз ба баракати ҳамин санади қисматсоз рӯз мебаранд. Ин амали ҷавонмардона ва хирадмандона, ки зиндагии хушу гуворо ва оромию осоиштагии имрӯзаро ба бор овардааст, дар таърихи халқи тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт гашта, ояндагон онро чун як амали ибратбахш бо ифтихору сарбаландӣ ба худ қабул хоҳад кард.

**Аслиддин САЛИМОВ**
*сиёсатшинос*

## ЭҲТИМОЛИЯТИ РАВАНДҲОИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

Ҳадафи ниҳоии ҳамаи маҳсулоте, ки худи табиат меофарад ё саноат истеҳсол мекунад, ба як ҳисоб барои таъмини зиндагии инсон ва рушди он хизмат кардан аст. Маҳз ба ҳамин хотир меҳнат дар ҳамаи давру замонҳо манбаи ҳаргуна сарватҳои моддӣ ва маънавӣ эътироф карда мешавад.

Моҳият, мафҳуми калимаи «дониш» аз нуқтаи назари фалсафаи таҳсилоти асри XXI маънӣ ва мундариҷаи хос пайдо менамояд. Дар асри нав падидаҳое, ба монанди «футурология», «индивидуализм», «модернизм» ва «рушди инсон» маъмул гардиданд, ки моҳиятан ба дигаргунии шароитҳои инсонӣ мусоидат мекунанд.

Футурология ё худ ояндангарии илмӣ соҳаест, ки равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро бо истифода аз метод ва методологияи илмӣ пешбинӣ ва баррасӣ менамояд. Он на ба саволи "мо аз куҷо омадаем?", балки "мо ба куҷо равонем" посух медиҳад. Аммо ба назар муҳим он аст, ки ба суоли "мо дар кадом сатҳ қарор дорем?", ҷавоб диҳад. Донистани он, ки донишҳои молиявӣ, равонӣ, техникӣ ва сиёсӣ дар кадом сатҳ қарор доранд, аз нигоҳи илмӣ муайян гарданд, қудрат ба посух додани "ояндаи инсон чист?" – маълум мегарданд.

Индивидуализм ё ба истилоҳ, "фардгароӣ" яке аз асолатҳои замони мо буда, он шарти кулли ҳаёти инсонӣ дар шароити "либерализми иқтисодӣ" маҳсуб меёбад. Индивидуализм ва модернизм "навпарастӣ" падидаест, ки аз шуури инсонҳо "тақдирпарастӣ" "такя ба қувваҳои осмонӣ" ва

дигар идеяҳои қафобарандаро баркандан мехоҳад. Дар ҳамин замина худи ин ду падида амнияти муносибатҳои иқтисодиро дар имконият баробар карда наметавонанд. Агар оптимистона назар андозем ҳеҷгоҳ дар ҷаҳон бамонанди имрӯз барои сарватмандшавӣ ва либерализми иқтисодӣ шароит фароҳам нарасида буд. Аммо бояд иқрор шуд, ки масъала нигоҳи нисбиро талаб мекунад. Ҳама чиз дар ҷаҳон (мафҳумҳои озодӣ, баробарӣ, адолат, сулҳ, муҳаббат, нафрат, сарватмандӣ, саломатӣ ва ғ) нисбӣ ҳастанд. Мутлақ набудаанд.

Дар ҳамин маъно эҳтимол, мусибатомезтарин таззоди асри мо дар он бошад, ки бӯҳрони монеаҳои сиёсӣ, идеологӣ, болоравии муҳоҷирати меҳнатӣ, харобсозии радиатсия, заҳролуд гардонида шудани қабатҳои ҳаво, ҳодисаҳои тағирёбии ирсият, бӯҳрони иқтисодӣ ва экологӣ, тахриботи захираҳои табиӣ, муаммоҳои демографӣ ва рақобатҳо, зиддиятҳо ва мубориза҇ҳои носолимро нагӯем ҳам мешавад. Моҳиятан анализ, синтез, мушоҳида, муқоиса ва хулосабарориҳои дақиқ он аст, ки дар замири ҳамин равандҳо манфиатҳо ва талаботҳои беохири инсонӣ ниҳонанд. Зеро "ҳаёт он чизи ниҳон дар ботини худи инсон аст, ки мавҳум, номуайян намемонад, куллан зоҳир мешавад."[2.232]. Ҳамагон медонанд, ки устувортарин ва харобкунандатарин арзиши инсон ин талаботи худи ӯст. Ба инсон фароҳам овардани тамоми он чизеро, ки мехоҳад, дастрас намудан ва дар ҳамин замина ба хулосаҳои дақиқ омада мегӯяд, "ин ҳама чиз ҳанӯз ҳеҷчиз" аст.

Дар шароити муосир, ки на танҳо барои мустақар шудан дар кайҳон имкониятҳои техникӣ пайдо мешаванд, балки эҳтиёҷоти иқтисодӣ ва бӯҳрони иқтисодӣ ин имконотро мунтазам талаб менамояд. Бояд иқрор шуд, ки омӯхтани проблемаҳои кайҳонӣ ба таъмини амният, осудагӣ ва фароҳам овардани шароитҳои иқтисодӣ муосоидат накард,

балки ба манфиатҳои геополитикӣ хидмат намуд. Имрӯз ин ҳолатро дар мисоли абарқудратҳо мушоҳида мекунем.

**Covid-19** ба инсоният исбот кард, ки давлатҳо абарудрат ва беқудрат мешаванд. Аммо қудратмандӣ низ мафҳуми нисбӣ аст. Дар ин ваъз ҳамаи кишварҳо мувоҷеҳ ба проблемаҳои иқтисодӣ шуданд. Кишварҳое, ки аз лиҳози иқтисодӣ имкониятҳои маҳдуд доранд, яъне аз ҳисоби андоз даромад мекунанд, эҳтимоли наздик барои ба бӯҳрони иқтисодӣ гирифтор шуданро доранд.

**Covid-19** бори дигар ба инсоният исбот кард, ки Илм на ҳама вақт барои Инсон, балкӣ дар баъзе лаҳзаҳои ҳассостарин Илм барои Илм хидмат мекунад.

Дар ҷаҳоне, ки бунёдаш аз рақобатҳо ва муборизаҳои носолим печида буд, муҳоҷирати корӣ ба хатари бисёрҷониба табдил ёфтааст: "аз як тараф, он боиси коҳиш ёфтани сатҳи саводнокии аҳолӣ гардидааст, чунки ҷавонон ояндаи худро фақат дар муҳоҷирати корӣ мебинанд; аз тарафи дигар, ин падида ҷомеаи тоҷикро чи аз ҷиҳати ахлоқӣ, ба ҷомеаи дастнигар ва истеъмолӣ табдил медиҳад"[1.50].

Ҳадафи ниҳоии ҳамаи муҳоҷирати корӣ ба даст овардани маблағ ва таъмин намудани шароитҳои арзандаи зиндагӣ аст. Аммо дарёфт накардани имкониятҳо дар дохили худи кишвар боиси рӯ овардан фақат ба муносибатҳои истеъмолӣ мегардад.

Гузашта аз ин, зарур медонем пешниҳод кардани сабаб ва омилҳои камзиоатии инсонҳо дар ҷаҳон ва Тоҷикистонро:

- Нарасидани донишҳои психологияи иқтисодӣ ва ваъзи заифи равоншиносии ҷамъиятӣ;

- Нигоҳи антропологӣ (инсоншиносӣ) он аст, ки фард барои дигаргун сохтани ҳаёти худ бояд "қобилияти шинохт" дошта бошад ва дар ин замина надоштани "қобилияти фикр" ва "ғояи ташаббус" дар фард сабаби нодорӣ мегардад;

- Инсонҳо бояд дар имконият баробар бошанд. Ҷомеа боадолат аст, агар инсонҳо эҳсосоти баробарӣ доранд. Баробарӣ дар назди қонун, баробарии сиёсӣ, баробарии гендерӣ ва ғ.

- Ҳамзамон, хотиррасон бояд кард, ки эҳтимолияти равандҳои иқтисодӣ марбут ба равоншиносии ҷамъиятӣ оид ба шаклгирии характери миллӣ аст. Характери миллӣ яке аз қисматҳои асосии индикатори рушд ва бӯҳрони иқтисодӣ маҳсуб меёбад;

- Вуҷуд доштани сохтори фикрронии инсонҳои сарватманд ва камбизоат.

Ба ҳамин тариқ, аз паи принсип то хулосаҳои охирини он рафта муҳимият ва зарурати донишҳои психологияи иқтисодиро дар рушди иқтисоди миллӣ ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар бозори меҳнат эҳсос мекунем. Ин омилҳоро бояд аз нигоҳи методологияи илмӣ баррасӣ ва таҳқиқ намоем.

Меҳнат ва заҳмати сокинони бурунмарзиамон, ки қисмати зиёди эшон ба корҳои сохтмон машғул ҳастанд, бояд арзиши кор ва музди меҳнат ба бозори ҷаҳонӣ мувофиқат дошта бошад. Вагарна худи ҳамин инсонҳо дар вазъи ногувори иқтисодӣ қарор мегиранд. Зеро “меҳнат ҳаргиз як чизи номуайян нест; умуман меҳнат не, балки ҳамеша ин ё он меҳнати муайян харидаю фурӯхта мешавад”[4.53].

Хотирнишон карданием, ки мо давлати бузург гуфта инсонҳои тавоно, хирадманд, ва дар умум шахсиятҳои қобилияти шинохти воқеият доштаро дар назар дорем. На онҳоеро, ки гурез аз воқеият доранд.

Эҳтимоли қавӣ он аст, ки рӯй наовардан ба илм ва дур мондан аз китоб, нарасидани донишҳои иқтисодӣ фардро (хусусан ҷавононро) водор месозанд, то бо ҷисм меҳнат карда бо даст маблағро шуморанд. Аммо инсони хушманд барои

тамоми ҳаёт бо ақл, заковат ва касбияти олӣ заҳмат кашида пулро низ бо даст мешуморад. Ҳароси инсони камбизоат ҳамеша аз хароҷотҳои бузург аст, аммо тарси инсони сарватманд аз даромади кам мебошад. Фаҳмидани он мушкил нест, ки дар замири ҳар як комёбӣ ва нокомӣ сохтори тафаккури инсони камбизоат ва сарватманд ниҳон аст. Бояд эътироф кард, ки сарватмандӣ, камбизоатӣ, хушбахтӣ, комёбӣ ва ғ. Дар мағзи сари инсон аст. Берун аз худ ҳеччиз вуҷуд надорад. Аммо моҳияти ин идея инкор кардани муҳити иҷтимоӣ нест. Носолимии муҳит шахсиятро нобуд месозад. Идеяҳо ва идеологияҳо бояд мувофиқ ба шароитҳои инсонӣ бошанд. Утопия набошанд. Дар ин самт таҳқиқотҳои доманадор аз ҷониби олимони дар сатҳи ҷаҳонӣ маъруф шуда гузаштанд, ки ба тағирёбии идеяи қисмате аз инсонҳо гардиданд. Идеяҳои Жак Фреско, Ҳ.Аренд, Б.Шеффер, Н.Хил, Р.Киосаккӣ ва олими тоҷик С.Давлатов доир ба донишҳои молиявӣ боиси омӯзиш мебошанд.

Коршиносон мӯътақид бар онанд, ки "сарватмандон меандешанд, ки танҳо бо роҳи рост сарватманд шудан имкон мумкин аст. Камбизоатон бошанд, баръакси он фикр мекунанд"[3].

Ба ҳамин тариқ, сарватмандии асосӣ дар ҳаёт сарвати маънавӣ мебошад. Камбизоатии асосӣ қашшоқии ақли инсон аст. Аз ин рӯ, қашшоқии фалсафа гуфта мо маҳдуятҳои ҷаҳонбиниро дар назар дорем. Бинобарон сохтани ҷаҳонбинӣ ин дар умум сохтани ҳаёти инсон аст. Дар асоси аҳволи иҷтисодии Тоҷикистон мо имконияти принсип ва механизмҳои амалигардонии омилҳои зикргардидаро дорем, зеро давлат ба илм таваҷҷӯҳи оптимистона дорад.

## Адабиёт

1. Бобоёров Ҳ. Алтернативаҳо ва моделҳои рушди инсонӣ дар ойинаи футурология. // Илм ва ҷомеа. № 1-2., 2015-2016.

2. Гегел В. Ф., Философия духа, М., "Мысль", 1977.

3. Давлатов С. Стратегия мышления бедных и богатых людей. Бишкек, 2012.

4. Марк К. Қашшоқии фалсафа. Ҷавоб ба "Фалсафаи қашшоқӣ" – и ҷаноби Прудон. – Душанбе: Ирфон, 1983.

## АЗ СИЛСИЛАИ РАВШАНФИКРОНИ МУОСИР

**Комил БЕКЗОДА**
*доктори илмҳои фалсафа*

# АБДУРРАҲМОН БАДАВӢ ВА МАРКСИЗМ



**Абдурраҳмон Бадавӣ (1917-2002)**



**Маҳмуд Амин ал-Олим (1922-2009)**

Доктор Абдурраҳмони Бадавӣ (1917-2002) файласуфи экзистенсиалисти (вуҷудӣ)-и Миср буд. Аввалин китоби фалсафии худро бо номи "Нитше" соли 1939 нашр намуд. А.Бадавӣ 120 китоб ба забонҳои арабӣ, англисӣ, фаронсавӣ, испанӣ, итолиёвӣ...чоп кард. Дар фаъолиятҳои илмии худ аз фарҳанги урупоӣ ҳимоят мекард. Аммо тамаддуни арабӣ ва исломиро мавриди танқид қарор медод. Дар асри XX бузургтарин файласуфи араб эътироф шудааст ва 85 сол умр дидааст.

Маҳмуд Амин ал-Олим (1922-2009) файласуфи марксист буд. Ҳамвора бо андешаҳои фалсафии А.Бадавӣ мухолифат мекард. Ба андешаи ӯ, фалсафаи субъективии А.Бадавӣ барои ҷомеаи асри XX Миср ҷавобгӯ нест. Вале фаъолиятҳои илмӣ ва фалсафии А.Бадавӣ сазовори таҳсин ва тақдир аст. Худи Маҳмуд Амин ал-Олим дар фарҳанги иҷтимоии Мисри асри XX назариётчии марксистӣ шинохта шудааст. Муқоисаи ин ду файласуф аз нигоҳи идеологӣ дар ҷомеаи муосир сазовори таваҷҷуҳи муҳаққиқон мебошад.

Устод Маҳмуд Амин ал – Олим [5] яке аз файласуфони марксист ва коммунисти Миср аст. Мақоми ӯ дар давраи Шӯравӣ ҳам аз ҷониби ҳизби коммунисти Шӯравӣ – КПСС эътироф гардида буд. Ба ин хотир як китоби ӯро ба номи “Бархурдҳои фикрӣ”[4] ба забони русӣ тарҷима намуда буданд. Вақте Бадавӣ соҳиби унвони доктори фалсафа шуд, Амин ал – Олим донишҷӯи Университети Қоҳира буд. Баъдҳо ал – Олим вориди ҳизби коммунисти Миср гардид ва муборизаи ӯ ба муқобили Бадавии файласуфи буржуазӣ ва экзистенсионалист оғоз гардид...

Устод Маҳмуд ал – Олим дар мақолае, ки бахшида ба Абдурраҳмони Бадавӣ навиштааст, ошноии худро ба шахсияти ӯ ва андешаҳои фалсафиаш чунин ёдоварӣ менамояд:

...“Аввалин бор дар декабри соли 1945 дар маҳфиле бо номи “Ҷамъияти фалсафӣ” дар факултети адабиёти ба номи Фуоди аввал (ҳоло “Университети Қоҳира”) суханронии расмӣ намуда, аз доктор Бадавӣ ном бурдам, ки мавзӯи гузориши ман чунин ном дошт: “Абсурд (Муҳол) дар табиат ва ҳунар”. Раиси маҳфил ҳамкорам (ва ҳоло доктор) Камол Дасуқӣ гуфт, ки гузориши ман сахт парешон ва берӯҳ буд. Дар воқеъ ин гузориш давоми он андешаҳое буд, ки ман аз нимаи давраи таҳсили мактаби миёна оғоз намуда, ва дар даврони

донишҷӯиям (сентябри 1945) пайгирӣ намуда будам[1,с.185-204].

Боре дар хонаи бародарам Муҳаммад Шавқӣ Амин чанд шумораи маҷаллаи "ар - Рисола" – ро дидам. Ин маҷалла аз ҷониби Муҳаммад Ҳасан аз – Заёт таъсис дода шуда буд. Дидам ки дар ин маҷалла пораҳое, аз китоби "Чунин гуфт Зардушт"-и файласуфи олмонӣ Фридрих Нитше ба чоп расидааст. Ин китоб аз ҷониби яке аз равшанфикрони масеҳии араб Феликс Форис ба арабӣ тарҷима шуда буд. Бо шуру шавқ он порчаҳоро мутолиа намудам.

Тасодуфан ба муаллими забони фаронсавӣ, ки шаҳрванди Фаронса буд, ва ҳаводори фалсафаи Нитше, вохурдам. Ӯ дар бораи Нитше маълумотҳои аҷибу ғарибе ба ман нақл кард. Таваҷҷӯҳи маро ба шахсияти ин файласуф ҷиддан барангехт... Аввалин иқдоми ман ин шуд, ки дар ҷустуҷӯи китобҳои арабӣ шудам, ки дар бораи фалсафа умуман ва фалсафаи урупоӣ махсусан, чиҳо навиштаанд...

Инро ҳам бояд зикр кунам, ки ҳангоми дар мактаби миёна таҳсил карданам, ба фалсафа майл доштам. Вале аҳли хонаводаам мухолиф буданд. Бо вуҷуди ин баъди хатми мактаби миёна ба факултети фалсафаи Университети Қоҳира пайвастам. Аввалин китобе, ки доир ба Нитше ба забони арабӣ пайдо кардам, китоби доктор Бадавӣ буд. Нашри соли 1939. Нашри аввали он.

Дар тули таҳсилам дар донишгоҳ Абдурраҳмони Бадавӣ[8] рамз ва намунаи зиндаи як шахсияти нитшепараст боқӣ монд. Ӯ ошкоро нитшепарастии худро ошкоро ба рухи хосу ом мекашид ва аз ин рафторҳои худ ифтихор ҳам мекард. Вале ман мақоми Нитшеро аз рӯи фаҳмиши худ дигархел тасаввур мекардам. Ба як калима ба ақидаи ман дар он замон Нитше файласуф ва шахсияти фавқулодае буд, ки ба муқобили

ҳамагуна худбохтагӣ ва заъифиҳои башарӣ дар мубориза ва мухолифат буд.

Заминаи ин тасаввури ман шояд ин буда, ки аз дер замоне китоби шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ ва католикмазҳабро бо номи *Луи* Массинен дар бораи Ҳаллоҷи сӯфии мусулмон хонда будам. Гӯё шеърҳои Ҳаллоҷ образеро пеши чашмам ҷилва медоданд, ки Нитше ба сӯи Абармард (Супермен) – и худ равона буд! Шояд вазъи иҷтимоӣ ва сиёсии солҳои чиҳили мисри асри XX чунин сароберо бар фикри ман таҳмил мекард:

Ҳолатҳои афсурдагии рӯҳӣ... Рӯ овардан ба шеърҳои хаёлпарваронаи романтикӣ... Эҷоди шеър... шоҳмот... Мутолиаи бардавом...Сайругашти беҳадафонаи кӯчаю бозор... Ширкат дар гирдиҳамоиҳои сиёсӣ ва миллӣ... ва ғайра.

Ҳолате парешон доштам... Шабеҳ ба як буҳрони рӯҳӣ. Мехостам худро ба водии рушноӣ бирасонам. Дар як мисраи шеър гуфта будам: "*Лам табқо илло хутватун ав хутватони ала-ал - вузуҳ*" ["Танҳо қадаме ва ё ду қадам мондааст, ки парешонӣ ва маҷҳулот барои ман возеҳ ва равшан гардад"].

Вале, ҳайҳот ки дар он солҳои бӯҳронӣ ба чизе аз қабили андешаи дақиқ ва равшан расида бошам!

Маҳмуд ал-Олим мегӯяд:

Соли 1945 буд. Устод Бадавӣ китоби "Замони вуҷудӣ"-ро ба нашр расонд. Ману Аббос Аҳмад он китобро харидорӣ намудем. Ҳамзамон яке аз қаҳвахонаҳои кӯчаи Фуод (ҳоло кӯчаи ба номи "23 Июл") нишаста, дар чанд соат онро мутолиа намудем. Ҳоле моломол аз ваҷду ташаннуҷ доштем. Вақте ба боби ҳолати таҷрибаи вуҷудӣ расидем, ба мо чунин намуд, ки устод Бадавӣ ба таҷрибаи зиндаи вуҷудӣ хиёнат кардааст! Ба ин маъно, ки таҷрибаи вуҷудии зиндаро дар қолабҳои шахшуда ва мурдаи категорияҳои фалсафӣ ва ақлонӣ маҳбус кардааст![2,с.191]. Баъди мутолиаи китоб ба хулосае расидем, ки ба хонаи устод Бадавӣ биравем ва ӯро барои ин иштибоҳи

ғайричашмдошташ маҳкум намоем. Дарро кӯфтем ва бародари кӯчаки устод моро пешвоз гирифт ва гуфт, ки устод дар хона ҳузур надоранд. Чаро ки ману Аббос сахт маст будем; Ба ёдам ҳаст, ки баъди ин ҳодиса ба хонаи дӯсти муштаракамон Фарҳот Тумо рафтем. Фарҳот корманди китобхонаи Университет буд. Бо дарду алам қиссаи зиёрати хонаи устод Бадавиро нақл кардем. Бо вуҷуди ин эҳтироми ҳамешагии худро нисбат ба илму дониши Устод ва тарсу ҳароси худро нисбат ба шахсияти ӯ ҳифз намудем.

Дар он шабонарӯз мо ба ҳаракати ватанпарастонаи Миср сахт таваҷҷуҳ доштем-ҳаракате ки солҳои 1940 дар Миср мавриди гуфтугӯи ҳамагонӣ буд. Мубориза бар зидди ишғолгариҳои Британия ва ҳукумати истибдодӣ бо ҳизбҳои лаганбардори ҳокимияти истеъмории Англия дар Миср. Баъзе аз мо ба ҳаракати марксистӣ дар қолаби назариявии он таваҷҷуҳ менамудем. Аммо ману Аббос пайрави ҳаракати холиси миллӣ будем.

Мо дар феврали соли 1946 ба кумитаи миллии донишҷӯён Аббос Аҳмадро чун намояндаи қисми фалсафии Донишгоҳ пешниҳод накардем. Ҳарчанд, ки ин кумитаро ҳаракати марксистӣ сарварӣ мекард. Чаро? Барои он ки: 1- Ман он замон ба марксизм мушкил доштам; 2-Мушкили назариявӣ буд; 3-Фикр мекардам марксизм танҳо як назарияи холиси иқтисодӣ ва моддӣ асту бас; 4 - Ба андешаи онрӯзаи ман марксизм аз ҷиддият ва умқи фалсафӣ ва ахлоқӣ маҳрум аст; 5-Гӯё дар як вақт ширкат кардан дар ду ҷабҳаи сиёсӣ: миллӣ ва марксистӣ майлҳои ҷиддии вуҷудӣ - экзистенсиалии маро халалдор менамояд.[2,с.192].

Ҳамзамон дар он вақт бо устоде ки тоза аз Инглистон омада буд ва аз фанни инглисӣ дарс мегуфт, ошно шудем. Шахсияти хоксор, пайрави сотсиализм ва демократия буд: Номаш-Луис Аваз. Ҳамчунон доир ба фаъолиятҳои дохили донишгоҳӣ ва

берун аз донишгоҳии устод Бадавӣ сахт таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Ӯ тоза таҳқиқе анҷом дода буд дар мавзӯи: Танқиди методологияи материализми диалектикӣ ва таърихӣ дар марксизм. Ҳамин тавр категорияҳои вуҷудии устод Бадавӣ ва интиқодоти сотсиалистии устод Луис Аваз ва зиддияти ин ду назар, андешаҳои вуҷудии маро ба чолиш кашид. Дар ин гармогармии баҳсу ҷидал дар байни мо ҷабҳаи сеюм пайдо гардид: Доктор Юсуф Мурод-равоншиноси маъруф, ки маҷаллаи "Илми равоншиносии такомулӣ"-ро таъсис дод. Мо ҳар ҳафта ба хонаи ӯ мерафтем ва сари мавзуъҳои доғи рӯз бо ҳам баҳс мекардем. Ман то он рӯз ҳам пайрави фалсафаи вуҷудии худ будам, ки хулосаи онро дар декабри соли 1945 дар маҳфили фалсафии Донишгоҳ гузориш додам[1,с.193].

"Дар ин байн дар маҷаллаи "ал - Башир" "The Herald", ки ёру дӯстони ман таъсис намуда буданд, сармақолаи шумораи якумро навишта, "тасодуф" - ро ба ҷои "абсурд" истеъмол намудам. Ин мавқеъ, солҳо андешаи маро дар ҳоли парешонӣ нигоҳ дошт...

Дар ин замон китобе ба дастам афтод, ки маро аз ин парешонӣ наҷот дод: "Материализм ва эпириокритизм" –и Владимир Илич Ленин. Ва андак баъдтар: "Диалектикаи табиат"- и Фридрих Энгелс. Ин ду китоб инқилобе дар андешаи фалсафии ман эҷод кард ва ман гӯё аз нав ба ҷаҳони илму фалсафа ворид гардидам [1,с.194].

Ҳамин тавр ба муборизаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фикрии ҷадид пайвастам ва дар ин роҳ таҷрибаи зиндагии вуҷудиро аз сар гузаронидам: зиндон, шиканҷа, ғурбат ва бадрақа аз Миср. Бо вуҷуди ин фурсате пеш омад, ки ҳамаи осори доктор Бадавиро ба диди нав мавриди мутолиа қарор диҳам [1,с.195].

2

Баъди хатми рисолаи "Тасодуф" дар июни соли 1953 ба навиштани аввалин нақдҳои худ доир ба фалсафаи вуҷудии

(экзистенсиалии) доктор Абдурраҳмон Бадавӣ оғоз намудам. Аввалин мақолаи ин силсила чунин ном дошт: "Ин аст ахлоқи вуҷудӣ". Дар соли 1954 ба нашр расид. Ин мақолаи ман ҷавобе буд ба мақолаи доктор Бадавӣ бо номи "Оё ахлоқи вуҷудӣ имкон дорад?", ки соли 1953 ба чоп расида буд. Китоби "Тасодуф"- и ман дар асл рисолаи дипломии ман буд, аз университети Қоҳира. Мақолаи аввалини зидди фалсафаи вуҷудии урупоӣ дар ҷаҳони араб мавриди таваҷҷуҳи фарҳангиёни ин кишварҳо қарор дошт. Барои мисол баъзе китобҳои нависандагон ва файласуфони вуҷудии Фаронса чун: Ҷон Пол Сартр ва Албер Калю ба арабӣ тарҷума шуда буданд [1,с.195].

Инсон дар фалсафаи вуҷудии урупоӣ чун Сартр ҳаммарз бо масъулияти шахсӣ буд. Дар сурате, ки докторБадавӣ ба таври мутлақ шахси инсониро дар бархурдҳои вуҷудӣ ва ахлоқӣ аз ҳам ҷудо месохт. Дар сурате, ки дар фалсафаи вуҷудии урупоӣ ҷанбаи ахлоқиро ҷузъи ҷудонопазири таҷрибаи зиндаи вуҷудӣ мешуморанд [1,с.195].

Вале ман дар охири мақолаам ба ин натиҷа расидам: "Фалсафаи вуҷудӣ он фалсафае нест, ки дар шарқи исломӣ тарафдор ва харидоре дошта бошад. Барои мо фалсафае зарурат дорад, ки имону эътимоди моро ба илм ва қонунҳои объективии он ва эҳтироми моро ба таърихи бузурги инсонӣ инъикос намояд" [1,с.196].

Ҳамин тавр дар охирҳои соли 1958 аз ман даъват намуданд, ки дар клуби муаллимон дар шаҳри Қоҳира дар мавзӯи "Озодӣ ва масъулият дар фалсафаи Сартр", гузориши илмӣ пешниҳод намоям. Политсия атрофи маҷлисгоҳро муҳосира намуда, гузориши ин мавзӯъро манъ кард. Баъди чанд ҳафтае дар бомдоди рӯзи аввали соли 1959 маро ҳабс намуданд. Ин гузоришро баъдҳо дар китоби "Бархурдҳои фикрӣ" дар "Дор-

ул-Ҳилол" ба чоп расонидам. Замон, охирҳои солҳои шасти асри XX буд.

Аз соли 1959 то соли 1964 дар зиндон будам. Зиндоне, ки маро аз навиштан манъ карда буд. Соли 1964 баъди ба озодӣ баромадан, аввалин мақолае, ки навиштам, доир ба китоби файласуф ва нависандаи фаронсавӣ Алберт Камю буд, бо номи "Устураи Сизиф". Хулосаи ин устура бо ду калима ин аст, ки Худоёни Юнон Сизифро барои ҷиноят ба ҷазои абадӣ маҳкум кардаанд. Ба ин қарор, ки Сизиф харсангеро аз поёни кӯҳ то ба боло бурда мерасонад. Ва ҳамин ки ба куллаи кӯҳ расид, санг аз дӯшаш (китфаш) меафтаду ба поёни кӯҳ ғелида меравад. Сизиф маҷбур аст, бори дигар ва борҳо ин корро такрор кунад. Такроре, ки охир надорад, то абад-ул-обод давом мекунад. Ба ин маъно ки зиндагии инсонҳо низ маҳкум ба ин кори такрорӣ ва бемаънӣ аст. Ва чорае ҷуз тан додан ба ин кори якнавохт ва такрорӣ надорем.

Муаллифи мақола Амин ал – Олим дар охири он мегӯяд: "Камю бо навиштаи худ мехоҳад ба таври рамзӣ зиндагии бемаънӣ ва пучу абсурди одамиро дар ҷаҳони имрӯза тасвир кунад. Ман тарҷумаи ин китобро бо забони арабӣ табрик мегӯям. Чаро ки худи мо сахт эҳтиёҷ дорем, ки Сизифҳои инсонии мо (на Сизифҳои устуравӣ!) тавонистаанд харсангро то ба қуллаи кӯҳ боло баранд ва онро дар он ҷо нигоҳ доранд. Ин кор дар чандин минтақаҳои ҷаҳон амалӣ шудааст. Ва ҳам инсон ва ҳам харсанг дар болои кӯҳ боқӣ мондаанд. Инсонҳои муосир ба ин тавоноӣ ва истиқлол расидаанд, ки харсангро ба қуллаи кӯҳ боло баранд ва онро бидуни пару бол ба фазои беканор партоб кунанд! [1,197].

Яъне инсони имрӯз, дар баъзе кишварҳои олам, худро аз зиндони абадии Сизиф наҷот додааст...

Дар моҳи апрели 1965 мақолае навиштам ба номи "Оё доктор Абдурраҳмони Бадавӣ ба сӯи бунбаст равона аст?"

Баъди таъкиди бузургии мақоми илмӣ ва фалсафии доктор Бадавӣ, китоби ӯро бо номи "Нақши арабҳо дар ташаккули фикри Урупо" мавриди таҳлил қарор дода, гуфтам, ки дар воқеъ, арабҳо мероси эллинистии юнониёнро барои тамаддуни башарӣ ҳифз намуданд... [1,198].

Моҳи марти соли 1967 Сартр ба Миср омад. Ба ин муносибат ман дар маҷаллаи "ал - Мусаввар" мақолае ба чоп расонида, нисбат ба фалсафаи Сартр эътироз намудам. Ба ин маъно ки фалсафаи вуҷудии Сартр, барои ҳолати имрӯзаи Миср таъсири манфӣ дорад... Махсусан, индивидуализми мутлақ ва ифротии фалсафаи вуҷудии Сартрӣ...ҷавобгӯи мушкилоти иҷтимоии кишвари Миср буда наметавонад.

Ҳамин тавр, фалсафаи вуҷудии ман ба фалсафаи иҷтимоӣ таҳаввул намуд ва таъкид кард, ки аз инсони фард коре сохта нест. Танҳо маҷмуаи фардҳо ҳастанд, ки иқдомро анҷом медиҳанд ва ба ҳадафи муштараки иҷтимоӣ ноил мегарданд. Ҳоло намедонам, ки Сартр ба ин андешаи ман мувофиқ аст ё не, вале медонам, ки доктор Бадавӣ индивидулизми вуҷудиро дар кишвари мо то ҳол пайравӣ менамояд [1,199].

Дар мақолаи соли 1989 дар маҷаллаи "ал-Ҳилол" бо номи "Ин файласуфи муассис" бар ин нукта таъкид кардам, ки доктор Бадавӣ танҳо мутафаккир нест, балки файласуф аст. Дар ин мақола ду китоби ӯро мавриди баррасӣ қарор додам: "Масъалаи марг дар фалсафаи вуҷудӣ" ва "Замони вуҷудӣ". Ба ин хулоса расидам, ки: доктор Бадавӣ дар ин ду китоб дар аксар ҳолатҳо аз мантиқи шаклӣ кор гирифтааст... Ба таври куллӣ, эҷодиёти доктор Бадавӣ ба фаласафаи урупоӣ ва ба таври хос ба фалсафаи исломӣ бахшида шудааст. Фалсафаи хоси вуҷудии ӯ бошад, самараи мутолиоти ӯ дар асоси фалсафаи идеалистии Олмон буд, махсусан, фалсафаи Мартин Ҳайдеггер. Ба назари ман чунин мерасад, ки пайравӣ аз Ҳайдеггер натиҷаи фаъолиятҳои сиёсии ӯ дар Миср набуд,

балки робитае, ки ӯ бо ҳизби ҷавонони Миср дошт, ки аз соли 1937 то соли 1940 давом кард. Ин ҳизб пайрави фалсафаи идеалистӣ ва ирратсионалистии ҳизби Нозӣ (натсизм) буд. Дар мухолифат бо Англия, ки Мисрро ишғол намуда буд. Вақте ки доктор Бадавӣ соли 1944 дар Қоҳира рисолаи доктории худро дифоъ намуд, узви кумитаи олии ҳизби ватании ҷадид буд. Ин ҳизб омехтае буд аз ҳизби ҷавонони Миср ва ҳизби ватании қадим. Метавон гуфт, ки фалсафаи вуҷудии доктор Бадавӣ аз охирҳои солҳои сиюми асри XX аз фалсафаи идеалистии Олмон таъсир пазируфта, натиҷаи таҷрибаи фикрӣ ва сиёсии зиндаи ӯ буда, на аз таъсирҳои баъзе ҳодисоти ҷомеаи Мисрии он замон.

Ҳамчунин бар ин нуқта таъкид намудам, ки шикасти фашизм ва натсизм дар соли 1945, барномаҳои баъзе аз ҳизбҳои Мисрро барҳам зад ва аз ҷумла проекти фалсафаи вуҷудии Бадавӣ низ боздошта шуд. Ин кор на ба сабаби коҳиш ёфтани иқтидори фалсафии доктор Бадавӣ буд, балки ба сабаби тағйироти авзои сиёсӣ ва иҷтимоии Мисри онрӯза буд. Ба ин хотир доктор Бадавӣ истеъдоди фалсафии худро ба корҳои таҳқиқ ва тарҷимаи осори фалсафии урупоӣ ва исломӣ бахшид. Дар ин росто таъкиди ду нукта зарур аст:

Якум: алоқа байни фалсафаи вуҷудии ӯ ва мероси фалсафии миллии ӯ.

Дуюм: назари манфии ӯ дар нисбати фалсафаи исломӣ. Ӯ фалсафаи исломиро аз арзиши ҳақиқии фалсафӣ маҳрум медонист[1,201].

Дар моҳи ноябри соли 1995 дар маҷаллаи "Ибдоъ" ["Навгонӣ"] мақолае ба нашр расонидам бо номи: "Абдурраҳмони Бадавӣ.. шахсияте ношинохта". Ин мақола ҷавобе буд ба мақолаи доктор Мурод Ваҳба бо сарлавҳаи "Абдурраҳмони Бадавӣ аз нигоҳи ман". Дар ин мақола савол пеш мегузорад, ки: "Чаро Бадавӣ ва Ҳайдеггер бинои

фалсафии худро ба итмом нарасониданд?”. Ва худ ба ин савол чунин ҷавоб медиҳад: “Ҳарду пешрави фалсафаи натсистӣ-фашистӣ буданд. Ҳангоме ки Ҳитлер худкушӣ кард, ҳарду аз такмил намудани бинои фалсафаи худ даст кашиданд”. Ин баҳоест, ки дар нисбати бисёре аз шахсиятҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои онрӯзаи Миср (охири солҳои сӣ то охири солҳои панҷоҳи асри XX) сидқ мекунад [1,201].

Хулоса:

1. Доктор Абдурраҳмон Бадавӣ танҳо дар ибтидои фаъолияташ ба фалсафаи натсистӣ робита дошт.

2. Ин робитаи сиёсӣ буд ва баъдҳо қатъ гардид.

3. Фалсафаи хоси доктор Бадавӣ дорои решаҳои урупоӣ буд ва баъдҳо аз мероси арабӣ ва исломӣ дар он чизҳое афзуд.

4. Назари хоси ӯ дар ин мавзӯъ бештар дар ин чанд китоби ӯ зикр гардидааст: “Таърихи илҳод дар ислом”, “Инсонгароӣ дар андешаи вуҷудӣ ва дар фикри арабӣ”, муқаддимаи китоби “Ишороти илоҳӣ”-и Абуҳаёни Тавҳидӣ”.

5. Бо як калима, доктор Бадавӣ ҳеҷ гоҳе такмили фалсафаи вуҷудии худро қатъ накарда буд, чуноне ки доктор Мурод Ваҳба даъво намудааст. Балки то охир пайрави вуҷудияи ғайриилҳодии Мартин Ҳайдеггер боқӣ монд.

## Адабиёт

1. Абдурраҳмон Бадавӣ. Ситорае дар осмони фалсафа. (Маҷмуаи мақолот). Чопи дуввум. Қоҳира, 2022. С.190. Маҳмуд Амин ал-Олим. Ҳисоботи “фалсафӣ”-и ман бо доктор Абдурраҳмон Бадавӣ (С. 185-204).

2. Абдурраҳмон Бадавӣ. Ситорае дар осмони фалсафа. (Маҷмуаи мақолот). Чопи дуввум. Қоҳира, 2022. С.190. Маҳмуд Амин ал-Олим. Ҳисоботи “фалсафӣ”-и ман бо доктор Абдурраҳмон Бадавӣ (С. 191).

3. Бадавӣ файласуфи экзистенсиалисте (вуҷудие), ки ба тарафи ислом гурехт. Таълифи доктор Саъид ал-Ловандӣ. Қоҳира, 2001.

4. Дар боби таърихи илҳод дар ислом. Абдурраҳмон Бадавӣ. Нигоҳи муосир. 1398=2019 (Тарҷумаи форсӣ).

5. Мактаби фалсафӣ ва методологияи Абдурраҳмон Бадавӣ дар таҳқиқи мазҳабҳо. Шарҳ ва нақд. Таълифи Абдулқодир ибн Муҳаммад ал-Ғомидӣ. Ар-Риёз: Китобхонаи ар-Рушд, 1429ҳ=2008.

6. Махмуд Амин Аль-Алим. Идейные бои. Сокращённый перевод с арабского, кандидат философских наук А.В. Сагадеева. Москва: Издательство «Прогресс», 1974. -272 стр.

7. Таҳқиқотҳои арабӣ доир ба Абдурраҳмон Бадавӣ. Таълифи Аҳмад Абдулҳалим Атия. Қоҳира, 2002.

8. Маҳмуд Алим Ал-Олим -- таваллуд: 18 феврали 1922 дар шаҳри Қоҳира; Вафот: 10 январи 2009 дар шаҳри Қоҳира; Омӯзиш ва таҳсил: Университети Қоҳира; Ихтисос: Нависанда, файласуф ва рӯзноманигор; Ҳизб: Ҳизби коммунистии Миср; Фаъолият: Дар Университети Қоҳира, Университети Париж-8.

9. Абдурраҳмон Бадавӣ -- таваллуд: 17 феврали 1917 дар шаҳри Шарбоси вилояти Димёти Миср; Вафот: 25 июли соли 2002 дар шаҳри Қоҳира; Ихтисос: файласуф, нависанда, шоир ва мутарҷим; Корманд: Дар Университети Айну-ш-Шамси Миср; Мактаби фалсафӣ: Ҷараёни вуҷудӣ (экзистенсиализм).

10. Таърихи тасаввуфи исломӣ. Абдурраҳмон Бадавӣ. Нашри Афроз. 1389=2010 (Тарҷумаи форсӣ).

11. Файласуфони ҷаҳони исломи Шарқу Ғарб. Абдурраҳмон Бадавӣ. Нашри Фарогуфт. 1387=2008 (Тарҷумаи форсӣ).

## ЧЕҲРАҲО

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

*Ба истиқболи 110-солагии*
*Мирсаид Миршакар*

# ИҚБОЛ ВА МИРШАКАР

*Дар талоши ҷилваҳои нав ба нав,*
*Як замон моро рафиқи роҳ шав!*

*Иқбол*

Маълум аст, ки Иқболро бори аввал ба хонандаи тоҷик устод Миршакар ошно карда буд. Ӯ соли 1958 дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» «Муҳаммад Иқбол» ном мақоларо мунташир сохт. Ҳамон замон ба сифати намуна 220 байт аз осори ашъори адибро дар кишвар пешкаши хонандагон кард. Гузашта аз ин, вай соли 1958, тавассути нашриёти давлатии Тоҷикистон, маҷмӯаи ашъори шоирро бо номи «Шеърҳо», ки фарогири ашъори форсии ӯ буд, бо сарсухан нашр намуд. Ниҳоят, устод Миршакар соли 1966 аз тариқи нашриёти «Ирфон» маҷмӯаи ашъори шоирро зери номи «Паёми Машриқ» аз чоп баровард ва бо ҳамин дари иқболшиносӣ ба рӯи хонандагони тоҷик боз гардид. Дар бораи маҷмӯаи «Паёми Машриқ»-и Иқбол, ки устод Миршакар тартиб дода буд, дар маҷаллаи «Садои Шарқ» тақризҳои Ғазанфар Алиев ва Абдуллоҷон Ғаффоров нашр шуданд ва муаллифон дар онҳо аз ҳусну қубҳи маҷмӯа сухан дар миён оварданд. Баъд аз устод Миршакар дар ин

майдон Абдуллоҷон Ғаффоров қувваозмоӣ намуд ва ба тадқиқи осори шоир ба таври ҷиддӣ машғул гардид, рисолаву мақолаҳои зиёди ӯ ба ин гувоҳӣ медиҳанд. Ба ҳарфи дигар, устод Миршакар нахустин касест, ки аҳли кишварро ба Иқбол ва осори ӯ ошно намуд. Дар ин бора худи ӯ дар мақолаи «Муҳаммад Иқбол» чунин мегӯяд: «Тирамоҳи соли 1954 дар арафаи Съезди умумииттифоқии нависандагони советӣ дар Москва бо яке аз шоирони маъруфи Ҳиндустон Алӣ Сардор Ҷафрӣ вохӯрда, доир ба масъалаҳои эҷодӣ дуру дароз суҳбат кардем. Ҳангоми хайрухуш ҳамсуҳбатам байти зеринро хонд:

*Қадам бебоктар неҳ дар ҳарими ҷони муштоқон,*
*Ту соҳибхонаӣ, охир, чаро duздона меоӣ?*

ва шарҳ дод, ки муаллифи ин шоҳбайт шоири Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқбол аст.

Пеш аз ин ҳам ба ман маълум буд, ки Муҳаммад Иқбол донишманд ва шоири бузурги Ҳинду Покистон аст, аммо, афсус, ки бо осори ӯ ба дараҷаи кофӣ ошноӣ надоштам. Дер боз ба даст даровардан ва мутолиа намудани асарҳои ин шоиру олими забардаст орзуи ман буд. Дар соли 1956 барои иштирок дар кори котиботи байналхалқӣ доир ба тайёрии Конференсияи якуми нависандагони Осиё ба Деҳлӣ рафта будам. Дар ин ҷо ба ман муяссар шуд, ки асарҳои Иқболро ба даст дарорам. Инчунин, дар суҳбатҳои аҳли фазли он мамлакат иштирок намуда, дар бораи эҷодиёти ӯ фикру мулоҳизаҳои мароқноке шунидам. Махсусан, аз забони нависандагон-Мулк Раҷ Ананд, Саҷҷод Заҳир, Ғулом Рабонӣ Тобон, Ҷунайд Кумар, Парвез Шоҳидӣ, Табиб Абдуасъад Убайдулғанӣ, профессор Абдураҳим ва дигарон суханони ҳаяҷонбахше мешунидам, ки бузургии Муҳаммад Иқболро дар назарам муҷассамтар менамуданд. Илова бар ҳамаи ин, якчанд мақоларо, ки бо қалами адабиётшиносони форсзабон

доир ба эҷодиёти ин шоири сермаҳсул навишта шудаанд, ба даст даровардa хондам».[1]

Сипас ӯ дар дар ин мақола дар бораи Муҳаммад Иқбол ва осори ӯ сухан ронда, пеш аз ҳама, аз афкори зидду нақиз иборат будани осори ӯро зикр менамояд. Устод қабл аз он ки дар бораи осору ғояи эҷодиёти шоир ба хонандагон маълумот диҳад, дар бораи тарҷумаи ҳоли ӯ изҳори назар менамояд. Ӯ дар соли 1879 дар шаҳри Сиёлкути вилояти Панҷоб ба дунё омадан, аз бараҳманҳои Кашмир будани аҷдоди ӯ, ки ду қарн пеш исломро қабул кардаанд, пас аз маълумоти ибтидоӣ гирифтан, дар мадрасаи олии Лоҳур хондан, забономӯзӣ, фалсафаву таърихи адабиётро фаро гирифтани вай, хатми мадраса ва фаъолияти омӯзгории ӯ дар он ҷо, сафари чорсолааш ба Урупо (1905-1908), таҳсил дар Университети Кембриҷ, ошноӣ бо осори файласуфону нависандагону олимони бузурге чун Ҷон Локк, Август Конт, Артур Шопенгауэр, Гегел, Гёте, Лев Толстой, Байрон, Гейне ва дигарон, бозгашт ба Панҷоб, иштирок дар ҳаракатҳои озодихоҳӣ, ба саҳнаи шеъру шоирӣ по ниҳодан, ба забони урдуву форсӣ осор офаридан, маҷмӯаҳои мунташиршудаи осори адиб, вафоти шоир, ки соли 1938 иттифоқ афтодааст, ба таври фишурда маълумот медиҳад. Устод Миршакар баъди ин маълумотҳо ба таҳлилу баррасии эҷодиёти шоир мепардозад ва онро ба 4 давра тақсим менамояд. Давраи аввалро оғози кори эҷодии адиб медонад, ки асосан ба забони урду сурат мегирифт ва рӯҳи бедоркунанда ва мубоизаҷӯёна, зиддимустамликавӣ дошт. Чунончи, ӯ дар шеърҳои «Ния шавала» («Ҳарами нав»), «Ҳиндустон ҳамара» («Ҳиндустони мо») рӯ ба аҳолӣ меорад ва барои ифшои сиёсати мустамликавии аҷнабиён ва ғафлати ҳамватанонаш, пеш аз

[1] Мирсаид Миршакар. Ёди ёри меҳрубон. –Душанбе:Ирфон, 1979. –С.198.

ҳама, аз бараҳманҳову муллоҳо, ки дар байни аҳолӣ тухми низову адоват мекоранд, даъват ба амал меорад, ки ба ҳам иттифоқ шаванд ва занҷири бардагию асоратро барканаид. Гузашта аз ин, ӯ тавассути таронаву ашъори ватандӯстонааш, ки мардумро ба ваҳдат, якдилӣ, мубориза бо аҷнабиҳо даъват менамоянд, муҳаббати мардумро нисбат ба худ ба даст меоварад, зеро дар онҳо манфиати кишвар, бедорӣ, муҳаббат ба халқу кишвар мавриди тараннум қарор гирифта буд. Хусусан, суруди «Ҳиндустони мо», ки ба забони урду буд, дар давраи аввали эҷоди ӯ  аҳамияти вижа дошт.

Устод Миршакар давраи дувуми эҷодиёти шоирро, ки ба эҷоди маҷмӯаҳои «Асрори худӣ» ва «Рамузи бехудӣ» ихтисос мегирад ва ба забони тоҷикӣ навишта шуданд, ба доираи баҳс кашида, аз фалсафаи Носири Хусраву Мавлоно кор гирифтан, инсонгарой ва пардаи асрори зиндагиро кушодани шоирро бо овардани мисолҳо тасдиқ менамояд, назарияи «худӣ» ва бо тарзи нав ба миён гузоштани ин фалсафаро таъкид мекунад ва бад-ин тартиб моҳияти навъдӯстии осору таълимоти Иқболро нишон медиҳад. Ӯ ин абётро ба масобаи мисол нақл менамояд:

*Баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист,*
*То даридам пардаи асрори зист.*
*Аз даруни коргоҳи мумкинот*
*Баркашидам сирри тақвими ҳаёт.*[2]

Устод Миршакар фалсафаи асрори «худӣ»-и Иқболро, ки бар зидди сукр, ист, беамалии сӯфиён нигаронида шудааст, тавзеҳ дода, таъкид мекунад, ки шоир ба мардум руҷуъ мекунад, то эшон худро бишиносанд, худогоҳ бошанд, зеро аз ҳасрату мотаму доду фарёду синакӯбиҳои пайваста фоидае нест, дунёи тоза барои худ бояд созанд, инсони халлоқ,

---

[2] Ҳамон ҷо. –С.202.

сахткӯшу устувору сахтирода, худсозу созанда бошанд, худиро устувору муҳкам намоянд:

*Нолаву фарёду мотам то куҷо?*
*Синакӯбиҳои пайи ҳам то куҷо?*
*Марди худдоре, ки бошад пухтакор,*
*Бо мизоҷи ӯ бисозад рӯзгор…*[3]

Ба қавли устод Миршакар, Иқбол дар китоби аввал, яъне «Асрори худӣ» инсонро ба худшиносӣ ва дар китоби дувум- «Рамузи бехудӣ» дар роҳи саодат ҷоннисорӣ карданро таълим медиҳад. Аммо гуногунмазҳаб будани аҳолии сарзамини Ҳинд имкон намедиҳад, ки қазияро аз дидгоҳи миллату ватан ҳаллу фасл намояд, лиҳозо, ба дин рӯ меорад ва тавассути он мардумро ба муттаҳидӣ, ташкили давлати исломӣ, хилофату аморатсозӣ даъват менамояд.

Давраи савуми эҷодиёти Иқболро устод Миршакар ба пирӯзии Инқилоби Октябр вобаста медонад, ки ҷаҳонро ба ларза оварда, дар шашяки рӯи замин бори аввал дар таърихи инсоният миллатҳои мазлум (тоҷикон), аз ҷумла мусулмононро ба тахти роҳбарӣ ва иззат мешинонад ва ба онҳо ҳуқуқи озодию инсонӣ ато менамояд. Аз ин рӯ, Иқбол аз Инқилоби Октябр, ки бар зидди асирӣ, мустамликадорӣ нигаронида шуда буд, ҳимояту ҷонибдорӣ менамояд ва ба ташвиқи он мепардозад. Аз забони Ленин дар бораи Инқилоби Октябр чунин менигорад:

*Басе гузашт, ки одам дар ин сарои куҳан*
*Мисоли дона таҳи санги осиё будаст…*
*Ғуломи гурусна дидӣ, ки бардарид охир*
*Қамиси хоҷа, ки рангин зи хуни мо будаст.*[4]

---

[3] Ҳамон ҷо. –С.203.
[4] Ҳамон ҷо. –С.205.

Даврони савуми эҷодиёти шоир, ки пурмаҳсул, воқеӣ ва мушаххас маҳсуб мешавад, дар маҷмӯаҳои «Паёми Шарқ» ва «Ҷовиднома» инъикос ёфтааст. Осори ӯ дар ин даврон рангу бори сирф инқилобӣ, як навъ синфӣ мегирад, инсон ҳамкору ҳамроҳу ҳамдостону ҳамфикри Худо ҷилвагар мешавад. Ин маъниро мо дар «Паёми Шарқ» мушоҳида менамоем:

*Роздони ҷузву кул аз хеш номаҳрам шудаст,*
*Одам аз сармоядорӣ қотили одам шудаст.*[5]

***

*Навои ишқро соз аст одам*
*Кушояд розу худ роз аст одам.*
*Ҷаҳон ӯ офарид, ин хубтар сохт,*
*Магар бо Эзид анбоз аст одам?!*[6]

Иқбол дар ин масир то ҷое пеш меравад, ки мисли Носири Хусрав ба баҳсу мунозира бо Худо мепардозад ва як навъ бо фахр аз халлоқияти инсон сухан мегӯяд:

*Ту шаб офаридӣ, чароғ офаридам,*
*Сафол офаридӣ, аёғ офаридам.*
*Биёбону кӯҳсору роғ офаридӣ,*
*Хиёбону гулзору боғ офаридам.*
*Ман онам, ки аз санг оина созам,*
*Ман онам, ки аз заҳр нӯшина созам!*[7]

Дар ҳамин давра аст, ки «мафҳуми инқилоб», вожаи «инқилоб», таркиби «аз хоби гарон хез» ва даъвати рӯирост ба мубориза дар осори шоир боз ҳам баландтар садо медиҳад, аммо шароити хоси Ҳинд, низоъҳои қабилавию динӣ, имкон намедиҳад, ки манфиати халқ, миллат, ватан дар ҷои аввал қарор бигирад. Лиҳозо, ӯ ягона роҳи наҷотро дар дин, нақши

[5] Ҳамон ҷо. –С.206.
[6] Ҳамон ҷо. –С.207.
[7] Ҳамон ҷо. –С.208.

муттаҳидсози он, яъне миллати ягонаи ислом, ташкили давлати исломӣ, хилофату аморат мебинад ва таълимоти инсониву милливу ватании ӯ маҳдуд ба таълимоти динӣ ва табдил ба ҷаҳонватанӣ, уммати ягонаи ислом мегардад. Ба ҳарфи равшантар, инқилоби миллӣ ва инсонии ӯ ҷои худро ба инқилоби исломӣ медиҳад ва ҷанбаи иртиҷоӣ мегирад. Бинобар ин, шоир ногузир ва ошкоро ба Худованд муроҷиат менамояд:

*Шаби ҳиндӣ гуломонро саҳар нест,*
*Ба ин хок офтоберо гузар нест.*
*Ба мо кун гӯшаи чашме, ки дар Шарқ*
*Мусулмоне зи мо бечоратар нест.*[8]

Устод Миршакар давраи чаҳоруми эҷодиёти Иқболро давраи охирини эҷодиёти ӯ муаррифӣ мекунад, ки бо ду забон сурат мегирифт: урду ва форсӣ. Маҳсули индавраинаи эҷодиёти ӯ дар маҷмӯаи «Армуғони Ҳиҷоз», ки баъд аз вафоташ интишор ёфт, асосан хусусияти ноумедкунандаву динӣ дошта, фарогири осори солҳои охири умри шоир мебошад. Устод Миршакар баъд аз баррасии давраҳои асосии эҷодиёти шоир, ки ба чаҳор давра мунқасим мешавад, бо таҳлили нуқтаи назари донишмандон дар бораи осори адиб, ки дорои афкори зидду нақиз, муқобили ҳам, пешқадамонаву иртиҷоӣ аст, мепардозад ва менависад: «Баъд аз вафоти Муҳаммад Иқбол як қатор адабиётшиносон ва мунаққидони мамлакатҳои Шарқ ба ҳамин хулоса омаданд, ки гӯё Иқбол танҳо маддоҳи дини ислом буду бас, ғами ӯ ғами дин буд, аммо на ғами миллат ва шеъри бахшида ба ватану миллат навиштаи ӯ каманд ва асосан ба давраи аввали эҷодии ӯ тааллуқ доранд».[9] Аммо устод Миршакар ба ин баҳои

[8] Ҳамон ҷо. –С.210.
[9] Ҳамон ҷо, ҳамон с.

адабиётшиносон ва мунаққидон розӣ намешавад, баҳои онҳоро яксӯя медонад. Бинобар ин мегӯяд: «Ин тавр яктарафа ва рӯякӣ ба эҷодиёти шоири бузург нигоҳ кардан нодуруст аст. Оре, Иқбол ба дин эътиқод дошт, аз ин сабаб ҳам ба зуҳуроти замон аз нуқтаи назари фалсафаи ислом нигоҳ мекард, ҳатто дини исломро аз дигар динҳо баландтар дониста онро мадҳ мекард. Лекин бо вуҷуди ҳамаи ин, Иқбол ватандӯст буд ва дар таронаҳояш халқро ба инқилоб барои озодии миллат даъват мекард. Дуруст аст, ки Иқбол дар солҳои охири умраш гӯшанишиниро ба худ қарор дод ва дар ҳолати маъюсӣ ва ноумедӣ буд. Дар шеърҳояш фикри пӯсидаи панисломистҳоро, ки «миллати ислом дини ӯст», такрор мекард. Ҳангоми мутолиаи маҷмӯаи охиринаш, ки баъд аз вафоти шоир нашр ёфтааст, худ аз худ пурсидам, -наход, ки Иқболи бузург дар охири умраш ватану халқашро фаромӯш карда бошад? Охир вай дар таронаи абадизиндаи худ «Ҳиндустони мо!»- бо ифтихор эълон кард, ки «Дар дили ватан халқи бовафою содиқаш зинда аст, ватан дар дили мо ҷойгир аст ва ҳамеша бо мост!» Ҳар қадар ки бештар маҷмӯаи мазкурро варақ мезадам, ҳамон қадар изтироби ман меафзуд. Ман мехостам, ки овози буррои Иқболи муборизро шунавам, лекин ба ҷои он овози хастаю маҳзуне меомад. Вале нохост ба ин байтҳо, ки бояд дар рӯзҳои охирини умри шоир навишта бошанд, назарам афтод:

*Саропо дарди дармоннопазирам,*
*Напиндорӣ, забуну зору пирам.*
*Ҳанӯзам дар камоне метавон ронд,*
*Зи кеши миллате афтода тирам.*

Оре, ин овози Иқболи ватандӯст аст, ки барои ватан ҳанӯз ҷавон аст ва метавонад мубориза барад…».[10]

---

[10] Ҳамон ҷо. –С.210-211.

Устод дар ин мақола дар бораи назари Иқбол доир ба шеъру шоирӣ низ суханронӣ карда, гуфтаҳои ӯро роҷеъ ба шеър, моҳияти он, шоир, вазифаи шеър, масъулияти шоир мавриди шарҳу тавзеҳ қарор медиҳад. Барои исботи маъулияти шоир аз ин байти Иқбол, ки аз забони Мавлоно гуфтааст, суд меҷӯяд:

*Фитрати шоир саропо ҷустуҷӯст,*
*Холиқу парвардигори орзӯст.*
*Шоир андар синаи миллат чу дил,*
*Миллати бе шоире анбори гил.*[11]

Устод Миршакар бурду бохти Иқбол афкори зидду нақизи ӯро мушикофонаву мунсифона баррасӣ карда, ба ҳар ҳол, умед мекунад, ки рӯзе аҳли таҳқиқ осори ӯро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор медиҳанд ва мунсифона мӯро аз хамир ҷудо менамоянд: «Вақте меояд, ки адабиётшиносон ҳартарафа ва чуқуртар эҷодиёти ин шоирро меомӯзанд, мавқеи ӯро дар назм ва ҳаёт объективона муайн менамоянд».[12]

Дар ҳақиқат, осори Иқбол, ки дорои ҷанбаҳои мусбату манфӣ мебошад, ниёз ба тадқиқи мунсифона дорад, на мутаассибонаву кӯр-кӯрона, ки то имрӯз кардаанд, яъне ба зоҳири он таваҷҷуҳ карда, ба ботини он кам диққат додаанд ё ин ки фақат ҷанбаҳои мутараққии онро дидаанд, аз он васф кардаанд, аммо аз ҷанбаҳои манфии он (огоҳонаву ноогоҳона) чашм пӯшидаанд ё худдорӣ кардаанд. Мо дар бораи мавқеи нодурусти ӯ, ки ба ташкили давлатҳои исломӣ, хилофату аморат, иттиҳоди исломӣ, беватанӣ, бемиллатӣ иртибот мегирад ва ӯро дар ҳарими панисломистон қарор медиҳад, аз осораш мисол намеорем, танҳо бо овардани чанд намуна аз гуфтаҳои иқболпажӯҳон басанда менамоем, зеро ин мавзӯи

[11] Ҳамон ҷо. –С.211.
[12] Ҳамон ҷо. –С.214.

дигар аст ва навиштаи алоҳидаро тақозо менамояд. Абдуллоҷон Ғаффоров, ки аз муҳаққиқони асосии ӯ дар Тоҷикистон аст, гӯяд: «Ҳаминро низ гуфтан лозим аст, ки Иқбол баъди аз сафари Европа баргаштан пайрави фикри иттиҳоди ислом гардида буд, ки онро Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Мирзо Оқохони Кирмонӣ ва Сайид Ҳалимпошшо ба вуҷуд оварда буданд».[13] Ба қавли Расул Ҳодизода-раиси «Анҷумани Иқбол» дар Тоҷикистон, «Муҳаммад Иқбол шоири миллӣ, ифтихор ва рамзи маънавӣ, яке аз меъморони Ҷумҳурии Исломии Покистон аст… Иқбол дар осори форсӣ суннат ва анъанаҳои назми форсии ҳазорсола, роҳи эҷодии намояндагони бузурги адабиёти форсизабони сарзамини Ҳиндустонро бомуваффақият давом дод».[14] Алиасғари Шеърдӯстрост: «Бархе Иқболро «меъмори Покистон» ва бархе «меъмори бузурги андешаи исломӣ» медонанд. Ӯ касест, ки боиси таҳкими андешаҳои инқилобии Сайид Ҷамолиддини Асадободӣ гардид ва ба қиёми инқилобии ӯ қавомии идеологӣ бахшид ва дарахти баруманди саркаши ӯро решаҳои амиқи фикрӣ дод… Пайвастагии фарҳангию таърихӣ ва мазҳабии кишвараш бо бархе аз кишварҳои ҳамсоя, монанди кишварҳои мусулмони ҳавзаи Осиёи Миёна ва ба вижа Эрону Афғонистон боис шуд, ки Иқбол ба чеҳраи фаромарзӣ табдил шавад. Ӯ ба унвони як сиёсатмадори мутафаккир ва файласуф тарҳи иттиҳоди мусалмонони ҷаҳонро мепарваронд. Ақидаи сиёсии иттиҳоди муслимини дунё, ба таври куллӣ, пеш аз Иқбол зоида шуд. Ин ақида ҳам беш аз ҳама ҷо дар Ҳиндустон ва байни мусалмонони он хитта такомулу интишор ва русух ёфта, тарафдорони пуршӯре пайдо карда буд ва агарчи шояд

[13] Абдуллоҷон Ғаффоров. Муҳаммад Иқбол. –Душанбе:Дониш, 1977. –С.185.
[14] Расул Ҳодизода. Иқбол ва ҷаҳони имрӯз. Маҷал. «Адаб», 1977, №10-12. –С.2-3.

бонии аслии он неҳзат Сайид Ҷамолиддини Асадободӣ ва мураввачи он-гузашта аз сиёсиюни озодихоҳи туркӣ қабл аз давраи туркҷавонон султон Абдулҳамиди сонӣ, аз салотини Усмонӣ ва баъзе фузалои араб, монанди Сайид Абдураҳмони Кавкабии Ҳалабӣ ва ғайра буданд, шӯру таъсири нафаси гарми Иқол на танҳо ин ақидаро решаву равнақи бисёр қавӣ бахшид, балки онро дар қолаби тоза рехт ва сурате мураттаб дод, ба тавре ки ин неҳзат рӯ ба густариш ниҳод… Ашъори форсии Иқболи Лоҳурӣ ба навъе тарвиҷи тафаккуру фалсафа ва фарҳангии ӯ маҳсуб мешавад. Маҷмӯаи ашъори форсии Иқбол ба сурати якҷоя ё мухтасар борҳо дар Ҷумҳурии Исломии Эрон чоп ва мунташир шудааст. Нахустин касоне, ки Иқболро ба ҷомеаи Эрон муаррифӣ намуданд, доктор Алии Шариатӣ ва устод Муртазо Мутаҳҳарӣ буданд».[15] Ин фикри Алиасғари Шеърдӯстро гуфтори писари худи Иқбол-Ҷовид, ки дар китоби «Зиндарӯд» овардааст, низ тасдиқ менамояд: «Дар соли 1881 мелодӣ Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ хоби як ҷумҳурии муттаҳиди исломиро дид, ки шомили манотиқи мусулмоннишини Шӯравӣ дар Осиёи Миёна, шимолу ғарби Ҳиндустон ва Афғонистон низ мешуд… Дар соли 1924 Мавлоно Муҳаммадалӣ дар як суханронӣ гуфт: «Мусулмонон дар ақаллият нестанд, балки як қавм ҳастанд ва масъалаи Ҳиндустон як масъалаи ҷаҳонӣ мебошад. Лиҳозо, бояд барои мусулмонон аз Константиния то Деҳлӣ камарбанди исломӣ сохт»… Дар соли 1928 Муртазо Аҳмадхон дар рӯзномаи «Инқилоб» як сармақола ба чоп расонд, ки дар он пешниҳод шуда буд: «Ватани исломӣ, ки шомили манотиқи мусулмоннишини музофотҳои шимолу ғарб бошад, ба вуҷуд ояд»… Иштиёқ Ҳусайн Қурайшӣ дар китоби худ ба забони англисӣ, таҳти унвони «Кӯшиш барои Покистон», номи

[15] Алиасғари Шеърдӯст.

ашхосеро, ки қабл аз Иқбол дар нимҷазираи Ҳинд тасвире аз кишвари исломиро ироа карда буданд, ба шарҳи зер баён кардааст: Ҷамолиддини Асадободӣ, Чаудхрӣ Раҳматалӣ, доктор Абдулҷаббор Хайрӣ, профессор Абдусатор Хайрӣ, Муҳаммад Абдулқодири Билгиромӣ, Ловат Фрейзер, Санаркар, Лал Раҷпатрай, Сардор Гулхон, Мавлоно Муҳаммадалӣ ва Оқохон… Ҳар ду нависанда дар ин мавридӣ, яъне Шарифиддин Пирзода ва Иштиёқ Ҳусайни Қурайшӣ дар китобҳои худ менигоранд: «Ҷамолуддини Афғонӣ дар манотиқи мусулмоннишини Рус, Осиёи Миёна, Афғонистон ва Шимолу Ғарби Ҳиндустон фикри эҷоди як кишвари Ҷумҳуриро дар манотиқе, ки аксариятро мусулмонон ташкил медиҳанд, дар сар мепардозад… Бешак, Ҷамолуддини Афғонӣ ба раҳбарии султони Туркия, бар асоси демократӣ, ба сурати як федератсияи қонунӣ даъваткунандаи Иттиҳоди кишварҳои исломӣ буд. Ва барои уммати мусулмон, зимни зикри хадамоти вай, Иқбол ӯро муҷаддад (эҳёкунандаи усули исломӣ)-и асри ҳозир мепиндошт, вале назариёти вай дар мавриди мусулмонони Ҳиндустон ҳамон буд, ки дар назароти Мавлоно Шиблӣ буд, яъне ин ки бо ҳиндуҳо бар асоси мақосиди муштарак ҳамкорӣ шавад ва дар наҳзате, ки ба нафъи ҳукумати Туркия барпо мешавад, ширкат кунанд… Ҳақиқат ин аст, ки истиқлоли Покистон дар ҷаҳони ислом, барои эҳёи дини ислом, нахустин инқилоби исломӣ буд… Дар ҳамин замон дар Эрон низ фикри инқилоб густариш ёфт. Ба сабаби навиштаҳои доктор Шариатӣ ва дигар донишмандону уламо дар мавриди Иқбол, ӯро боэҳтиром дар зумраи мутафаккирони инқилоби исломӣ қарор доданд».[16]

Мусаллам аст, ки устод Миршакар шефтаи Иқбол ва осори ӯ буд, бинобар ин, вай дар осораш ҳароина аз ӯ таъсир

[16] Ҷовид Иқбол. Зиндаруд. –Душанбе:Эр-граф, 2011. –С.344-402.

пазируфтааст. Таассури ӯ аз Иқбол дар осораш аз ихлосу муҳаббат шурӯъ шуда, то илҳому пайравию истиқболу тазмину катиба идома меёбад. Лиҳозо, мо ибтидо аз ёдкарду тавсифи Иқбол, аз ҷумла шеъри «Шаҳиди орзуҳо», сухан мегӯем. Шоир дар банди аввали ин шеър Иқболро «шаҳиди сӯзу сози орзуҳо, калиди рози дилҳо, бар мурғи илҳомам пару бол» мегӯяд ва ба хонанда ошно менамояд. Ӯ дар банди дувум худро ба Иқбол муаррифӣ менамояд, фарзанди Тоҷикистон, аз Боми ҷаҳон будани худро зикр мекунад. Ин корҳояшро тавассути муколама ба ин пири сухангӯ, навсаро, сарояндаи ормонҳои бечорагону мазлумон, шарики дарду сӯзи халқ, яке аз муборизони роҳои озодӣ анҷом медиҳад. Ҳамзамон, вай ба истиқлол расидани Ҳиндустон ва аз зулми мустамликавӣ озод шудани кишварашро ба Иқбол табрик мегӯяд, ӯро «устод» мехонад ва бовар мекунонад, ки акнун туро танҳо ғазалхон намедонанд, кишвари ту акнун озод аст, деҳқонаш барои дигарон кишт намекунад, сарнавишташро ба дасти худ гирифтааст, ту дигар дар кишвари хеш, ки то дирӯз ғариб будӣ, ғариб нестӣ, соҳибхонаӣ, туро дар ин мулки озод акнун мепарастанд, арҷ мегузоранд, туро хуршеди миллати медоданд, бароят ҷаҳону фазои тозае бунёд кардаанд, яъне орзуҳои туро бароварда сохтаанд:

*Шаҳиди сӯзу сози орзуҳо,*
*Калиди рози дилҳо-шоир Иқбол*
*Биё, дар кишвари дил сайр бинмой,*
*Туӣ бар мурги илҳомам пару бол!*[17]

Ӯ дар шеъри дигараш, ки «Ҷустуҷӯ дорад дилам» ном дорад, ин байти Иқболро:

*Зинда кун дар сина як рӯзе, ки рафт,*
*Дар ҷаҳон боз овар он рӯзе, ки рафт*[18]

[17] Мирсаид Мишакар. Асарҳои мунтахаб. –Душанбе:Ирфон, 1982. –С.68-69.

*ба масобаи катиба меорад ва мегӯяд:*
*Амр кардӣ:*
*«Зинда кун сӯзе, ки рафт,*
*Дар ҷаҳон, боз овар он рӯзе, ки рафт!»*
*Ҳар чӣ фармоӣ, ба чашм!*
*Аммо шунав,*
*Арзи ин ҷӯяндаи асрори нав:*
*Сӯзи навро орзӯ дорад дилам,*
*Ҷои он сӯзе, ки рафт,*
*Рӯзи навро ҷустуҷу дорад дилам,*
*Ҷои он рӯзе ки рафт!*[19]

Бояд гуфт, ки таассури Миршакар аз Иқбол бештар ба лафзу мазмун иртибот мегирад, на ғоя, ки онҳо дар муқобили ҳам қарор доранд, зеро Иқбол наҷоти мусулмонон ва саодати онҳоро дар дил мепарварад, Миршакар озодии инсон ва хушбахтии ӯро. Барои намуна метавон ин абётро, ки аз лиҳози лафзу маънӣ ҳамсонанд, аммо ғояҳои мухталифро тарғиб менамоянд, ба хониш гирифт, ки яке дар шакли панд (Иқбол), дигаре (Миршакар) ҳикмат аз қаламашон таровидаанд:

*Орзуро дар дили худ зинда дор,*
*То нагардад мушти хоки ту мазор.*[20]

***

*Зиндагӣ бар орзу дорад асос,*
*Хешро аз орзуи худ шинос.*[21]

*Иқбол*

*Зиндагӣ бе орзу ширин набуд,*
*Зиндагиро орзу ширин намуд.*[22]

---

[18] Ҳамон ҷо. –С.26.
[19] Ҳамон ҷо, ҳамон с.
[20] Муҳаммад Иқбол. Пайғоми Шарқ. –С.44.
[21] Ҳамон ҷо. –С.249.
[22] Мирсаид Миршакар. Асарҳои мунтахаб. –С.38.

*Миршакар*

Намунаҳои дигар аз таассури Миршакар аз Иқбол:

*Ба гӯшам омад аз хоки мазоре,*
*Ки дар зери замин ҳам метавон зист.*
*Нафас дорад, валекин ҷон надорад,*
*Касе, к-ӯ бар муроди дигарон зист.*[23]

*Иқбол*

*Зинда он кас, ки мурда бошад ҳам*
*Зиндагӣ баҳравар зи ҳиммати ӯст.*
*Мурда бишмор зиндаеро, к-ӯ*
*Зиндагиро на душман асту на дӯст.*[24]

*Миршакар*

*Барги гул рангин зи мазмуни ман аст,*
*Мисраи ман қатраи хуни ман аст.*[25]

*Иқбол*

*Бо муҳаббат зебу зиннат медиҳанд*
*Зиндагиро мардуми эҷодгар…*
*Ҳар суруду шеъру сози хешро*
*Зиндагӣ бахшанд бо хуни ҷигар.*[26]

*Миршакар*

*Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст,*
*Дар дили шӯъла фурӯ рафтану нагдохтан аст.*[27]

*Иқбол*

*…Ҷои он дар баҳри пурҷӯши ҳаёт,*
*Ғӯта хӯр дар баҳру аз қаъраш барор.* [28]

*Мирашкар*

---

[23] Муҳаммад Иқбол. Пайғоми Шарқ. –С.89.
[24] Мирсаид Миршакар. Асарҳои мунтахаю. –С.39.
[25] Муҳаммад Иқбол. Пайғоми Шарқ. –С.74.
[26] Мирсаид Миршакар. Асарҳои мунтахаб. –С.45.
[27] Муҳаммад Иқбол. Пайғоми Шарқ. –С.160.
[28] Мирсаид Миршакар. Асарҳои мунтахаб. –С.54.

Миршакар дар шеъри «Натарс аз ранҷ» як мисраи Иқболро аз ин шеъри ӯ:

*Саропо дарди дармоннопазирам,*
*Напиндорӣ, забуну зор пирам.*
*Ҳанӯзам дар камоне метавон ронд,*
*Зи кеши миллате афтода тирам*[29]
*бад-ин тавр тазмин намудааст:*
*Маро дида мапиндор ин ки як умр*
*Ҳамон тавре ки бинӣ, пир будам.*
*Ҷавон будам ба мислат бо сурудам,*
*Ба дасти синфи худ шамшер будам.*
*Барои хизмати халқу диёрам,*
*Равон астам, агарчанде ки пирам,*
*«Ҳанӯзам дар камоне метавон ронд»,*
*Ба ҷони хасми худ сӯзанда тирам.*[30]

Зимнан бояд гуфт, ки устод Миршакар на танҳо дар мақолаи вижаи «Муҳаммад Иқбол» ё ашъораш, балки дар хотираҳояш, ки дар васфи аҳли сухан гуфтааст, низ аз Иқбол ёд мекунад, аз осораш барои тасдиқи афкору андешааш мисол меорад, бад-ин тартиб аз ҳузури ӯ дар зеҳну тафаккур, таровишҳои қалам, эътиқоду ихлосаш ба вай ба мо хабар медиҳад. Чунончи, ӯ дар китоби «Ёди ёри меҳрубон», ки фарогири хотираҳои ӯ доир ба ҳаёту эҷодиёти адибони шӯравӣ, аз ҷумла Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Деҳотӣ, Раҳимӣ, Тихонов ва дигарон мебошад, дар мақолаи «Хотираҳои рӯзҳои нек», ки ба сафари худ ба Ҳиндустон алоқаманд аст, ба Николай Тихонов аз маҷмӯаи осори Иқбол, нашри он дар

[29] Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ.Куллиёти форсӣ. –Душанбе:Дониш, 2013. –С.580.
[30] Мирсаид Мишакар. Асарҳои мунтахаб. –С.48.

Тоҷикистон ва шуҳрати ӯ дар Ҳинд, ба вижа Покистон, хабар дода, ба саволаш чунин ҷавоб медиҳад: «Ту, ки қариб ним сол дар Ҳиндустон гаштаӣ, ягон чизе аз таассуротат навиштаӣ ё не? –пурсид Николай Семёнович.

Ман фаҳмондам, ки ҳар соле ба Ҳиндустон шоирон ва нависандагони бисёре мераванд ва чун бармегарданд, албатта, чизе менависанд. Ман ҳам метавонистам барои калонсолон силсилаи шеърҳо нависам, лекин хуб медонам, ки аз силсилаи шеърҳои ҳиндустонии Мирзо Турсунзода беҳтар навишта наметавонам, вале аз онҳо сусттар навиштан намехоҳам. Бинобар он барои бачаҳо силсилаи шеърҳои «Бачагони Ҳиндустон»-ро навиштам.

Ин гап ба Николай Семёнович писанд омад.

-Инчунин, -илова кардам ман, -ба муносибати конференцияи нависандагони Осиёву Африқо маҷмӯаи шеърҳои Муҳаммад Иқболи Лоҳуриро ба чоп тайёр карда будам Ба наздикӣ дастраси хонандагон гардид.

-Аз ин пеш дар Тоҷикистон Иқболро медонистанд?

-Иқбол барои Тоҷикистон бозёфти нав аст, -ҷавоб додам ман.

-Аммо дар Ҳиндустон, махсусан дар Покистони имрӯза Иқбол шуҳратманд аст. Шеърҳои Иқболро ҷавонон, бесавод бошанд ҳам, аз ёд медонанд, месароянд. Дар суҳбате яке аз ҳозирон гуфт, ки «Муҳаммад Иқбол ҳамдиёри ман аст. Вай дар Фаранг хондааст ва тамоми ҳикмати ҷаҳониро аз худ кардааст. Иқбол овози халқи мост. Вай ватани моро диёри покон, яъне Покистон номид. Худи ман таронаҳои бисёри ӯро аз ёд медонам. Дар рӯзҳои ғаму шодиям онҳоро мехонам. Аз боғи ӯ ниҳоли гулу садбаргеро дар баландии шаҳр кӯчат кардам. Атроф аз он муаттар туаттар ат. Касе бо нияти бад ба он даст расонда наметавонад, зеро номи муқаддаси Иқбол нигаҳбони ӯст. Шохаи гулҳоро чунон буридаам, ки як гул аз гулҳои дигар

болотар меистад, ин гули назм аст, бояд гули назм чун худи Иқбол сарбаланд бошад…». [31]

Аммо ӯ дар мақолаи «Чаро ман шоир шудам?», ки дар бораи сафараш ба Ҳинд ва баҳсу мунозирааш доир ба методи реализм, романтизми фаъол бо адибон сухан меравад, ӯ Иқболро намояндаи бузурги романтизми фаъол муаррифӣ менамояд ва порае аз шеъри ӯро ба сифати мисол нақл менамояд, зеро, ба қавли ӯ, «қудрат ва тавоноии реализми сотсиалистии мо дар он аст, ки вай ҷиҳатҳои прогрессивии ҳамаи методҳои адабиро дар бар мегирад. Романтика ду равияи мухталиф дорад, ки яке романтизми пассиву ғайри фаъол аст, ки барои ҳал намудани масъалаи муҳимми ҳаётӣ оҷиз аст, роҳи ҷанговаронаро нишон дода наметавонад, бинобар он ҳам маҷбур аст, ки дар баробари ҳаётро зебо нишон додан, ба тақдир сар фароварданро ҳам ёд диҳад. Масалан: «Замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз», диққати олимонро аз ҳақиқати ҳаёт дур карда, ба масъалаҳои созишкорӣ, ишқи илоҳӣ, марг ва ғайра ҷалб кунад. Романтизми фаъол бар хилофи он мекӯшад, ки иродаи одамро на ба пассивию дунёбезорӣ, балки ба дӯст доштани ҳаёт ва мубориза бурдан мустаҳкам созад. Ӯро ба муқобили ҳаёти ногуворо ва ҳама гуна ҷабру зулм ба по хезонад. Чуноне ки Иқбол мегӯяд:

*«Гуфтанд ҷаҳони мо оё ба ту месозад?*
*Гуфтам, ки намесозад!*
*Гуфтанд, ки барҳам зан!».*[32]

Хулоса, устод Миршакар, нахустин адибест, ки дар Тоҷикистон осори Иқболро паҳн карда, доир ба ҳаёту эҷодиёти ӯ ба хонандагон маълумот дода, аз ҳусну қубҳи

---

[31] Ёди ёри меҳрубон. –С.250-251.
[32] Ҳамон ҷо. –С.272-273.

осораш хонандагонро огоҳ сохтааст. Иқбол, пеш аз ҳама, барои устод Миршакар сарояндаи озодӣ, инқилоб, ташвиқгари кору кӯшишу мубориза бар зидди аҷнабиён, мустамликадорон, паёмовари адолат, тарафдори ғояи марксистӣ-ленинӣ, сохти одили сотсиалистӣ, тавсифгари Ленин, Маркс, на тарафдори ақидаҳои иртиҷоии ӯ, яъне барпо кардани давлати исломӣ, аморату хилофат, беватанӣ, бемиллатӣ ва беҳувиятӣ, ки муҷиби ташкил шудани давлатҳои исломии Покистон, Эрон, Афғонистон гардид, маҳсуб мешавад. Иқбол барои ӯ касест, ки бедорӣ, худшиносӣ, фалсафаи ҳаракату сахткӯшӣ ва ҳамқадами замон буданро ташвиқ менамояд. Маҳз аз ин лиҳоз Иқбол ва осораш ба рӯҳияи ӯ созгор аст, онро тарғиб мекунад, меомӯзад, аз он илҳом мегирад, пайравӣ менамояд. Бесабаб нест, ки Миршакар подшоҳи Ҳиндустон Акбарро, ки меъмори сулҳи кул ва одилу пешқадам буд, дар қиссаи «Айёми шибоби Бирбал ва Акабар»[33] меситояд, аммо Иқбол, баръакс, Акбари озодандеш ва тарғибгари дӯстии ҳиндуҳову мусулмонон ва ягонагии динҳову мазҳабҳоро мазаммат мекунад ва аз Аврангзеб, ки шоҳи иртиҷоиву мутаассиб буд ва ҳамин таассубаш боиси шикасти Ҳиндустон аз ҷониби англисҳо гардид, ҷонибдорӣ менамояд ва мегӯяд:

*Шоҳи оламгири гардуностон,*
*Эътибори дудмони Курагон.*
*Пояи исломиён бартар аз ӯ,*
*Эҳтироми шаръи пайғамбар аз ӯ.*
*Дар миёни корзори куфру дин,*
*Таркиши моро хаданги охирин.*
*Тухми илҳоде, ки Акбар парварид,*
*Боз андар фитрати Доро дамид.*

[33] Мирсади Миршакар. Асарҳои мунтахаб. – С. 403-432.

*Шамъи дил дар синаҳо равшан набуд,*
*Миллати мо аз фасод эман набуд.*
*Ҳақ гузид аз Ҳинд Оламгирро,*
*Он фақири соҳиби шамшерро.*
*Аз пайи эҳёи дин маъмур кард,*
*Баҳри таҷдиди яқин маъмур кард.*
*Барқи теғаш хирмани илҳод сӯхт,*
*Шамъи дил дар маҳфили мо барфурӯхт…*
*Шуълаи тавҳидро парвона буд,*
*Чун Бароҳим андар ин бутхона буд.*
*Дар сафи шоҳаншаҳон яктостӣ,*
*Фарқи ӯ аз турбаташ пайдостӣ.* [34]

Ба ҳарфи дигар, устод Миршакар афкори пешқадаму инсонии Иқболро тавсиф менамояд, аммо андешаҳои иртиҷоию маҳдуди динию мазҳабии ӯро, ки барои башар, ба вижа миллату кишвар хатар эҷод мекунанд, ба ҷаҳонбинию тафаккури мо ноҳамгунанд, маҳкум ва рад менамояд. Бинобар ин, ӯ огоҳона хондан, ба неку бад, ҳусну қубҳи осори шоир мунсифона баҳо додан ва суд бардоштан аз хубиҳои онро дастур медиҳад. Гӯйӣ, ин абёти раҳнамои шоир аз забони ӯ ҷорӣ мешавад, ки мегӯяд:

*Қиссаи Заҳҳок, ҳам эдун, бихон,*
*Номаи Ҷамшеду Фаридун бихон.*
*Неку бад аз дафтари эшон биҷӯй,*
*Нек ба хотир куну бадро бишӯй!*[35]

[34] Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти форсӣ. – Душанбе: Дониш, 2013. – С. 121.
[35] Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб. –Душанбе:Ирфон, 1973. –С.302.

**Муҳаммадёр ҲАЙДАРОВ**
**Маҳмадалишо МУЗОФИРШОЕВ**
**Фирдавс МИРЗОЁРОВ**
*дотсентони ДМТ*

## ТАРРОҲИ ФАРҲЕХТАИ ҲУСНИ БАЁНИ ТОҶИКӢ



Илм равшангари роҳи инсоният аст. Муҳаққиқон тавассути таҳқиқу пажуҳиш мардумро раҳнамоӣ карда, барои расидан ба ҳадафҳои дарпешгузошта мусоидат мекунанд. Хосатан, вақте он соҳибилм, омӯзгору устод бошад ва илмаш ба қавле «ба амал ёр гардида бошад». Ҳамзамон бо таҳқиқи ин ё он риштаи илме дасти ҷавонеро гирифта, онро бо дуои нек ба роҳи рост ҳидоят кунад. Яке аз ҳамин гуна шахсиятҳои фарҳехта Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи забони адабии муосири тоҷик Ҳомид Маҷидов мебошад, ки умри пурбаракати худро ба тадқиқи паҳлуҳои мухталифи илми забоншиносии тоҷик – фразеология, луғатшиносӣ, сарф, масъалаҳои меъёри забони адабӣ, ҳусни баёни тоҷикӣ ва усулҳои таълими он, ҳамчунин ба омода сохтани кадрҳои баландихтисос бахшидааст. Дастуру мақолаҳо ва асарҳои илмию таълимии ӯ, ки беш аз 400 ададро ташкил карда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва форсӣ ба табъ расидаанд. Ин мақолаву асарҳои таҳқиқӣ имрӯз барои шогирдону донишомӯзон, муҳаққиқон ва олимони риштаи забону адабиёт ва умуман, барои ҳаводорони забони ноби

тоҷикӣ чун дастур роҳнамои таҳқиқ хизмат мекунанд. Масалан, «Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик» (1982), «Забони адабии муосири тоҷик» (2007), «Системаи фразеологии забони адабии муосири тоҷик» (2006), «Гурӯҳҳои феъли забони тоҷикӣ» (1978), «Ибораҳои фразеологӣ ва таркибҳои феълӣ» (1986), «Оид ба категорияи намуди феъл дар забони тоҷикӣ» (1999), «Оид ба баъзе майлонҳои номатлуб дар забони адабии муосири тоҷик» (2003), «Оид ба масъалаҳои мутобиқати калимаҳои иқтибосии русӣ ва аврупоӣ» (2003), «Оё мо забони адабии шифоҳӣ дорем?» (2004) «Забони адабии тоҷикӣ ва меъёрҳои луғавии он» (2005), «Мулоҳизае чанд роҷеъ ба баъзе масъалаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ» (2010) ва садҳои дигарро мисол овардан мумкин аст, ки аз ҷониби олимони соҳа бо тақризҳои сазовор дар ВАО ва баъзе китобҳо муҳокима ва баррасӣ гардида, сазовори баҳои баланд гардидаанд. Аксари мақолаҳои ҳаҷман бузурги профессор Ҳ. Маҷидов соли 2014 дар шакли китоб ба табъ расидаанд, ки масъалаҳои мухталифи сарбастаю пурбаҳси илми забоншиносиро дар бар гирифтаанд, ки яке аз онҳо «Меъёрҳои истеъмолии забони адабии муосири тоҷикӣ» мебошад. Он аз рӯйи мазмуну муҳтаво ва масъалагузорӣ арзиши як китоби алоҳидаро дорад. Профессор Ҳ. Маҷидов дар ин пажуҳиш бо далелҳои асосонок ба масъалаи пурбаҳси меъёри забони адабии тоҷикӣ, ки солҳо боз мавриди муҳокима қарор дошт, нуқта гузошт. Мақола бо шарҳи истилоҳии «меъёр» оғоз гардида, баъдан бо баррасии баъзе ақидаҳои соҳибзабонон роҷеъ ба мафҳуми «меъёри забон» идома меёбад. Профессор Ҳ.Маҷидов бо ифтихор қайд мекунад, ки «… Забони адабии муосири тоҷикӣ яке аз гунаҳои меъёрии забони умумихалқии мардуми точик аст. Он на фақат идомаи форсии классикӣ мебошад, он ҳамчунин дар худ унсурҳои забони умумихалқии точикони Осиёи Марказӣ

ва мамлакатҳои гирду атрофи онро маҳфуз медорад». Мавриди зикр аст, ки муаллифи мақола омили асосии ба ин мартаба боло рафтани забони адабии муосири тоҷикиро натиҷаи хидматҳои шоёни адибони тоҷик Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Садриддин Айнӣ, Абдурауфи Фитрат, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва адибони зиёди дигар медонад. Ба ақидаи профессор Ҳ. Маҷидов маҳз Истиқлоли давлатӣ имконият фароҳам овард, ки забони адабии муосири тоҷикӣ рушду такомул ёфта, имкониятҳои ахбории худро тавсеа бахшид. Баъд аз тафсири мафҳуми меъёри забон ва сабабу натиҷаҳои инкишофи забони меъёрии тоҷикии муосир муҳаққиқи нозукбаён ва профессори соҳибхирад махсус қайд мекунад, ки «…азбаски мафҳуми меъёри забон бо доираи истеъмоли воҳидҳои сатҳҳои ҷудогонаи он алоқамандии бевосита дорад, анвои онҳоро дар робита бо ҳамин воҳидҳо аз назар гузаронидан лозим мешавад. Аз ин нуқтаи назар дар забони адабии муосири тоҷикӣ меъёрҳои истеъмолии савтию аксентологӣ, сарфиву калимасозӣ, луғавию маъноӣ, фразеологӣ ва наҳвиро, ки ҳар яке аломату нишонаҳои хосро соҳибанд, ҷудо намудан мумкин аст». Албатта, ин гуна радабандии меъёрҳои забонӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки ҳар як нуктаи алоҳидаи меъёрҳои истеъмолии забони адабии муосири тоҷикиро хеле хуб ва мушикофона дарк намояд. Дар қисмати «Меъёрҳои савтиву аксентологӣ» сараввал профессор Ҳ. Маҷидов дар бораи овозҳои и ва у-и дароз ибрози андеша намуда, ба хилофи ақидаи бархе аз забоншиносон, ки гӯё «қимати фонологии худро гум кардаанд», бо мисолҳои зиёд ва далелҳои илмӣ мавҷудияти онҳоро дар забони адабии муосири тоҷикӣ исбот кардааст. Дар идома, роҷеъ ба мавқеи истеъмоли овозҳои ж, қ, ъ, ҷ, ҳ-и забони адабии муосири тоҷикӣ ва интонатсияю

заданокии он ақидаҳои асосноки худро баён намудааст. Хулосаи устод дар масъалаи меъёрҳои савтиву аксентологӣ хусусияти таъкидӣ дорад. Профессор Ҳ.Маҷидов менависад, ки «Барои таъмини истифодаи саҳеҳу дурусти меъёрҳои савтивтиву аксентологии забонамон мақоми луғатҳои орфоэпӣ, аксентологӣ ва интонатсионӣ ниҳоят калон аст. Мутаассифона, дар забоншиносии тоҷик то ҳол чунин луғатҳо ба вуҷуд оварда нашудаанд». Банди дуюми мақолаи мавриди таҳлил бо номи «Меъёрҳои сарфиву калимасозӣ» шуруъ гардида, дар он қоидаҳои муҳимтарине, ки риояи онҳо дар забони муосири тоҷикӣ шарт ва зарур мебошад, бо низоми муайяни ба таҳқиқи илмӣ хос оварда шудааст. Пеш аз ҳама, дар ин банд қоидаҳои мансуби ҳиссаҳои нутқ – аз исм то ҳиссачаву нидо баррасӣ гардидаанд. Дар мавриди меъёрҳои калимасозӣ низ қайдҳои ҷолибе аз ҷониби профессор ишора гардидаанд. Махсусан, ба усули таркибии калимасозӣ, ки имрӯзҳо хеле инкишоф ёфтааст ва дар доираи аксарияти ҳиссаҳои нутқи забонамон мушоҳида мегардад, усули ихтисораро низ дохил мекунад. Дар ин самт профессор Ҳ. Маҷидов таъкид мекунад, ки «Созмони калимаҳои нав бо усули ихтисора қоидаҳои муайяни худро дорад, ки ба қонунияти ҳамнишинии овозҳои тоҷикӣ ва ё номи ҳарфҳои ифодагари онҳо алоқаманд мебошад. Дар мавриди созмон додани чунин калимаҳо бояд ин қонуниятҳои ҳамнишинии овозҳо, ҳарфҳо ва ҳиҷоҳо ба ҳисоб гирифта шаванд. Дар акси ҳол ихтисороти гӯшхароши ба талаффузи тоҷикӣ носозгор ба вуҷуд омада метавонад». Албатта, дуруст аст, ки дар чунин ҳолат ихтисораи бавуҷудомада зуд аз истифода берун мегардад. Бахши дигари мақола, ки «Меъёрҳои луғавию маъноӣ» ном дорад, донистани он барои ҳар як соҳибзабон ниҳоят муҳиму зарур маҳсуб мешвад. Зеро ки он бо сабаби ғанӣ ва бой баданаш нисбат ба дигар бахшҳои меъёрии забон

тез-тез ба тағйирот дучор мегардад. Профессор Ҳ. Маҷидов баробари баррасии меъёрҳои калимаҳои аслии тоҷикӣ, шевагӣ, иқтибосӣ, калимаҳои ифодагари мафҳумҳои малеҳу адабӣ қайд мекунад, ки «Солҳои зиёд вазифаи луғати меъёрии забони тоҷикро луғатномаи «Луғати тоҷикӣ-русӣ» (Москва, 1954) ва «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (нашри охир: Душанбе, 2006) адо мекард. Соҳибзабонон ин ё он калимаи мустаъмал, маъноҳо ва мавридҳои истеъмоли онро ба тавассути ҳамин сарчашмаҳо муайян мекарданд. Намунаи луғати меъёрии тафсирӣ дар ду ҷилд бо номи «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» аввалин бор дар таърихи навини забоншиносии тоҷик соли 2008 ба нашр расидааст. Бо вуҷуди баъзе нуқсону норасоиҳое, ки дар ин луғат роҳ ёфтаанд ва боиси танқиду хӯрдагириҳои баъзе ашхос гаштаанд, маҳз ҳамин асар вазифаи ҳуҷҷати нозири меъёрҳои забони адабӣ буданро иҷро карда метавонад, на «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-и насри соли 1969, ки дар он тафсири калимаву маъноҳои забони форсии классикӣ оварда шудаанд. Забони адабии муосири тоҷик аз форсии классикӣ – забони китобие, ки аз асри X то ба нимаҳои асри XIX дар истифода буд, бо системаи маъноӣ ва мавридҳои истеъмоли калимаҳояш хеле фарқ мекунад, бинобар ин «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (Москва, 1969) барои забони адабии муосири тоҷик луғати меъёрӣ буда наметавонад». Дар ҳақиқат ба табъ расидани «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» яке аз шоҳкориҳои даврони Истиқлол маҳсуб меёбад, ки профессор Ҳ. Маҷидов ба воситаи ин мақола дар хусуси ин луғат назари мусбати худро баён мекунад. Дар банди чоруми ин мақолаи профессор Маҷидов Ҳ. меъёрҳои фразеологӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Ба ақидаи олими нуктасанҷ Ҳ. Маҷмдов захираи таъбироти меъёрӣ назар ба ҳамин гуна захираи луғавии забон миқдоран камтар мебошанд, ки ба ҷумлаи онҳо пеш аз ҳама, воҳидҳои фразеологии серистеъмолу

муътадилоҳанг, ифодаҳои рехтаи қабати китобӣ, махсусан, таъбироти мансуби забони адабиёти бадеӣ, ҳамчунин истилоҳоти таркибию рехтаи соҳаҳои гуногуни илму фан, таъбироти адабии гуфтугӯӣ ва аз рӯйи зарурат як идда воҳидҳои рехтаи шевагӣ дохил мешаванд. Риоя нагардидани ин меъёрҳо аз ҷониби муаллиф махсус қайд гардидааст: «Шикастани қолабҳои мустаъмали таъбироти забонамон ва ба истеъмол ворид намудани нусхаҳои ғайримаъмули онҳо низ аз риоя нашудани меъёрҳои фразеологӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, дар шакли ба ин вуҷуд, ба кор бурдани таркиби рехтаи бо вуҷуди ин, истифодаи хошоку хас ба ҷойи хасу хошок, чолоку чуст ба ивази чусту чолок, нузу ноз дар мавриди нозу нуз аз ҳамон қолабшиканиҳои номатлубанд, ки гоҳо дар забони матбуоти замон ба мушоҳида мерасанд». Албатта, дар ин маврид низ моро як фарҳанги бузурги фразеологӣ лозим аст, ки чунин қоидаҳо дар он сабт ёфта бошанд. Ин нукта бо таассуф дар хулосаи ин банд, қайд гардидааст. Банди панҷуми мақолаи «Меъёрҳои истеъмолии забони адабии муосири тоҷикӣ» меъёри наҳвӣ оварда шудааст. Дар ин банди мақола қоидаҳои дурусти иборасозӣ ва ҷумлаороии забони адабии муосири тоҷикӣ баррасӣ гардидааст. Дуруст аст, ки забони адабии муосири тоҷикӣ низ яке аз шоҳаҳои забони форсӣ мебошад ва ба монанди дигар забонҳои пешрафтаи дунё қоидаҳои дар заминаи илми грамматика муқарраргардидаи худро дорост. Ба ин нисбат дониставу надониста иборaю ҷумлаҳои онро дар қолаби забони форсии Эрон ва ё шеваю лаҳҷаҳои он сохтан дуруст нест. Дар ин банди мақола муаллиф ин падидаро танқиди намуд, таъкид мекунад, ки «Қобили тазаккур аст, ки қолабҳои наҳвии зиёди дар форсизабонони бурунмарзӣ истифодашаванда ба меъёрҳои истеъмолии забони мо мувофиқат намекунанд. Ба ин нисбат гоҳе ба тоҷикзабон ҳамчун қолаби ифодаи хоси тоҷикӣ пешкаш

намудани онҳо ба ҷуз саргумиву ҳамдигарнофаҳмиҳо чизи дигареро ба вуҷуд оварда наметавонанд. Масалан, ҷумлаҳои хабарашон танҳо бо сифати феълӣ бидуни бандакҳо ифодашуда, ки аз ҷониби баъзе қаламдастон зиёд суйистифода мешаванд, ба қатори ҳамин гуна қолабҳо дохил шуда метавонанд».

Воқеан, мақолаи «Меъёрҳои истеъмолии забони адабии муосири тоҷикӣ» арзиши баланди илмӣ дорад ва онро метавон ҳамчун фанни интихобӣ дар курсҳои болоии риштаи филологии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ҷорӣ намуд.

Профессор Ҳ. Маҷидов ба ин монанд мақолаҳои зиёди сатҳи илмиашон баланди дорад ва барои таҳлилу баррасии он доираи як мақола тангӣ мекунад. Мақсад аз овардани ин сатрҳо агар аз як тараф баррасии ақидаҳои илмии устод аз ҷониби шогирдон миёни соҳибзабонони даврӣ бошад, аз тарафи дигар, расонидани паёми омад-омади баҳори 85-умини устоди азизу вологуҳарамон Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи забони адабии муосири тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомид Маҷидов мебошад. Устоди арҷмандамонро, ки воқеан боиси ифтихори мо – шогирдон мебошанд, ба ин муносибат табрику таҳният мегӯем. Бигузор ҳамеша сарбаланду хонаобод бошанд ва дар иҳотаи шогирдон солҳои зиёд бо ифтихор қадам зананд.

**Абдулвоҳид ҒОИБӢ**
*устоди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода*

# УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА – ВАССОФИ МУМТОЗИ ДӮСТИВУ БАРОДАРӢ (чанд мулоҳиза дар ҳошияи шеъри “Марҳабо”-и устод Турсунзода)

Дӯстиву бародарӣ бо тамоми шукӯҳу тароват бо замзамаи « одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт» дар дилу ҷони инсон таҷаллӣ мекунад. Агар холисона бигӯем, аввалин сарояндаи мумтози шеърҳои дӯстиву бародарӣ дар адабиёти навини тоҷик устод Мирзо Турсунзода аст. Ба ин маънӣ:

*Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.*

Агар ба дурустӣ ташхис диҳем, устод Мирзо Турсунзода дар васфи дӯстию бародарӣ, фавоиди ин неъмати пурлатофат дар тамоми достону қисса ва сурудаҳояш бахше ё тамоми асарро бахшидааст. Мардумон шеъру достонҳои аз ғояи дӯстиву бародарӣ саршорашро мутолиа намуда, дар дилашон нисбат ба инсон ва Тоҷикистони азиз меҳри ҷӯшон пайдо кардаанд.

Дар ҷилди 3 – юм 23 мақола ва тарҷумаҳо чоп гардидаанд, ки дар ағлаби мақолаҳо доир ба дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек сухан меравад ва дар ҳар ҷо ки вожаи тоҷик дарҷ шуда бошад, он ҷо албатта, вожаи ӯзбек низ омадааст[2, 7, 28,34,36,45,46, 59,91,92,93].

Тасмим гирифтем, ки доир ба дӯстии ду халқи бародар -- тоҷику ӯзбек, аниқтараш, доир ба дӯстии устод бо шоираи шаҳири ӯзбек Зулфия ва мунтаҳо, оид ба шеъри ба Зулфия бахшида бо номи «Марҳабо» сухан ронем.

Нахуст, шеър аз 36 байт, 72 мисраъ иборат буда, бо қофияи аа, бб, вв, яъне бо қофияи маснавӣ дар вазни пуркорбурди тоҷикӣ: рамали мусаддаси маҳзуф эҷод гардидааст. Ногуфта намонад, ки аксари абёти ин шоири маҳбуб дар ҳамин вазн суруда шудааст. Вожаи "маҳбуб" ба ин шоири дилогоҳ аз гуфтаҳои аксарияти онҳое ҳаст, ки боре бо устод будаву дар бораи ӯ хотироте овардаанд. Ба таври мисол аз гуфтаи худи шоира Зулфия меорем.

Дар соли 1968 дар Ӯзбекистон Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик доир шуд, - менависад дар ёддоштҳои худ Зулфия, - Дар ин даҳа иштирок намудани Мирзо Турсунзода ба он руҳи дигар, тароватидигар бахшид. Турсунзода ба назарам аз ҳама тараф зебо метофт: ҳам чеҳрааш, ҳам қаду қоматаш, ҳам либосаш, ҳам рафтору кирдораш, ҳам овози ширадораш. Симои ӯ дар хотирам чунин нақш баста буд.

Басо шоирони навпардоз, ки ба манзумасароӣ ҳам рӯй овардаанд, аммо кори онҳо бештар ҷанбаи тафаннунӣ доштааст. Шоири навпардозе, ки дар ин шакли шеърӣ низ ба чашми навбин нигарист ва бисёр зуд ба унвони соҳибсабк шинохта шуд, хоса бархе аз шеърҳои ӯ ҳамчун шеъри зер:

*Духтари ӯзбек моро гӯш кун!*
*Дигаронро андаке хомӯш кун!*
*Гӯш кун! Гапҳои мо беҳуда нест,*
*Ин садоҳои дили осуда нест.*
*Шавқи ту моро ба илҳом оварад.*
*Рӯ ба сӯи Ӯзбекистон оварад [1,149].*

То он ҷо шуҳрат ёфт, ки мавриди истиқболи шуарои дигар қарор гирифт. Нармии калом, содагӣ ва бепироягӣ, радифҳову қофияҳо ва ҳам вазни шеъри ӯ, align="justify" онҷунон дурахшишу тозагӣ дорад, ки чӣ басо нигоҳро аз таваҷҷуҳ ба тасовир ва тавсифоти абёт боз медорад. Дар сурате ки воқеият,

ҷуз ин аст. Кофӣ ин аст, танҳо дар ҳамин як байти ӯ диққат кунем:

*То сухан чун қомати мавзун шавад,*
*Дар сари ҳар мисрае дил хун шавад [1,149].*

То ба ҳамаи он имтиёзот пай бибарем. Аммо муҳимтарин нуктае, ки роҷеъ ба шеъри устод метавон гуфт, забони эҷоди ӯст, ки пеш аз ҳар шеър шоири дӯстисаро ба забони Рӯдакӣ наздик шудааст ва ҳамчун абёти зер:

*Кошкӣ, табъи равон медоштам,*
*Рӯдакиқудрат забон медоштам-*
*Менавиштам ҳусну алтофи туро,*
*Рӯи некуву дили софи туро [1,149].*

Истифода аз иҳом вожаи «паҳлӯ», ки ба воқеияти дар ҳимояи шоира будани давлати Ӯзбекистон ишора дорад ва истифода аз «нигоҳ» пурсафо кардан бо як «гул аз боғ чидан» ва ҳангоми ҳадафгирӣ, аслан наҳваи хоси баёни байт, ки намунае аз каломи маҳкаму устувору бофти дақиқ ва якдаст ва холӣ аз ҳашв ва зоиди шери ӯст:

*Ту магар он нестӣ, ки Шарқро*
*Аз нигоҳи хеш кардӣ пурсафо?*
*Шарқиён рӯи туро чун дидаанд,*
*Гул зи боги Ӯзбекистон чидаанд.*
*Ҳар куҷо ки рафт гуфтугӯи ту,*
*Ӯзбекистон буд дар паҳлӯи ту[1,149].*

Бо мазмуни мутадовил (маъмул) шеъри пур аз муҳаббату дӯстист ва саршор аз авотифу(меҳрубонӣ) эҳсосоти шахсии ӯст, ва гоҳ сахти бепарда ва урён ва дар ҳақиқат дар ҳамин шеър, ки чеҳраи ростини шоир ба унвони суханвари мабдуъ ва соҳибсабк дар чорчӯби оинаи шеърӣ дурахшон боз метобад. Ин шеър бо чаҳор хусусияти асосии худ фарқ кардааст.

Махсусияти нахуст: таваҷҷуҳ ба мавзуъҳое, ки то имрӯз (ҷуз дар мавриди нодир) дар қолаби шеър маъмул набудааст.

Мазомини инсонӣ ва иҷтимоӣ, тавҷҷуҳ ба хотироти сафарӣ, истифода аз қиссаҳо ва маталҳо ва низ бо илҳом аз кишвари хеш ва мавзуъоту илҳомоте аз ин даст, ки ҳатто як байт аз он ҳама низ аз ҳолати шеърӣ ҷудо наяфтода аст:

*Аз сари минбар сухангӯии ту,*
*Хотири аҳли адабҷӯии ту…*
*Сомеонатро ба ҷӯш андохтаанд,*
*Дил ба даст овардаву дил бохтаанд.*
*Ёд дорӣ, дар лаби дарёи Нил*
*Мекашидӣ чун бари домони дил.*
*Духтари мисрӣ туро табрик кард,*
*Бо табассум хешро наздик кард[1,150].*

Махсусияти дуввум: таваҷҷуҳ ба тасвирҳо ва таркибҳое бадеъ, то он ҷо ки дар ғазалҳои ӯ ҳатто ба як маврид мукаррар ва мустаъмал аз навъи «қади сарв», «лаби лаъл» ва «камони абрӯ» наметавон бархӯрд. Таркибҳое ҳамчун «тоқии тақдӯзии олампаноҳ», «куртаи шоҳию чашмони сиёҳ,», «аз сари минбар сухангӯии ту» ва назоири инҳо бисёр, ки ҳама, ҳачун тору пуди шеъри М. Турсунзода ва зеботар заминаи навбофти шеъри ӯ медурахшанд:

*Дӯстам, ранҷидан аз инсоф нест,*
*Ҳарчӣ дар ҳаққи ту гӯям, лоф нест.*
*Миср пур шуд аз ҳикоятҳои ту,*
*Хоки Ҳиндустон зи нақши пои ту.*
*Дар барат тоҷик чун хеши ту буд,*
*Шоира Амрита дар пеши ту буд.*
*Бо навои мутрибони хушнаво*
*Меҳмондории шарқӣ шуд ба по.*
*Рақси ҳиндӣ, шеъри русӣ ҷӯр шуд,*
*Суҳбати ширини ту машҳур шуд[1,150].*

Махсусияти сеюм: таваҷҷуҳ ба дӯстдории абёт, ки бар хилофи забардастии ғазалҳои қадим, ки ҳар байт маънии

тамом дорад, аз ин назар бо ду байти қаблу байди худ марбут нест ва хоса ғазали сабки «ҳиндӣ», ки байтҳои он гоҳ бо мафҳумҳои мутазоданд, тамоми абёти шеъри устод М. Турсунзода аз назари маънӣ ба ҳам пайвастаанд ва ҳатто як байт хориҷ аз хати аслии муҳтаво дар ҳеҷ як аз онҳо дида намешавад:

*Ҳаст дар ёдам, ки ҳангоми сафар*
*Карда будӣ дӯстонатро хабар;*
*«Меҳмон дар Тошкенти мо шавед,*
*Аз тамоми Шарқ назди мо равед!»*
*Шарқиёнро даъватат дар ёд монд,*
*Ҳар диле бо ёди рӯят шод монд.*
*Вақт омад, меҳмонон мерасанд,*
*Аз ҳама кишвар идибон мерасанд.*
*Духтари ӯзбек, соҳибхонаӣ,*
*Аз камию костӣ бегонаӣ[1,150].*

Махсусияти чаҳорум: таваҷҷуҳ ба авзони ҷадид, ба тарзи нави корбурд, аз он ки дар шеъри гузаштагон ба собиқаи начандон зиёд ҷой дорад, бо вазнҳое, ки сарфи эҷоди ӯст ва бештар аз таркиби афоили бахри Рамал ба вуҷуд омадааст.Ва ҳар як аз мисраъҳои он аз ду лахт ё ҳар байт аз чаҳор лахт мутасовӣ ташкил мешавад:

*Ман ба ёрии ту шодон меравам,*
*На ба по, бо сар шитобон меравам.*
*Маҷлисоройи туро хос аст, хос,*
*Хотири ёрони худро дор пос.*
*Даст дар бар карда, сӯи дар биё,*
*Меҳмон омад ба дар, гӯ: - Марҳабо! [1,151].*

Хосса, дӯстии адабиёти халқҳо, падидаҳои нек дар қаробати халқи тоҷику узбек, хусусан аз давроне, ки Мирзо Турсунзода тӯли 20 сол раиси Кумитаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва

Африқо буд, густариши тоза ёфт[1,1]. Ҳамин далел мавриди таъкид аст, ки то имрӯз дар макотиби таҳсилоти ҳамагонии давлати ба мо дӯсти Ӯзбекистон хонандагон ин шеърро ба забони модарии худ аз бар мекунанд ва аз садоқати ин ду дӯст ибрат гирифта, ояндаи хешро бо меҳру садоқат бунёдгузорӣ мекунанд.

## Китобнома


1. Мирзо Турсунзода. Гулчини ашъор. – Душанбе: «Адиб», 2011. 552 саҳ.
2. Мирзо Турсунзода. Куллиёт. – Душанбе: «Ирфон», 1985. 352 саҳ.
3. Мирзо Турсунзода. Мунтахаби осор. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. 256 саҳ.
4. МирзоТурсунзода. Осори мунтахаб (иборат аз 2 ҷилд). Душанбе: «Ирфон», 1981.
5. Мирзо Турсунзода. Ошёни баланд. –Душанбе: «Маориф», 2016. 128 саҳ.
6. Сайфуллоев А. Мирзо Турсунзода. Очерки ҳаёт ва эҷодиёти шоир. - Душанбе: «Ирфон», 1983. 464 с.

**Фирдавс МИРЗОЁРОВ**
*дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

## ЗЕҲНӢ ВА ШАРҲИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲОИ МАРБУТИ ЛИБОС

Тӯрақул Зеҳнӣ яке аз муҳаққиқони нозукбаёну донандаи хуби забони тоҷикӣ мебошад, бо ки мақолаву китобҳояш дар таърихи забону адабиёти тоҷик ҷойгоҳи хоса дорад. То имрӯз ҷанбаҳои гуногуни асару мақолаҳои Зеҳнӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, арзиши илмаашон таҳқиқи мукаммалу арзишманд нашудааст. Мақолаи мо ба шарҳи баъзе вожаҳои марбути либос дар яке аз китобҳои ин сухангустари зиндаёд бо номи «Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ» бахшида шудааст. Мо ба он сабаб аст ин мавзуъро интихоб намудем, ки Тӯрақул Зеҳнӣ ба дар шарҳи маъноиву мафҳумии вожаҳо усул ё принсипи хосаи худро доранд. Чунонки муҳаққиқон огоҳанд Тӯрақул Зеҳнӣ яке аз муаллифони луғати мондагори “Фарҳанги забони тоҷикӣ” мебошанд.

Ба навиштаи муҳаққиқ Парвин Олимова: “Зеҳнӣ то охири умр ба вожашиносӣ машғул буда, дар китоби охиринаш «Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ» низ масъалаи саромад ва таърихи калимаҳоро баррасӣ намудааст. Муаллиф баҳри таълифи он 10 соли умри худро сарф намуда буд ва ба синну соли пиронааш(92) нигоҳ накарда, онро мукаррараран такмили таҳрир мекард. Вожаҳои тоҷикии классикӣ аз осори классикон пайдо, маънӣ ва мавқеи истифодаи он дар забони адабӣ ва гуфтугӯӣ эзоҳ дода шудааст (3, 138).

Яке аз калимаҳои маъмулу машҳур дар соҳаи либосу либосворӣ “Абра” аст, ки он дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба

маънои I ва II ба гунаи зерин шарҳ ёфтааст: " Абра-рӯйи либос, тарафи берунии ҳар чизи дӯхташуда; муқобили астар

I.Оразашро ҷома пӯшидаст некӯиву фар.

Ҷомааш к-аш абра аз мушкасту з-оташ остар. Унсурӣ

Кунанд абар покизатар з-остар,

Ки он дар ҳиҷоб асту ин дар назар. Саъдӣ

Абра II. а.1.ниг. абрат; 2. навъе аз хӯрок.

Абра кӣ ҷӯяд ба хароб андарун?

Ташна чӣ нӯшад, ба сароб андарун? Хисрави Деҳлавӣ (5,29).

Тӯрақул Зеҳнӣ, ҳамчун донандаи асрори климаҳои забон вожаи мазкурро мукаммалтару возеҳ дар китоби мавриди назари мо, шарҳ додааст:

"Абра - рӯйи либос, тоқия, кӯрпа ва монанди инҳо, ки дӯхта шуда бошад, муқобили остар аст. Абра-астар аз ҷомаҳое иборат аст, ки пахта надорад. Дар адабиёти дарӣ собиқ дорад:

Оразашро ҷома пӯшидаст некӯиву фар.

Ҷомааш к-аш абра аз мушкасту з-оташ остар (Унсурӣ, Девон, саҳ. 87).

Дар мисоли зерин дар ибораи истиорӣ омадааст:

Дар он килла, ки бар карданд онро,

Шуд остар абраҳои осмонро (Дувалронӣ, саҳ.154).

Абра аз рӯйи таҳлили "Ғиёс-ул-луғот": "дар асл абар будааст. Чунонки дар "Шоҳнома" дида мешавад, пешоягдҳои "бар", "бо", "бе", ба шакли "абар, або,аби" низ меояду рӯй аз болои чизеро ифода мекунад.

Баъд дар охири "абар" "а"-и нисбат часпидааст ва бо касрати истеъмол абара шакли "абра"-ро гирифтааст.

Калимаи абра ва астар дар ҳайати ибора

Касеро абра кардан маҷозан бо муомила ва гапҳои сохтаи хушомаомезона касеро фиреб додан, ба тарафи худ кашидан.

Абра-астари касеро чаппа-роста кардан, дар вақти ҷанҷол ба муқобили хасми худ ин ибора ба кор бурда мешавад: Ин қадар ғур-ғур накун, абра-астарата чаппароста мекунам, яъне фош мекунам гуфтан аст (2,38-39).

Як навъ либоси занонаи имрӯз маъмул миёни занони тоҷику ӯзбек "атлас" мебошад, ки дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ва "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" шарҳу тафсир шуда бошад ҳам, аммо тафсири Тӯрақул Зеҳнӣ ҷолиб мебошад: "Атлас- парчаи абрешими нафисе мебошад, ки бофти мураккабе буда, аз рӯйи сифати бофт, нусха ва гуландозиҳо хелҳои бисёре дорад, ки дар истилоҳи атласбофон абрбандӣ меноманд. нақшу нигори ин қумош хоси республикаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аст.

Атлас писанди ҳамаи халқҳои Шарқ ва Ғарб шудааст. Атлас дар адабиёти дарӣ бо чанд маънӣ собиқа дорад:

а) Атласи умумӣ

Макун ранҷи беҳуда, хурсанд бош,

Қаноат кун, ар нест, атлас чу бурд ( Ҳофиз. саҳ.126)

б) Атласи муълам, нақшин, мухаттат (рах-рах)

З-инҳо, ки дорам ҷигари пухта ба зераш,

Рӯзе ба ҳазор атласи муълам нафурӯшам (Ҳоқонӣ, Ф. Ҷ.1.97)

в) Атласи зарбофт навъе аз атласи нафисе, ки ба рӯяш зардӯзӣ(зарбофт) шудааст, яъне тагсурхи аз рӯ зардузӣ шуда:

Атласи зарбофт ба девори санг,

Дода зи ёқут ба девор ранг

( Қирон-ус-саъдайн, дастнавис, саҳ.44).

г) Атласи хитоӣ мансуб ба Хитойро мефаҳмонад: "Хоҷа Мирако Шоҳӣ пӯстини Кеш, ки абраи он атласи Хитой буд ва маблағе як сад тангаи хонӣ инъом карданд"( Бадоеъ, Ҷ.1.саҳ.27).

ғ) Атласи румӣ аз рӯйи мазмун сархранг будааст.

д) Атласи гардун пардаи атлас, чархи атлас; атласи фалак: иборахи истиорӣ буда, киноя аз осмон мебошанд:

Бас ки Зироъ атласи гардун набашт,

Пардаи атлас ҳама паймуда гашт.

(Қирон, саҳ.100)

е) Атласи лоҷуворд, атласи фирӯза, атласи сабз ибораҳои истиорӣ буда, атласи якрангаи ғайримунаққаш, яъне осмониро ифода мекунад (ниг. фарҳанг. Ҷ.1.саҳ.97)

ё) Аз рӯйи нишондоди Муҳамммад Муин шореҳи “Бурҳони қотеъ” атлас аз юнонӣ ба арабӣ ва аз арабӣ ба форсӣ гузаштааст “Атлас (номи рабб-ун навъ ҳомили курраи замин, ҷомаи (матои) абрешимии дарздор. ...Китобе ки шомили нақшҳои ҷуғрофист( Ҷ. 1. саҳ. 143. Теҳрон,1330 ҳ.ш.)”(2,41-42).

Вожаи дигари ифодакунандаи як унсури либос “зеҳ” аст, ки вожаи мустаъмал миёни форсизабонон мебошад. Тӯрақул Зеҳнӣ чун донандаи забони ноби форсии тоҷикӣ ин вожаро чунин тафсири маъноӣ кардааст: “Зиҳ(зеҳ)- ба тоҷикӣ шерозаи домани курта, ҷома ва лаби тоқия, поҷомаи занона, ки бараш тақрибан ду см, буда ду канори зеҳ дорои обаи якранг, ба рӯяш шаклҳои ҳандасӣ, моҳу ситора бо бахяҳои нозук таҷассум ёфтааст.

Ин шерозбандӣ пештар дар Бухоро ва ноҳияҳои тоҷикнишини дигар, ҳамчун Ӯротеппа аз рӯйи нақш ва дӯхт аз ҳам фарқ мекунанд.

Зиҳ дар забони дарӣ собиқа дорад. Манучеҳрӣ ҳилолро ба зиҳи абрешимини зардгун ташбеҳ кардааст, ки ба домони нилии осмон дӯхта бошанд:

“ Падид омад ҳилол аз ҷониби кӯҳ,

Ба сони заъфаронолуда миҳҷан.

Чунон чун ду сар аз ҳам боз карда,

Зи зарри мағрибӣ дастоваранҷан.

Ва ё пероҳани нилӣ ки дорад,

Зи шеъри зирди нима зиҳ ба доман.(Манучеҳрӣ, Девон, саҳ.64)

Зеҳ ба ҷуз маънии шерозав ҷиҳак ба маъниҳои зерин низ меоянд:

а) ба маънои таҳсин ва офарин:

... Сутун кард чапрову ҳам кард рост,

Фиғон аз хуми чархи чочӣ бихост,

Қазо гуфт: гиру қадар гуфт: деҳ!

Фалак гуфт: аҳсан, малак гуфт: зеҳ! ( Аз достони Рустам ва Ашкбӯс)

б) ба маънои зеши камон меояд:

Ба беша даромад ба кирдори шер,

Камонро ба зеҳ кард марди далер ( Шоҳнома, Ҷ. II. саҳ.68).

Ҳ. Раупов дар мақолаи "Мурработ дар забони тоҷикӣ" менависад: "Хоразмӣ калимаи зиҷ(тақвим)-ро муарраб аз ҳамин калимаи зеҳ( ба маънои вотир-зеҳи ресмони камон) ҳисоб кардааст(саҳ.209). Дар фарҳангҳо, инчунин дар рисолаи муарработи Рашидӣ, ки ин калимаро муарраб аз зиҷ қайд кардааст: ҷамъаш зиҷот:

Ҳама зичи фалак ҷадвал ба ҷадвал,

Ба устурлоби ҳикмат кардаам ҳал ( Низомӣ)

"Аз натиҷаи расид зиче мураттаб шудааст, ки онро зичи ҷадиди гурагонӣ гӯянд ( Равзат-ус-сафо); "Илми зиҷот ва тақовим" ( аз Восифӣ) (2,52-53).

Аз шарҳи Зеҳнӣ бармеояд, ки калимаи "зеҳ" дар забони дарӣ ҳам мустаъмал аст. Зикри ин нукта, ки "зиҳ" дар забони дарӣ собиқа дорад" дар фарҳангҳои тафсирии замони муосири тоҷикӣ қайд нашудааast. Ин гувоҳи он мебошад, ки Тӯрақул Зеҳнӣ зимни тафсири вожаҳо ба гунаҳои забони форсӣ таваҷҷуҳ мекардааст.

Калимаи дигари марбут ба либос "камарбанд" мебошад. Зеҳнӣ калимаи мазкурро бо мавқеъҳои истеъмолиаш хеле

возеҳ шарҳ кардааст: “Камар синоними “миён” буда, дар адабиёти классикӣ ҳарду баробар ба кор меравад. Камар ё камарбанд дар замони пеш дар Бухоро бештар миёни сипоҳиён ва ба дараҷаи дуюм дар Самарқанд, Тошканд ва шаҳрҳои дигари Осиёи Миёна бою бойбачаҳо ва писарони хатнасуршаванда тагбанд (камарбанд) мебастанд. Камарбандҳо бештар нуқракӯб, тиллоҳал, ислимикорӣ кардашуда буданд.

Дар ин мисол “камар” ба маънои камарбанд омадааст:

“Дувист( ҷувони) барно камари заррин барбаста ва шамшер ҳамоил карда ба хидмат омаданде” ( Наршахӣ, саҳ.10)

Вале дар ин мисол камар ба маънои миён омадаст.

Мисраи мо зулфиқоре дар камар дорад Рабеъ,

Баски дар нозукхаёлӣ шуд Алӣ устоди мо (Таз.Малеҳо, Рабеои Бадахшонӣ.саҳ. 105)

Камарбанд( исми мураккаб)

Камарбанди Рустам гирифту кашид,

Зи бас зӯр гуфтӣ замин бардарид ( Шоҳнома, ҷ. 1. саҳ.305)

Камарбаста( сифати мураккаб)

а) ба коре тайёр буда:

Ҳамеша килки ту бошад аз он камарбаста,

Ки то нафоиси аҳли ҳунар кунад тақрир ( Камоли Исмоил. Баҳор, ҷ.2, саҳ.312);

б) ба маънии хидматгору навкар:

Чи бандам камар дар масофи касе,

Ки дорам камарбаста чун ӯ басе ( Низомӣ. Баҳор, ҷ. 2, саҳ. 312).

(2,55).

Калимаи дигаре, ки алоқаманд ба либос мебошад, “кулӯта” аст. Ин вожа дар “Фарҳанги забони тоҷик” ва “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” ба назар нарасид. Тӯрақул Зеҳнӣ бошад, ки калимаро шарҳу тафсири маъноиву истеъмолӣ, бо

истинод ва шавоҳиди шеърӣ кардааст: "Кулӯта як навъ тоқияи гесупӯши кампирҳо, ки ба сари худ мепӯшанд. Кулӯта каме фурӯрафта, паси сар думи дарози ғилофшакл дошта ду милла (гесу)-и худро аз он мегузаронанд. Пиразанони тоҷику ӯзбек, бисёртар кампирони қазоқу қирғиз кулӯта истеъмол мекунанд. Кулоҳи миллии мардони арабро ҳам кулӯта меноманд. Дар адабиёти дарӣ вомехӯрад:

Сӯфӣ шудию суфӣ сиях шуд либоси нав,

Чун сӯфиён кулӯта бар сар- бар ақиқранг( Сӯзанӣ, саҳ.98).

Дар луғати Айнӣ телпаки гӯшакдор (қулочин) кулӯта номида шудааст.

Маълум мешавад, ки дар замони пеш дарвешону сӯфиён низ кулӯта мепӯшидаанд. дар забони гуфтугӯӣ одами бо риши гирд ва калтаро кулӯтариш мегӯянд. Вале кулӯтаи арабон дигар хел аст" (2,61-62).

Калимаи маълуму серистеъмол дар соҳаи либосу либоспӯшӣ миёни мардону занон "курта" мебошад, ки дар забони тоҷикӣ аз умқи таърих дар истеъмол аст. Тӯрақул Зеҳнӣ ин вожаҳоро дар китоби "Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ" ончунон фаҳмо шарҳ додаанд, ки гумон мекунед, Зеҳнӣ муҳаққиқи таърихи  либос будааст:

"Курта тоҷикон умуман куртаро ба ҷойи пероҳан истеъмол мекунанду дар айни ҳол дар забони дарӣ низ собиқа дорад:

Ҳамон домани курта бидрид чок,

Бад-он хастагиҳол барбаст пок (Фирдавсӣ, Лаҳҷа, саҳ.427).

Дар баъзе осори дарӣ курта бо ҳарфи "қ" қайд ёфтааст:

Ба ҳавз-андар шуда обаш чу курта(и) дилбаро пурчин,

Ба дашт-андар шуда теғаш чу зулфи дилбарон печон

(д. масъуди Саъди Салмон, саҳ.442)

Дар "Қирон-ус-саъдайн"-и Хусрави Деҳлавӣ низ курта бо ҳарфи "к" низ қайд ёфтааст; мумкин аст қурта муарраби курта бошад:

Атласи рангин, ки чу хун омада,
Оташе аз дуд бурун омада,
Курта шуда бар тан чун сими ноб,
Ғарқаи хун гашта аз ӯ офтоб ( Қирон, саҳ.33)(2.62).

Вожаи дигари дар аксари ҳолат ҷуфтистеъмол бо калимаи “абра”,”остар”(астар) аст, ки дар гуфтори рӯзмарраи мардум корбасти фаровон дорад. Ин аст, ки Зеҳнӣ ин вожаро ҳам дар китобашон ба гунаи зерин тафсири маъноӣ кардаанд: “Остар муқобили абра, ки қисми рӯйи ҷома, кӯрпа, кӯрпача ва ғайра аст. Дар талаффузи халқ бисёртар ба шакли “астар” талаффуз меёбад. Агар дар байни ҷома, кӯрпа пахта монда набошанд, абрастар мегӯянд” (2,69).

Вожаи ифодагари ҷузъи либос “тирез” ном дорад, ки дар гуфтори мардуми водии Зарафшон ба гунаи “териз” мустаъмал мебошад. Гунаи китобии ин калимаро Зеҳнии вожашинос чунин шарҳ кардаанд: “Тирез барои озодона пӯшида шудани курта, яктаҳ ва ҷома аз ду бар-аз тарафи домани росту чап ва айни матоъ порчаи сегӯшаи дарозрӯя илова мекунанд. Тирез монанди нифа дар забони дарӣ собиқа дорад:

Манам имрӯз баста дар сумче,
Чашм бардӯхта чу мори гурез,
Ҳаст пироҳанею шалворе,
Нест бар ҳар ду нифаву тирез! ( Масъуди Саъди Салмон, саҳ.604)

Дар рубоиҳои халқӣ тирезу остин якҷоя истеъмол мешавад:

Ҷомалача, тирезу остинат ман,
Сад ёра гирӣ, ёри нахустинат ман.
Сад ёра гирӣ, ба қаҳру истезаи ман,
Ҳаргиз нарасӣ ба умри якрӯзаи ман (Фолклор)

Дар урфият дар ҳаққи одами фириғмасъалаи дилвасеъ ибораи зерин гуфта мешавад: "Тирезаш ҳафттахта, яъне парвое надорад, балоя(ро) об барад поёна(ро) сел... Ниг. Нифа!

Ё ки мегӯянд: "Ба зар кас тахсту тирезаша нафаҳмида бовар кардан нагир!"(2,80).

Як унсури сарулибоси мардонаи мардуми Осиёи Миёна "фаш" ном дорад. Тафсири дақиқу саҳеҳи онро Зеҳнӣ чунин овардаанд:

Фаш а) дар забони гуфтугӯӣ ба маънои нӯги саллаи баста, фӯта ва сачоқ, ки аксар шилшиладор аст, меояд, ин калима дар адабиёти асри XVII истеъмол ёфтааст:

Гарчи кутоҳ бувад андешаи зоҳид, аммо,

Дар дарозӣ фаши ӯву думи рӯбоҳ якест (Т. Малеҳо, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ).

С. Айнӣ низ ин калимаро дар "Ёддоштҳо", қисми 4, истеъмол кардааст: "Ба сараш як саллаи кабуди чорхонаи ремонии дастӣ бофташудапо печонида, фашашро думи мушӣ, яъне кутоҳ гузошта буд".

б) Дар мисоли зерин суффикси монандии фаш, ки шакли дигари он ваш мебошад, зикр ёфтааст:

Нишаст аз бари бораи дасткаш,

Биёмад бари шоҳи хуршедфаш.

Гоҳе калимаи фашро бо калимаи фач, ки ба маънои бемаза меояд, бо ҳам меомезанд"(2,84).

Як навъ либоси болопӯш, ки онро ҳам мардон ва ҳам занон ба бар мекунад "ҷома" аст. Тӯрақул Зеҳнӣ ин навъи либосро бо навъҳояш дар китоби "Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ", муфассал тафсир кардаанд, ки имрӯз низ мувофиқ ба маънои истеъмолиаш мебошад: "Ҷома синоними чапон буда, дар шароити тоҷикон ҷомаи рӯйпӯшӣ ба ҷойи палто итсеъмол мешавад.Вале ҷома хелҳо дорад: ҷомаи пахтадори лагандагӣ, ҷомаи тобистонӣ, ки танҳо аз абраву остар иборат

аст. Агар фақат аз абра иборат бошад яктагаш меноманд. Ҷомаи рӯй, ҷоами таг ва ғайра... Ҷома ба асоси ҷинси қумош( мол) зеҳу фаровезу абра ва остар ба навъҳо ҷудо мешавад. Дар Бухорои амирӣ навъҳои ҷома чунин будааст:

а) ҷомаи алочаи ресмонии нимшоҳии рах-рах;

б) ҷомаи алочаи нимшоҳӣ, ки бараш тақрибан се сантиметри он абрешим ва шаш сантиметраш ресмон аст;

в) ҷомаи адраси безеҳ, ки пудаш абрешим ва тораш ресмон ва каме кудунгкардаи оҳардор ва нақшин аст;

г) ҷомаи адраси зеҳдору фаровездор, ки ба рӯйи фаровез зеҳ дорад, пуд абрешиму тор ресмонӣ аст;

ғ) ҷомаи шоҳӣ, ки тору пуд абрешиму калонгул аст;

д) ҷомаи ҳисорӣ, ки тору пуд абрешиму остар шоҳӣ аст;

е) ҷомаи алочаинимшоҳии таҳпушӣ ва алочаи кашмирӣ, ки ҷомаи рӯпӯшӣ аст;

ё) қоқмаҷома. Қумоши ин навъ ҷома аз пашми шутур буда, туркманон мебоффтанд ва хеле нозук ва нафис аст;

ж) қоқмаи рӯпушӣ  ва алочаи қаршигӣ, ки ҷомаи тагпӯшӣ аст;

з) ҷомаи банорас, ки остарсафед буда, аз парчаи нафиси тибитӣ дӯхта шуда, рӯяш сафед ва рах-рахи сафеди каме тиратар, зеҳу фаровез дорад. Банорас дар Бухоро махсуси табақаи рӯҳониён буд;

и) ҷомаи лашкарӣ, ки ба ҳар кас аз рӯи дараҷа ва мансабаш дода мешуд;

к) ҷомаи зарбофт, ки ба унвони хилъат ба қозӣ ё қушбегӣ бахшиш меёфт. Ҷома дар адабиёти дарӣ маънои васеъ дорад:

а) ба маънои хилъат, либоси рӯй-чапон меояд: "Чун бомдод шуд, Амир Исмоил асиронро бихонд, ҳар мардеро як ҷомаи карбос дод.

б) ҷома ба маънои болопӯши шабона- кӯрпа истеъмол мешавад...

в) ба маънои палос ва ҷиҳози хона меояд...

г) ба маънои қумошу матоъ, порча низ меояд.

ғ) ба маънои либоси умумӣ;

д) ҷома ба маънои поҷома-шалвор.

Дар идомаи тафсисри маъъноӣ ва мафҳумии ин вожа Зеҳнӣ ибора ва калимаҳои мураккаб оид ба ҷомаро меорад, ки ҷолиби диққат мебошад:

Ҷомаи хун пӯшидан киноя аз кушта шудан;

Ба гап ҷома пӯшондан ниҳоятдараҷа бануқ эътибор додан, Боғҷома чодари тутафшонӣ, кӯрпабандӣ ва ғайра;

Бозори ҷома растаи ҷомафурӯшӣ; Ҷомадӯз он ки ҷомадӯзӣ мекунад; Ҷомашӯй, либосшӯй, ба форсӣ рахтшӯй; Ҷомафаранҷӣ одами сатанги хушсарулибос;

Ҷомагӣ маош (моҳиёна), ки аз тарафи ҳукумат ба сарбозон ва нӯкарон дода мешуд;

Ҷомахоб- кӯрпаи болопӯшӣ. Дар адабиёти дарӣ собиқа дорад: "Ва ҳарчи Хоҷа Абӯалӣ мегуфт, мешунидаз шарм сар ба ҷомахоб кашид"(2,98).

Як ҷузъи либоспӯшии мардуми тоҷик ба сар мондани "тоқӣ" мебошад, ки нишонгари расму русуми миллии тоҷикон низ мебошад. Зеҳнӣ чун донандаи расму русум ва урфу одатҳои мардумӣ лар китоби "Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ" ин калимаро чунин шарҳи маъноиву мафҳумӣ додаанд: "Тоқӣ а)( тоқия) дар Фарғона, Ленинобод, "туппӣ", дар Бухоро "каллапӯш", дар Самарқанд қалпоқ ва дар Тоҷикистони ҷанубӣ "тоқӣ"ва дар айни ҳол дар адабиёти дарӣ "тоқия" ва ё "тоқӣ" маъруф аст;

б) Тоқияи барра тоқияест, ки аз пӯсти барра дуруст карда мешавад" (2,107-108).

Калимаи дигари марбут ба пӯшидани либос, ки дар асари мавриди баррасии мо ба назар расид "пичабанд" мебошад. Вожашиносу луғатдони тоҷик Тӯрақуд Зеҳнӣ ин калимаро дар

китоби худ чунин шарҳи мафҳумӣ кардаанд: “Пичабанд дар “Луғати фурс” чунин эзоҳ меёбад:” усобае бошад, ки занон дар пешонӣ банданд” (саҳ.100)

Дар ҷануб пича мӯйи зиёдатии чакка мебошад, ки гоҳе онро бофта мемонанд. дар Самарқанд он буча ва усобаро пешонабандак меноманд (2,120).

Як атрибут ё унсури дигари хоси либоспӯшии мардуми Осиёи Миёна ҳам занон ва ҳам мардон “рӯймол”мебошад. Зеҳнӣ, ки посдори оину фарҳангии мардум буданд, дар китоби “Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ” ин ҷузъи фарҳанги либоспӯширо ба гунаи зерин шарҳ кардаанд:

“Рӯмол навъҳо ва ҳар хел ном дорад: қарс, локӣ, локии шоҳӣ, ресмонӣ, рӯмоли шоҳӣ, фаранг, шол ва ғайра. Агар ҷавонон банданд, миёнбанд, якабанд ё чорсӯ мегӯянд. Агар кисагӣ бошад, рӯмолча рӯпокчаномида мешавад. Дар талаффузи халқӣ рӯмол-нӯмол гуфта мешавад (2,121).

Таҳқиқи шарҳу тафсири баъзе калимаҳои марбути либос дар китоби “Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ”-и Тӯрақул Зеҳнӣ нишон дод, ки Зеҳнӣ дар китоби мазкур калима ва ибораҳои қадима ва имрӯз мустаъмали тоҷикиро аз сарчашмаҳои муҳимтарин ҷамъоварӣ намудааст, ки метавонад ҳамчун заминаи қавӣ дар тадвини луғати решашиносии забони тоҷикӣ, фарҳанги либос ва дигар навъи фарҳангҳо истифода шавад.

Тибқи пажӯҳиши П. Олимова (3,139) дар китоби мазкури Зеҳнӣ зиёда аз 800 калима ва ибораҳо ҷамъоварӣ шудаанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки китоби“Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ” номи асливу воқеияш “Луғати Зеҳнӣ” аст, зеро ин китоб дар пайравӣ ба суннати фарҳангнигории пешини форсии тоҷикӣ, таълиф шудааст.

### Адабиёт

1.Аъзамов С. Ҷустуҷӯҳои филологии Тӯрақул Зеҳнӣ ( нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи бист//Номаи донишгоҳ№3 (60)2019. С.77-83.

2.Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. –Душанбе: "Дониш", 1987. -236 с.

3.Олимова П. Саҳми Тӯрақул Зеҳнӣ дар рушди илму адаб ва фарҳанги тоҷик. –Душанбе: Ирфон, 2018. -228 с.

4.Ф. Зеҳнӣ, П. Олимова. Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон.-Душанбе: Ирфон, 2007. -216 с.

5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. /Мураттибон Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон. – Иборат аз 2 ҷилд.– М.: Советская энциклопедия, 1969.– Ҷ.I. – 951 с.

6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. /Мураттибон Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон. – Иборат аз 2 ҷилд.– М.: Советская энциклопедия, 1969.– Ҷ. II. – 948 с.

**Матлуба НУРОВА**
*омӯзгори фанни таърихи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №91 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе*

## “ТОҶИКОН”-И АЛЛОМА БОБОҶОН ҒАФУРОВ -- ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Мусаллам аст, ки китоби “Тоҷикон”-и аллома Бобоҷон Ғафуров яке аз шоҳкорҳои таърихи миллӣ ва ватанӣ маҳсуб шуда, дар миёни табақаҳои гуногуни ҷомеаи тоҷик ва тоҷикистонӣ ҷойгоҳ ва мавқеи асосӣ дорад. Академик Бобоҷон Ғафуров, ки муддати даҳ сол (солҳои 1946-956) вазифаи котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистонро бар ухда дошт, шахсияти номдори сиёсӣ, илмӣ ва маданӣ буда, ба сарнавишти халқи тоҷик бетафовут набуд. Махсусан, дар заминаи таърихи миллӣ соли 1948 рисолаи мухтасаре таҳти унвони “История таджикского народа в кратком изложение” ба табъ мерасонад ва дар замони масъулияти директори Паҳӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравиро бар ухда доштан, ба вусъат бахшидани таҳқиқоти тоҷикшиносӣ камари ҳиммат баст ва охири солҳои шасти асри бист натиҷаи таҳқиқоти чандинсолаашро дар китоби муфассали илмӣ-таҳқиқотии “Тоҷикон” ҷамъбаст кард. Ба ин тартиб, китоби маъруфу машҳури “Тоҷикон”, аввалан, соли 1972 ба забони русӣ дар Маскав (Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. – М.: Наука, 1972. – 658 с.) ва сониян, солҳои 1973 ва 1985 дар ду ҷилд ба забони тоҷикӣ нашр гардид (Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби 1. - Душанбе, 1973; Китоби 2, Душанбе, 1985). Дар замони соҳибистиқлолӣ ниёз ба китоб ва чопи муҷаддади он афзуд ва Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон китоби “Тоҷикон”-и аллома Бобоҷон Ғафуровро ба забони миллӣ ду маротиба бознашр кард (Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1,2. - Душанбе, 1998. - 870 с.; Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1,2. - Душанбе, 2008. - 870 с.). Ҳамчунин китоби "Тоҷикон" – и академик Бобоҷон Ғафуров ба забонҳои гуногуни дунё чоп шудааст.

Доир ба муҳтавои мавзӯи баҳси китоби "Тоҷикон" аллома Бобоҷон Ғафуров таваҷҷуҳ намуда, дар бахши пешгуфтор менависад: "Китоби якум аз чор фасл иборат аст. Фасли якум ба тавсифи сохти ҷамоати ибтидоӣ дар Осиёи Миёна бахшида шудааст. Дар фасли дувум ҳаёти қавму қабилаҳои мухталиф – аҷдоди тоҷикон дар давраи инкишофи муносибатҳои ғуломдорӣ тавзеҳ меёбад. Дар фасли севум тақдири таърихии Осиёи Миёна дар давраи зуҳури муносибатҳои феодалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Фасли чорум вазъияти Осиёи Миёнаро дар давраи тараққиёт ва барқарории сохти феодалӣ баён мекунад. Китоби дувум фаслҳои панҷум ва шашумро дар бар кардааст: фасли панҷум таърихи халқи тоҷикро аз ибтидои асри XVI то миёнаи асри XIX ва фасли шашум аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия ва тараққӣ ёфтани муносибатҳои капиталистиро то ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр фаро мегирад.

**Бояд дар назар дошт, ки дар ҳама ҳолат дар маркази тадқиқоти аллома Бобоҷон Ғафуров таҳлили ҳаматарафаи такдири таърихии халқи тоҷик қарор дошт. Вобаста ба фарогирии давраги, ин таърих хеле тӯлонӣ ва масоили ба он марбут теъдоди ниҳоят зиёдеро дар бар мегирад. Дар доираи масъалаҳои ҳадафи таҳлил қарорёфта, тамоми зинаҳои таърихи халқи тоҷик қарор дорад. Бобоҷон Ғафуров ҳаводису**

**вазъи таърихии аз замони сохти авлодӣ, давраи ҷомеаи Авастоӣ, пайдоиш ва ташаккули ҳавзаҳои давлатии аҷдодони тоҷикони қадим, зӯран ба ҳайати давлати Ҳахоманишҳо ҳамроҳ кардани онҳо, тақдири оядаи тоҷикон дар замони ҳукмронии сулолаҳои Юнону Бохтар, Кушониён, Сосониён, давраи фоҷиабори истилои арабу зери итоати халифат қарор доштан, давраи тақдирсози соҳибдавлатии замони Сомониён ва ҳазорсолаи асорати силсиласулолаҳои кӯчии муғулу турктаборон, то арафаи эҳёи давлатдории навин (инқилобу барқарор шудани сохтори Шӯравӣ)-ро бо ҷиддияту масъулиятшиносӣ ҳадафи таҳлили илмӣ ва ихтисосӣ қарор додааст.**

Аллома Бобоҷон Ғафуров дар "Тоҷикон" бар он пофишорӣ менамояд, ки раванди ташаккулёбии халқияти тоҷик хеле пештар аз ворид шудани арабҳо ба Осиёи Миёна оғоз ёфта буд. Ба ин маънӣ мефармояд: "Протсесси этникие, ки аз давраҳои қадим дар Осиёи Миёна ҷараён дошт, боис гардид, ки Суғдиён, Хоразмиён, Фарғониён, Тахориён барин халқиятҳои гуногуни алоҳида пайдо шуданд. Ҳар як аз ин халқият соҳиби маданияти худ буд. Вале чунин иддао ҳам ғалат мебуд, ки маданияти ин халқҳо ҳар яке тамоман мустақилу махсус буду ба ҳамдигар муносибате надошт, дар айни ҳол онҳоро дар худ маданияти калоне, ки хоси тамоми Осиёи Миёна буд, қисмеро таҷассум менамуд... Ҳудуди байни ҳалқиятҳо як чизи рахнагинопазири мустаҳками касногузар набуд, балки протсесси аз як халқият ба халқияти дигар гузаштани унсурҳои гуногун вуҷуд дошт" (ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон. С.494-495). Академик Ғафуров дар "Тоҷикон" ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи ташаккули этникии тоҷикон ва забони он таваққуф намуда, ба натиҷае мерасад, ки **дар асрҳои 1Х-Х дар Мовароуннаҳру Хуросон умумияти азими**

**этномадание ташаккул ёфт, ки он тақрибан пурра ба ҳайати давлати Тоҳириён, Саффориён ва алалхусус, Сомониён** дохил мешуданд. Ин умумияти этникӣ фақат миёнаҳои асрҳои 1Х-Х ва ё худ дар нимаи аввали асри Х1 соҳиби ном шуд. Б. Ғафуров чунин ишораи Байҳақӣ (муаррихи давраи Ғазнавиён)-ро ки солҳои 1043-1044 аз муқаррабони султон шунидааст, хеле хуб мисол мезананд. Ҷумлаҳои "**Мо, ки тоҷик ҳастем**" ва ривояти дигари ҳамон муаллиф (Байҳақӣ)-ро, "ки **дар муҳорибаи Дандонакон (1040) ҳиндиву арабу курдҳо фирор кардаанд ва танҳо сарбозони тоҷик ҷангидаанд**" (ниг.: Пирумшо Ҳайдаршо. Ахтари илму сиёсат. Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. С.337) асос карда, устод Бобоҷон Ғафуров ба хулосае мерасад, ки "дар нимаи аввали асри Х1 истилоҳи "Тоҷик" номи он халқе гардид, ки дар Осиёи Миёна ва Хуросон ташаккул ёфт" (ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон. С.501).

Хулоса, танҳо баъди нашру пахши шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" таҳқиқотҳои дигари мукаммалу бунёдӣ, аз ҷумла китоби шашҷилдаи "Таърихи халқи тоҷик" рӯйи кор омаданд. Муҳимтар аз ҳама, муаррихони варзида бар ин назаранд, ки дар ҳама ҳолат, агар аз баъзе ҷузъиёти таърихӣ, аз ҷумла ҳаводиси то кунун номаълум. ки дар асоси маъхазҳои нав дастраси муҳаққиқон мегардад, ё баъзе тағйироти фикрӣ дар робита бо масоили таърихӣ сарфи назар кунем, дастовардҳои кунунӣ ва оянда танҳо тақвиятбахши дидгоҳи боэътимоди илмии академик Бобоҷон Ғафуров дар самти омӯзиши таърихи минтақа буда метавонанд (ниг.: Пирумшо Ҳайдаршо. Ахтари илму сиёсат. Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. С.340). Донишмандону муҳаққиқони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нашри китоберо бо муҳтавиёти фарогири миллӣ ва фаромиллӣ амри зарурӣ донистаанд. Аз ҷумла, профессори Донишгоҳи Кобул Ҷалолиддини Сиддиқӣ

таъкид кардааст, ки китоби “Тоҷикон”, дарвоқеъ, асарест, ки дар он мубо올ризаи халқи тоҷик бо халқҳои дигари бародари Хуросонзамин ва Мовароуннаҳр зидди ситам ва бедодгарии низомҳои гуногуни феодалӣ ба хубӣ инъикос ёфтааст ва муаллиф фарозу нишебҳои ин халқҳоро аз адвори хеле куҳан то асри ҳозир ба хубӣ ва бо диққати олимона баён доштааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар сарсухани нашри китоби “Тоҷикон” (нашри соли 1998) доир ба аҳамияти оламшумули таърихии китоби “Тоҷикон” -и академик Бобоҷон Ғафуров таваҷҷуҳ намуда, аз ҷумла тазаккур дода буданд: “Вай (яъне Бобоҷон Ғафуров) бо чопи шоҳасари бузурги худ – “Тоҷикон” натанҳо миллати тоҷик, балки тамоми форсизабонони олам, мухлисону ҳаводорони тамаддуни Шарқ ва сокинони Осиёи Марказиро бо як сарчашмаи нерубахшу пурбаҳо шодком сохт”.

Бо мақсади таҳкиму тақвият бахшидани раванди худогоҳию худшиносии миллӣ, эҳёи таърихи миллӣ ва хотираи таърихӣ Эмомалӣ Раҳмон соли 1999 ба фарзандони фарзонаи миллат устод Айнӣ ва аллома Бобоҷон Ғафуров унвони баланди давлатӣ – Қаҳрамони Тоҷикистонро сазовор донистанд. Дар ин замина 90-солагии аллома Бобоҷон Ғафуров (муаллифи китоби “Тоҷикон”) дар қаламрави ҷумҳурӣ бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил гардид. Гузашта аз ин, бо ташаббус ва ибтикори Сарвари давлат китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров бо теъдоди зиёд нашр гардид. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар пешгуфтори китоби худ “Тоҷикон дар ойинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён” (ниг.: Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар ойинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (Нашри дувум). Китоби якум. –Душанбе: “Ирфон”, 2016. -704 саҳ.) менависанд: **“Асари “Тоҷикон”, воқеан шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои**

**худшиносию ифтихори миллиро ба бор оварда ва ба фарзандони бедордилу фидоӣ рӯҳу равон бахшид"** (ниг.: Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар ойинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (Нашри дувум). Китоби якум. –Душанбе: "Ирфон", 2016. –С.5). Такя ба таърих ва донишҳои таърихӣ дар дар авлавияти сиёсати давлатӣ қарор гирифта, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои раҳбарӣ ва мудирияти сиёсӣ ибтикороти ҷиддиро дар заминаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои таърихӣ, донистани таърихи ватанӣ, эҳёи анъанаву суннатҳои аҷдодӣ, ҷашну ойинҳои бумӣ ва таърихи миллӣ рӯйи даст гирифта, то имрӯз дар масири миллатсозӣ ва давлатмадории миллӣ гомҳои устувор бармедоранд. Муҳимтар аз ҳама, донистани таърихи миллӣ ва неруманд сохтани хотираи таърихиро Сарвари давлат аз мушаххасоти калидии ҳувиятӣ медонанд. Вобаста ба ин, дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат ба масъулини сохтору мақомоти марбута дастур доданд, ки китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров бо теъдоду тиражи бузург нашр карда, ба ҳар як хонадони тоҷикистонӣ ройгон тақдим намоянд. Тақдими ройгони китоби "Тоҷикон" аз ҷониби раҳбарияти олии давлат ба ҳар як хонаводаи тоҷикистонӣ маънои қадршиносӣ ва эҳтиром ба миллат ва шахсиятҳои бузурги миллӣ дар мисоли аллома Бобоҷон Ғафуров мебошад. Воқеан, китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров шиносномаи миллати тоҷик аст ва мо-фарзандони миллат муваззафем, ки дар доираи ин китоби гаронарзиши миллӣ таърихи худро дуруст донем, ба шикасту нокомиҳо бо чашми ибрат бингарем, аз шебу фарози рӯзгор огоҳ шавем, аз таҷрибаи рӯзгор баҳраҳо бардорем, омӯзишу донистанҳоямонро барномарезиву дар амал татбиқ намоем ва билохира дар рушди ватану кишвари азизамон саҳми муносиб бигузорем.

## НАҚД ВА ТАҚРИЗ

**Назрӣ Асадзода**
*Директори Маркази илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои ҷаҳонбинии илмӣ ва ташаккули ҳувийяти миллии АМИТ*

# СОҲАИ МАОРИФ - ДАСТГОҲИ МУҲАНДИСИИ ШУУРИ ҶАМЪИЯТӢ

(Андешаҳо дар атрофи мавзӯи мақолаи профессор Саймумин Ятимов таҳти унвони «Дар бораи як китоби дарсӣ»)

Ҷомеае, ки олами ҳастӣ, қонунмандиҳои равандҳои он ва мантиқи воқеиятро дуруст дарк мекунад, бидуни шак, барои ҳифзи бақо ва манфиатҳои худ имкони интихоби беҳтарин мавқеъгириро аз маҷмӯи гузинаҳои мавҷуда хоҳад дошт. Омили аслии такомул ва ё таназзули ҳар ҷомеае низ аслан дар шуури ҷамъиятии он нуҳуфтааст. Бо назардошти ин воқеият он чӣ нигаронкунанда аст, кайфият ва чигунагии ҷаҳонбинии имрӯзаи ҷомеаи мост. Мақолаи "Дар бораи як китоби дарсӣ"-и сиёсатмадори варзида ва олими шинохтаи кишвар С.Ятимов, ки чанд рӯзе пеш аз матбуоти даврӣ мутолиа кардам, маҳз дар заминаи дарки ин воқеият ва шинохти вазъият эҷод шудааст. С.Ятимов дар ин мақола дар робита ба вазъи нигаронкунандаи шуури ҷамъиятӣ дар кишвар изҳори назар карда, аз дидгоҳи илмӣ роҳҳалҳои мушаххасеро низ барои рафъи мушкилоти мавҷуда пешниҳод кардаанд. Мавқеъгирии муаллиф ҳини арзёбии масъала чун ҳамеша дар такя ба ду асл сурат гирифтааст, ки яке меъёрҳои методологияи илмӣ ва дигаре манофеи миллист. Барои ба истиқлоли зеҳнӣ расидани миллат ва таҳияи заминаи рушдиояндаи давлат муаллиф нақши соҳаи маорифро меҳварӣ

дониста, онро моҳиятан ҳамчун абзори муҳандисии шуури ҷамъиятӣ талаққӣ кардааст. Аз ин аст, ки бо итминон таъкид мекунад: **“Мактаб ва маориф дар поягузорӣ, вусъат ва бардавомии сохти давлатдорӣ нақши ҳалкунанда мебозанд”.**[1] Дурустии ин иддаои воқеъбинонаи муаллифро таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ тасдиқ менамояд. Бо назардошти муҳтавои мақолаи “Дар бораи як китоби дарсӣ” мехоҳам ин ҷо андешаҳои худро пиромуни масъалаи матраҳшуда дар алоқамандӣ ба дидгоҳи баъзе мутафаккирони Ғарбу Шарқ ироа дорам.

Мутафаккири машҳури фаронсавӣ Густав Лебон чигунагии вазъи ояндаи ҳар миллатеро вобаста ба тарзи тарбия ва таълими насли ҷавони он донистааст. Ӯ дар ин маънӣ мегӯяд: **“Бар асоси таълиму тарбияе, ки ҳар миллат ба насли ҷавони худ медиҳад, метавон пешбинӣ кард, ки чӣ оқибат ваояндае онро интизор аст”.**[2] Лебон дар алоқамандӣ ба шеваҳои таълими мактабҳои кишварҳои лотинзабон, алалхусус Испания ва Португалия, ки дар кашфи қитъаҳои нави олам ва баҳрнавардӣ дар асрҳои миёна аз пештозтарин кишварҳои Аврупо буданд, ҳанӯз 125 сол қабл дақиқан ояндаи нигарӣ карда буд, ки онҳо ногузир аз сафи давлатҳои пешрафта канор хоҳанд рафт. Ӯ дар ин бора гуфта буд: **“Дар мактабҳои мардумони лотинзабон (айни замон) маҳз заминаи таназзули ояндаи онҳо гузошта шуда истодааст”.**[3]

---

[1] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, 2022, № 1 (28). С. 9

[2] Лебон Густав. Психология народов и масс. -Москва: Издательство АСТ, 2020. С.230

[3] Лебон Густав. Психология народов и масс. -Москва: Издательство АСТ, 2020. С.230

Лебон усули тарбия ва тасаввури нодурусти мардуми лотинзабонро, ки гӯё азёд кардани матни китобҳо ақлро инкишоф медиҳад, ҷиддитарин нуқсони низоми тарбиятии онҳо дониста буд. Ӯ гуфта буд, ки бо назардошти ин бовар дар таълимгоҳҳои кишварҳои лотинзабон аз зинаҳои ибтидоӣ шурӯъ карда то олӣ маҷбур мекунанд, ки донишомӯзон ҳар чӣ бештар матнҳоро дар хотир гиранд, бе он ки андактарин таваҷҷуҳе ба қобилияти муҳокимаронӣ, интиқодӣ ва ташаббускории онҳо зоҳир карда шавад. Дар ин муассисаҳо ҳадафи таълиму тарбия дар он хулоса мешавад, ки хонандагон дарсҳоро азёд намуда, бечуну чаро (ба бузургсолон) итоат кунанд.[4]

Бар хилофи ин, мутафаккир ҳангоми арзёбии низоми таълиму тарбияи англосаксонӣ пешбинӣ кардааст, ки он омили рушди афзояндаи ин мардум дар оянда хоҳад шуд, зеро хирадгароиву амалгароиро таблиғ карда, ҳамзамон **"таваҷҷуҳи хеле зиёд барои тарбияи характери миллӣ зоҳир мекунанд, ки онро онҳо яке аз бузургтарин муҳаррикони рушди ҷомеа меҳисобанд".**[5] Гузашти вақт ин оянданигарии илмии Лебонро низ тасдиқ кард. Лебон дар ишора ба муҳиммияти нақши характери миллӣ дар рушди миллат таъкид мекунад: **"Сарнавишти миллатҳоро маҳз характери онҳо муайян менамояд".**[6]

Характери миллиро муҳаққиқони дигари сатҳи байналмилалӣ, аз ҷумла Ганс Моргентау низ аз компонентҳои муҳими таркиби қудрати миллӣ (*англисӣ: national power; русӣ: национальная мощность*) донистааст.[7] Муаллифи мақолаи

---

[4] Ҳамон ҷо. С.219
[5] Ҳамон ҷо. С.27
[6] Ҳамон ҷо. С.214
[7] Morgentay H. Politics Among Nations. – New York, 1964. – P. 110

"Дар бораи як китоби дарсӣ" низ дар навиштаҳои пешини худ, алалхусус дар мақолаи "Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ" ба таври муфассал пиромуни ин унсури таркиби равони миллӣ изҳори назар карда, барҳақ фармудаанд: "**Характери миллӣ мэъмори тақдири миллист**".[8]

Бидуни шак, бо мутолиаи навиштаҳои Лебон дар бораи низоми таълиму тарбияи мардумони лотинзабон ва нуқсонҳову паёмадҳои номатлуби он нохудогоҳ вазъи таълим ва шеваҳои авторитарии тарбияи миллиамон ба ёд меояд. Ин тасвир ҳамзамон беэътиноии моро дар самти тарбияи характери миллӣ ба намоиш мегузорад. Метавон гуфт, ки бинобар набуди роҳкори миллии тарбияи характери миллӣ усулан дар ташаккули характери ҷамъиятии мо нақши роҳкорҳои тарбиявии диниву мазҳабӣ барҷаста аст, аз ҷумла таслими мутлақ, таваккул ба қазову қадари азалӣ, беарзиш донистани дунёву умури дунявӣ (аз ҷумла масъалаҳои milliву ватанпарастӣ) нисбат ба умури диниву ухравӣ, қаноату ризо дар баробари фақру хориву зиллат ва ғ. Ин "роҳкорҳо"(методҳо)-и тарбиятӣ аксарияти мардуми моро дар рӯҳияи худкамбинӣ*(пониженная самооценка),* камҷуръатӣ, нотавонӣ, бемасъулиятӣ дар таъйини сарнавишти худ ва ҷомеа тарбия мекунад. **"Инсон вақте худро нотавон мебинад омодагии бештаре барои илтифот ва эътиқод ба қувваҳои фавқуттабиӣ ва таъзим дар баробари онҳоро пайдо мекунад. Ҳар қадар бекортар ва аз худ маъюстар бошад, ин эҳтиёҷ ва илтимос бештар мешавад... Дониш ва биниш бавуҷудоварандаи огоҳӣ ҳастанд. Инсон дар партави огоҳӣ корро бар уҳдаи худ мегирад ва масъулиятпазир мебошад. Шахси ноогоҳ кору**

---

[8] Ятимов С. Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ. //Маҷаллаи "Илм ва ҷомеа", 2020, № 1(19). С. 43

**масъулиятро бар уҳдаи дигарон мениҳад. Ин беихтиёрӣ, беҳаракатӣ ва таслиму рукуд зояндаи эътиқод ба имдодҳои ғайбӣ ва назру ниёз аст, ки ҳаммеҳанонамонро дар тасмимгирӣ суст ва дар зиндагии рӯзмарра бебарнома кардааст, зеро вақте инсон барои анҷоми корҳояш ба омилҳои берунӣ ва имдоди ғайбӣ муътақид бошад, бо гуфтани "иншоолоҳ" ва чанд салавот фикр мекунад, ки дигар ниёзе ба мутолаа, андеша ва барномарезӣ надорад!"**[9] Маҳз ҳамин **"хулқиётамон омили ақибмондагиамон аст"**[10]**.** Фатализму таслими мутлақ дар баробари тақдир ва таваккули бемаврид, ки таҳти таъсири усули тарбияи диниву мазҳабӣ ба ҷузъи бунёдии характери миллиамон табдил ёфтааст, мардуми моро аз ҷустуҷӯву ташаббускорӣ ва навовариву таҷаддудгарой бозмедорад. Дар ин маънӣ Абурайҳони Берунӣ ҳанӯз дар асри XI гуфта буд, ки: **"Бисёре аз мардум чун иллати амри табииро намедонанд, ба ин андоза кифоят мекунанд, ки бигӯянд: худо беҳтар медонад".**[11]

Барои пешрафти ҷомеа ва тараққии кишвар пеш аз ҳар гуна барномаи иқтисодиву иҷтимоӣ барномаи зеҳниятсозии миллатро таҳия ва ба воситаи ниҳодҳои зеҳниятсоз, алалхусус соҳаи маориф татбиқ бояд кард. Равоншиноси шинохтаи амрикоӣ, профессори Донишгоҳи Горвард – Ҳовард Горднер дар китоби "Ҳунар ва илми тағйири зеҳни худ ва дигарон" дар бораи технологияи тағйири зеҳн чунин гуфтааст: **"Яке аз калидҳои тағйири зеҳнии ҷомеа дар тағйир додани**

[9] Лодан Амирҳусайн. Худосолорӣ ва дармондагӣ. -Лос-Анҷелес: Ширкати "Китоб", 2014. С.185-186.

[10] Эзадӣ Алимуҳаммад. Чаро ақибмондаем? -Теҳрон: Нашри "Илм", 1388 шамсӣ (2009 мелодӣ). С.56

[11] Берунӣ Абурайҳон. Осор-ул-боқия. –Душанбе: Ирфон, 1990. С.293

**“барномаи зеҳнӣ”** ***(формати зеҳнӣ; психологическая установка)*****-и афроди ҷомеа аст”.**[12]

Дар мавриди корбурди мафҳуми “тағйири зеҳн” манзури мо дар ин навишта аслан на масъалаҳову тағйироти ҷузъӣ, балки бунёдӣ ва муҳим дар андеша ва ақидаи фард ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ аст, яъне тағйири ҷаҳонбинӣ, боварҳову назарияҳо ва ҳувийятест, ки фард ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ дорад.

Масъулияти коркарди илмии роҳкорҳову технологияи тағйири зеҳни ҷомеа ва муҳандисии шуури ҷамъиятии моро ба хотири созгор кардани он ба шароити нави таърихӣ ва ҳифзи манофеи миллӣ қабл аз ҳама нухбаҳои илмии кишварамон бояд ба дӯш гиранд, ки мутаассифона, аксари онҳо ба қавли муаллифи мақолае, ки илҳомбахши эҷоди ин сатрҳо шудаанд, **“дампо”,**[13] яъне фурсатталаби муросокор, камҷуръат ва масъулиятнопазир мебошанд. Ин сифатҳои равонии зиёиёни саршиноси мо, ки худро аз зумраи шоистатарин намояндагони ҷиноҳи ҷаҳонбинии илмии кишвар медонанд, худ далели ошкор ва раднопазири иддаои боло дар бораи заъфи характери миллӣ ва ниёзманди муҳандисӣ будани он аст. Дар бораи характери ин қишри ҷомеаи мо ҳамчун намунае аз бисёру миште аз хирвори характери миллиамон С.Ятимов дар мақолаи “Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ” бисёр воқеъбинона баҳо дода буданд, ки: “**... зиёиён, бешубҳа, на аз камсаводӣ, балки заъфи андешаи миллӣ, урфу одат, анъана, тақлид ба бегонагон, ҳисси бегонапарастӣ ва ҳоло ҳам эҳсоси тарс аз эҳтимоли «зуҳури муллоабдуғаффорӣ» ва андешаи рӯзи**

---

[12] Горднер Ҳовард. Ҳунар ва илми тағйири зеҳни худ ва дигарон. Тарҷумаи Камоли Харроҷӣ. Теҳрон: Нашри “Най”, 1398 шамсӣ (2019 мелодӣ). С.21

[13] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. // Маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, 2022, № 1 (28). С.35

**мабодо, ба тарзи мақсаднок фаъол нестанд. Зиёикунонӣ ва равшангариро фақат вазифаи давлат мешуморанд".[14]**

Бо назардошти ин вазъи ақидатӣ ва мавқеъгирии норӯшани иҷтимоиву сиёсии аҳли илм дар кишваре, ки баъд аз ҳазор соли мазлумият соҳиби давлати миллӣ шуд, ҳамчунин бо эътибор ба таъкидҳо ва ҳӯшдори такрор ба такрори муаллифи мақолаи мадди назар дар бораи зарурати такмили низоми таълимӣ ва тарбиятии ҷомеа ва ба ин васила муҳандисӣ кардани қолабҳо ва барномаҳои куҳнаи зеҳнии миллат, ки дар тӯли таърих мутобиқи хостаҳо ва манофеи миллатҳои ғосиб рехта шуда, дар шароити кунунии таърихӣ ба ниёзҳои давлати миллӣ посухгӯ намебошанд ва гузашта аз ин, барои ҳифзи бақои давлат ва миллатамон хатар эҷод мекунанд, бояд талоши фарогир ва системавӣ *(системний подход)* дошта бошем. Яъне барои муҳандисии шуури ҷамъиятӣ дар кишвар ва созгор кардани он ҷиҳати ҳифзи манофеи миллӣ ба таври системавӣ бидуни барҷаста кардани яке аз ҷанбаҳо ва сарф кардани вақту нерӯ дар ин самт бояд дастбакор шуд. Қабл аз ҳама дар заминаи омӯзиши мушкилоти мавҷуда мебояд, ки роҳҳои ҳалли масъала ва дар зимн системаи арзишҳои миллии бидуни таноқуз ва рақобатпазир(1), хатти машйи идеологӣ(2), роҳкорҳои зеҳниятсозӣ(3), усулҳои корбурд ва механизмҳои татбиқи он(4) коркард шаванд. Ҳамзамон бо коркарди ин система татбиқи онро дарзамон шурӯъ бояд кард, зеро ҳатто номукаммал будани он ҳам беҳтар аз дастгоҳи зеҳниятсозии ғайрисистемавӣ ва динсолоронаи ҷомеаи мост. Дигар ин ки шурӯъи таъҷилии корбурди системаи арзишҳо ва идеологияи

[14] Ятимов С. Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ. //Маҷаллаи "Илм ва ҷомеа", 2020, № 1(19). С. 19

миллӣ имкони дар амалия санҷида шудан ва такмил додани онро фароҳам меоварад ва ба ин васила суръати коркарди ин дастгоҳи зеҳниятсозиро ҳамчун низоми том меафзояд. Дар ин самт қабл аз ҳама ба соҳаи маориф таваҷҷуҳ бояд кард. Дар самти таълим ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ(1) ва дар самти тарбия ба тақвияти ҳувийят, характер ва худшиносии милливу ифтихори ватандорӣ(2) эътибор бояд дод.

Унсури дигаре, ки дар низоми давлатдории миллӣ нақши муҳим бозида, абзори муқтадири зеҳниятсозист, идеологияи миллӣ мебошад. Аз ин аст, ки С.Ятимов дар бораи ҷойгоҳи идеология илова ба таъкидҳои қаблиашон дар ин мақола низ дар чанд маврид ишора карда, аз ҷумла гуфтаанд: **"Ташаккули идеология, маънавиёт ва ҷаҳонбинӣ аз самтҳои ҳаётан муҳимми сиёсати давлатдорӣ аст".**[15] Дар шароити кунунӣ бо назардошти бархурдҳои тамаддуниву таҳоҷуми рӯзафзуни иттилоотӣ ва муборизаҳои шадиди геосиёсӣ идеологияи миллиро дар баробари ҳар гуна идеологияҳои бегона, алалхусус идеологияи исломи сиёсӣ бояд ба низоми мукаммале мубаддал кард, ки тавонмандии рақобатпазирӣ ва муборизаи бардавомро дошта бошад, чунки муборизаҳои ғоявию идеологӣ чун қисми таркибии мубориза барои ҳаёт ҷовидонист ва ҳамеша идома хоҳад ёфт. Аз ин рӯ, ба масъалаи муборизаи ғоявию муқовимати идеологӣ ҳамчун масъалаи ҷузъиву муваққатӣ набояд муносибат кард. Чунин муносибат на фақат манофеи миллӣ, балки дар дарозмуддат бақои миллатро низ метавонад ба хатар рӯбарӯ кунад.

Дар замони муосир субъектҳои сиёсии сатҳи байналмилалӣ бо назардошти нисбатан коҳиш ёфтани имкони таҳоҷуми амалӣ тамоми ҳадафҳои тавсеаҷӯёнаи худро

[15] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи "Илм ва ҷомеа", 2022, № 1 (28). С. 7

мехоҳанд тавассути таҳоҷуми иттилоотӣ бароварда ва татбиқ кунанд. Бинобар ин, онҳо бо мақсади заиф кардани нерӯи муқовимати миллатҳои дигар ба таври ҳадафмандона ва барномавӣ бо тамоми унсурҳои ҳувийятсозии миллии онҳо меситезанд ва кӯшиш мекунанд, ки он арзишҳоро дар назари ҳомилонашон хору беэътибор намоянд.

Миллатҳои қудратманд барои дастёбӣ ба манофеи худ дар ҷуғрофиёи зисти миллатҳои дигар кӯшиш мекунанд, ки он миллатҳоро деэтнизатсия кунанд. Барои деэтнизатсия онҳо аз деидеологизатсия, набарди иттилоотӣ, сохтани ҳувийятҳои сунъӣ дар байни қишрҳои он ҷомеаҳо, ба вуҷуд овардани бӯҳрони ҳувийятӣ ва ғ. истифода мебаранд.

Идеология бар хилофи дидгоҳҳои аҳёнан ноогоҳона ва аксаран муғризонаи коршиносоне, ки онро як падидаи сохтаву пардохта ва нолозим медонанд, хостгоҳи комилан табииву материалӣ дорад. Мавҷудоти зинда ва аз ҷумла одамон барои ҳифзи мавқеъ ва манофеи худ ҳамеша бо ҳамнавъони хеш дар ҳоли мубориза ва бархурд қарор доранд. Ин бархурдҳо дар сатҳи мавҷудоти камшуур (масалан, ҳайвонот), аксар маврид физикист, аммо дар ҷомеаи инсонӣ бештар ақидатӣ, лафзӣ, манипулятсионӣ, таблиғотӣ ва ё ҳаросафканона аст, агарчи шакли физикии бархурдҳо низ дар миёни афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ истисно нестанд. Бархурдҳои физикӣ ҳамеша хатарзо мебошанд, аз ин рӯ, мавҷудоти зинда, ки ҳифзи бақо барои онҳо аз муҳимтарин масъалаҳои вуҷудист, ҳатто дар ҳолатҳое ҳам, ки мавқеъ ва манфиатҳояшон мавриди таҳдид қарор мегирад, аслан моил нестанд, ки якбора рӯ ба бархурди физикӣ оранд ва ба ин васила ҳаёти худро зери хатар гузоранд. Бар асоси пажӯҳишҳои соҳаи зоопсихология *(zoopsychology)* ҳатто ҳайвонот ҳам, ки шуури нисбат ба инсон камтар доранд, дар чунин маврид аввал бо усули вокунишҳои начандон хушунатомез, мисли садо баланд кардан, ваҷоҳату шакли

ҳаросангез ба намоиш гузоштан ва ғайра мехоҳанд, ки рақиби худро водор ба муросо ва ё ақибнишинӣ карда, ба ин васила аз бархурди баданӣ худдорӣ намоянд. Одамон дар мавриди ҳифзи мавқеъ ва манфиатҳояшон барои ҷилавгирӣ аз бархурди баданӣ бештар аз хиради худ истифода мекунанд. Онҳо мехоҳанд нақшаҳои манфиатмеҳвари худро қаблан на бо корбурди зӯровариву низоъ, балки бо усули талқину ташвиқ, фазосозии зеҳнӣ ва ҳатто таҳоҷуми равонӣ ва таҳдид дар амал татбиқ кунанд. Тарафи муқобил ҳам аввалан бо айни ҳамин силоҳ вориди майдони мубориза мешавад. Дар миқёси бузургтар, яъне дар сатҳи гурӯҳҳои бузурги иҷтимоӣ, миллатҳо ва давлатҳо ин мубориза ва корбурди абзорҳои он ба шиддат мураккаб мешавад. Алалхусус дар шароити кунунӣ бо рушди илму фановарӣ ва технологияи фарогири иттилоотӣ густара ва самараи корбурди абзори нарми ҷанг аз сӯи давлатҳо ба хотири ҳифзи манофеашон беш аз пеш меафзояд. Гурӯҳҳо ва ниҳодҳои иҷтимоие, ки ҳушёрӣ ва зиракии сиёсӣ доранд, ба вижа давлатҳо аз ин "абзори нарм" на фақат дар арсаи мубориза бо рақибони худ ва заиф кардани ҷиноҳи иттилоотии онҳо истифода мекунанд, балки онро барои ҳамгироии иҷтимоӣ ва басиҷ кардани одамоне, ки дар қаламрави нуфузашон қарор доранд, истифода мекунанд. Ин раванд худ далели қотеъи он аст, ки идеология як падидаи табиӣ ва иҷтимоӣ буда, маҳз ба хотири ҳифзи мавқеъ ва манофеи гурӯҳҳои иҷтимоиву сиёсӣ зуҳур кардаву ташаккул ёфтааст. Дар ин замина бепоя будани иддаои касонеро метавон исбот кард, ки идеологияро як амри сохтаву маснӯӣ, ғайритабиӣ ва нолозим барои ҷомеаи муосир дониста, деидеологизатсияро таблиғ мекунанд ва ё идеологияҳои миллиро дар баробари ғояҳои гуногуннавъи фиребои ҷаҳонмеҳанӣ (космополитизм) беарзиш ҷилва медиҳанд. С.Ятимов ҳадафи пӯшидаи идеологҳоеро, ки

деидеологизатсияро таблиғ мекунанд, чунин ифшо кардаанд: **“Борҳо таъкид гардид ва айни замон хотиррасон карда мешавад, ки истилоҳи деидеологизатсия навъи устувори мафҳуми худи идеология аст. Он барои аз байн бурдани фарҳанги миллӣ ва дидгоҳи сиёсии дар чаҳорчӯби манфиатҳои давлатдорӣ муайянкардаи сохтори сиёсӣ, ба хотири дар мафкураи ҳадафҳои геополитикӣ ҷой кардани ҷаҳонбинии ғаразнок таъин шудааст”.** [16]

Миллате, ки аз диди идеологӣ ва барномарезии зеҳнӣ таҳти таъсироти берунӣ мемонад, ҳар лаҳза метавонад бар хилофи манофеи миллии худ мавқеъгирӣ намояд.

Равоншиноси амрикоӣ Ҳовард Горднер раванди табдил додани зеҳн ва қисматҳои таркибии он, аз ҷумла ҷаҳонбинӣ ва назарияҳоро кори саҳлу осон намешуморад. Ӯ мегӯяд: **“Тағйир додани зеҳни дигарон ҳеҷ гоҳ осон нест”.**[17] Ҷои дигар бо ишора ба компонентҳои таркибии зеҳн дар ин маънӣ таъкид доштааст: **“Тағйири назарияҳо душвор аст ва ба вижа дигаргунсозии назарияҳое, ки қаблан дар зеҳни инсонҳо нақш бастааст, кори сахт аст”.**[18] Аммо бо вуҷуди ин: “**албатта, зеҳнҳоро метавон тағйир дод”.**[19]

**“Тағйири зеҳни ҳар фард дар марҳилаҳои аввалии ҳаёташ содатар ва табиитар аст ва бо гузаштани замон душвортар мешавад”.**[20] Аз ин аст, ки ҷавонон зудтар таҳти таъсири зеҳниятсозӣ, аз ҷумла ҳувийятсозиҳои сунъии

---

[16] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. // Маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, 2022, № 1 (28). С. 8

[17] Горднер Ҳовард. Ҳунар ва илми тағйири зеҳни худ ва дигарон. Тарҷумаи Камоли Харроҷӣ. Теҳрон: Нашри “Най”, 1398 шамсӣ (2019 мелодӣ). С.138

[18] Ҳамон ҷо. С.94

[19] Ҳамон ҷо. С.15

[20] Ҳамон ҷо. С.38

субъектҳои сиёсии сатҳи минтақаву байналмилалӣ ва муздурону гумоштагони дохилии онҳо қарор мегиранд, хоса дар кишварҳое, ки барномаҳои таъсиргузори зеҳниятсозӣ ва масунияти идеологӣ надоранд, аз ҷумла дар кишвари мо. Бо назардошти яке аз қонунмандиҳои равандҳои психологӣ, ки маъруф ба "самарабахшии аввалбошӣ" ("эффект первичности") аст, бояд ба эътибор гирем, ки дар ҳолати ба иттилои касе расонидани маълумоти нав, ки бо маълумоти қаблан дар зеҳн доштааш мухолифат дорад, ӯ моил аст, ки маълумоти аввалиро саҳеҳ шуморад. Яъне маълумот дар бораи ҳар чизе, ки инсон бори аввал ба хотир мегирад, наметавонад ба осонӣ бо маълумоти нав иваз шавад, ҳатто ҳам агар он дуруст бошад. Бо назардошти ин масъала хеле муҳим аст, ки ба кӯдакон дар сатҳи хонавода, кӯдакистон ва синфҳои ибтидоӣ маълумоти дуруст ва ҳадафмандона дода шавад. Дар ин самт таҳияи филмҳои тасвирие низ муфид хоҳанд буд, ки бар асоси сужаҳои миллӣ офарида шуда, арзишҳо, ормонҳо ва қаҳрамонҳои миллатро таблиғ мекунанд. Дар робита ба ин қонунмандии раванди психологӣ олими шинохта ва равоншиноси соҳибмактаби рус Л.И.Божович мегӯяд: **"Бояд шавқи хонандаро барои омӯзиши олами атроф барангехт, ӯро сахткӯшу фаъол тарбия кард. Ва ин кор ҳар қадар барвақттар анҷом дода шавад, ҳамон қадар беҳтар аст".**[21]

**"Дар ҳар гуна талоше барои тағйири зеҳн бояд қудрати муқовиматҳои гуногунро дар назар гирифт"**.[22] Бинобар ин, **"мо бояд то ҷое, ки мумкин аст, дуруст дарёбем, ки зеҳн чӣ гуна ба сурати табиӣ тағйир меёбад ва муқовимат дар**

---

[21] Божович Л.И. Проблемы формирования личности. –Москва: Издательство "Институт практической психологии", 1997. С.308

[22] Горднер Ҳовард. Ҳунар ва илми тағйири зеҳни худ ва дигарон. Тарҷумаи Камоли Харроҷӣ. Теҳрон: Нашри "Най", 1398 шамсӣ (2019 мелодӣ). С.38

**кучо камин кардааст".**[23] Дар ҷомеаи мо яке аз камингоҳҳои ин муқовимати зеҳнӣ, ки монеи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ мешавад, сокрализатсияи арзишҳои динӣ аст. Айни замон на фақат омма, балки мутаассифона, аҳли илм ва ходимони баландрутбаи давлатӣ ҳам арзишҳои эътиқодиро муқаддас, комилан интиқоднопазир, ҳақиқати мутлақ ва бидуни баҳс медонанд. Аз ин аст, ки ба ин омилҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинии динӣ на фақат худ аз диди илмиву интиқодӣ наменигаранд, балки ҳатто ба дигарон ҳам иҷозат намедиҳанд, ки онҳоро ҳадди ақал дар шакли "нарм" интиқод кунанд. Ин ҷо бояд ба эътибор гирифт, ки ҷорӣ шудани ин анъана, яъне тақаддусбахшии арзишҳои меҳварии динӣ *(сокрализация базовых ценностей религии)* худ як навъ технологияи зеҳниятсозии мазҳабист, ки дастбакоронаш муваффақ шудаанд онро дар ҷомеаи мо то ҳадди ҳавзаҳои илмӣ ҷойгузин кунанд. Бо пазириши ин анъана ва ҳимоя аз он, ҳавзаҳо ва ниҳодҳои илмии мо худ ба абзори зеҳниятсозии динӣ табдил меёбанд(ва агар дурусттар бигӯем, аллакай табдил ёфтаанд). Дар ҷомеае, ки ин гуна "муқаддасот" ва эътиқоди мутаассибонаву саркӯбкунандаи сартосарӣ нисбат ба онҳо мавҷуд аст, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ душвор хоҳад буд ва дунявигароӣ ба раванди фарогиру устувори иҷтимоӣ табдил нахоҳад шуд.

Ҷиддӣ будани ин монеаро дар роҳи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ бар асоси илми равоншиносӣ, алалхусус равоншиносии ассотсиатсионӣ *(ассоциативная психология)* метавон дарёфт. Ин бахши равоншиносӣ падидаҳои психикиеро меомӯзад, ки ба вуҷуд омадани яке аз онҳо дар зеҳни инсон ногузир сабаби пайдоиши дигар падидаҳо

[23] Ҳамон ҷо. С.88

мешавад. Масалан, вақте ки касе ба тақаддуси марҷаъҳои мазҳабӣ муътақид шуд, тибқи ин назария ҳатман муқарраротеро, ки аз он марҷаъҳо бармеоянд, мепазирад ва гузашта аз он, татбиқи онҳоро дар сатҳи ҷомеа хостор мешавад. Аз ин метавон фаҳмид, ки чаро афроди дорои ҷаҳонбинии динӣ, аз ҷумла рӯҳониёни мо ҳатто бо пайравони ҷараёнҳои ифротии диние чун Толибону ДОИШ, Ихвонулмуслимину Ҷундуллоҳ, ТТЭ ҲНИ ва амсоли инҳо мушкилоти усулӣ ва бунёдӣ надоранд. Ва ё агар мушкилоте ҳам дошта бошанд, он фақат хусусияти зоҳирӣ дошта, дар умури ҷузъӣ ва фаръӣ хулоса мешавад. Сабаби ин умумияти назари онҳо дар умумияти марҷаъҳои тақлидашон аст, ки тамоми андеша ва амалкардҳои рӯзмарраашон аз онҳо сарчашма мегиранд.

Бо назардошти ин вазъи таассуфбори ақидатӣ ба ин нуктаи нозук ва муҳим ишора бояд шавад, ки барои муҳандисии шуури ҷамъиятӣ дар кишвар ва бар асоси меъёрҳои илмиву манофеи миллӣ шакл додани он на фақат коркарди системаи арзишҳои миллӣ(1), хатти машйи идеологӣ(2), роҳкорҳои зеҳниятсозӣ(3), усулҳои корбурд ва механизмҳои татбиқи он(4) лозим аст, балки ҳамзамон ошкор кардан (1), коркарди роҳкорҳои мубориза (2) ва бо истифода аз онҳо коҳиш додану аз байн бурдани (3) омилҳо ва механизмҳои мазҳабмеҳвар шудани ҷаҳонбинии мардуми кишвар низ зарур аст. Аз ин рӯ, сарчашмаҳо, технологияҳо ва абзорҳои зеҳниятсозии диниву мазҳабӣ бояд муайян ва усули муборизаи самарабахш бо онҳо тавсия ва мавриди корбурд қарор дода шаванд. Масалан, дар баробари технологияи фавқуззикри зеҳниятсозии мазҳабӣ, яъне тақаддусбахшии арзишҳои меҳварии мазҳабӣ ва дар фазои фикрии ҷомеа ба минтақаи мамнуъ *(запретная зона)* табдил додани он метавон аз усули дигари зеҳниятсозӣ, ки "ба чолиш кашидани боварҳо" ном дорад, ба таври мустақим ва ё

ғайримустақим истифода кард. Барои ин ҳадди ақал дар фазои маҷозӣ ин “муқаддасот”-ро бо далелҳои қотеъи илмӣ ба чолиш бояд кашид ва ҳақиқати онҳоро зери суол бурд. Муҳаққиқи машҳури фаронсавӣ Густав Лебон дар бораи механизмҳои тақаддусбахшӣ, нуфузи иҷтимоӣ ва нуқтазаъфҳои он чунин мегӯяд: **“Иззат ва азамате, ки ба чолиш кашида мешавад, ҷойгоҳи худро аз даст хоҳад дод. Худоён ва одамоне, ки дар дарозмуддат азамати худро ҳифз карда буданд, имкони ба чолиш кашидани онро намедоданд”** (Обояние, которое подвергается оспариванию, уже перестает быть обоянием. Боги и люди, сумевшие долго сохранить свое обояние, не допускали оспариваний).[24]

Аз ин сабаб аст, ки диндорон дар мавриди интиқоди арзишҳо ва шахсиятҳои диниашон вокунишҳои бисёр шадид ва ҳатто ваҳшиёна нишон медиҳанд, аммо ба хотири беқурб кардани арзишҳо ва шахсиятҳои миллӣ ҳамеша даст ба коранд. Ҳақиқати таълимот ва арзишҳои диниву мазҳабиро бояд ба таври мустақиму ғайримустақим зери суол гузошт, то ба ин васила аҳли ҷомеаи мо тадриҷан ба интиқодпазир будани онҳо одат кунанд ва ҳадди ақал ҷуръати дар ботин шубҳа кардан ба ҳақиқати онҳоро дошта бошанд. Зеро мавҷудияти чунин минтақаи мамнуъ дар фазои шуури фард ва ё ҷомеа садди ҷиддие дар роҳи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ хоҳад буд.

Дар шароити кунунии муборизаҳои шадиду мураккаби геосиёсӣ ва набардҳои иттилоотии рӯзафзуни давлатҳои қудратманди минтақаву ҷаҳон барои зеҳниятсозӣ ва дар зимн мағзшӯйии мардумони қаламрави субъектҳои сиёсии худ, моро зарур аст, ки ба масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ

---

[24] Лебон Густав. Психология народов и масс. -Москва: Издателство АСТ, 2020. С.272

ва ҳувийяти миллӣ дар кишвар беш аз пеш аҳамият диҳем. Дар ин самт соҳаи илму маориф яке аз муҳимтарину муассиртарин абзорҳои зеҳниятсозӣ ба ҳисоб меравад. Ин соҳа бояд абзори ташаккули тафаккури илмиву миллӣ бошад.

Дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии илмиву худшиносии миллӣ ба хусус нақши муассисаҳои таълимӣ бисёр муҳим аст. Дар сатҳи ин муассисаҳо раванди мафкурасозии насли наврас, асосан, тавассути китобҳои дарсӣ ба роҳ монда мешавад. Аммо, мутаассифона, дар низоми маорифи миллии мо ҳанӯз муҳтавои тамоми китобҳои дарсӣ, алалхусус, китобҳои дарсии фанҳои гуманитарӣ мазмуну муҳтавои миллӣ ва ҷанбаи илмӣ надоранд. Ҳол он ки: “**Китобҳои дарсӣ, дар маҷмӯи таълифот дар соҳаи илму маориф, муҳимтарин, арзишмандтарин мавод барои сохтани ҷаҳонбинӣ, тарбияи инсон, эъмори давлат ва давлатдории миллӣ ҳастанд”.**[25] Гузашта аз ин, мушоҳида мешавад, ки тӯли қариб се даҳсолаи даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, бо сӯиистифода аз камзарфиятиву ноогоҳии масъулин ва кормандони сохторҳои марбутаи давлатӣ, аксари муаллифону мураттибони китобҳои дарсӣ бо сарфи назар кардан аз манфиатҳои миллӣ ва сиёсати давлат муҳтавои маводи таълимиро тарзе таҳия кардаанд, ки ба нафъи рақибони идеологии мост ва ногузир ҷаҳонбинии хонандагонро хурофотбунёду миллиситезона мекунад. Ин гуна китобҳои дарсӣ на фақат насли навраси моро меҳанпаресту хирадгаро намекунанд, балки ба раванди ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва тақвияти ҳувийяту рӯҳияи миллӣ садамаи ҷиддӣ ворид месозанд.

---

[25] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ.//Маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, 2022, № 1 (28). С. 27

Табиист, ки ин навъ китобҳои дарсӣ боиси таҳкими ҷаҳонбинии динии насли наврас ва дар зимн ҷомеа шуда, заминаи хурофотгароиву мазҳабзадагӣ ва таассуби диниро дар кишвар беш аз пеш тақвият мебахшанд. Ҳол он ки муҳитҳои иҷтимоӣ ва мадании мо дар шароити феълӣ худ дар банди хурофоти динӣ ва мазҳабӣ гирифторанд ва агар ин ҷараён тавассути муассисаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ тақвият ёбад, вазъият беш аз буда мураккаб ва печида хоҳад шуд. Ҳақ ба ҷониби муаллифи мақолаи "Дар бораи як китоби дарсӣ" аст, ки дар ин самт бо назардошти хатари мавҷуда ҳӯшдор медиҳанд: **"Дар Тоҷикистон, ки зиёда аз навад дар сади мардум мусулмонанд, ду роҳ вуҷуд дорад. Ё бо пайравӣ аз илми дар таҷрибаи инсонӣ тасдиқшуда мамлакати хешро обод, якпорчагӣ ва оромиву озодагии онро таъмин мекунем, ё зери таъсири хурофоту таассуб озодӣ, рушду тараққӣ ва сулҳу суботи давлати миллии худро зери суол мебарем. Роҳи сеюм вуҷуд надорад".**[26]

Аз ин рӯ, барои ҳадафмандона ва оянданигарона таълифу таҳия шудани китобҳои дарсӣ сохторҳои давлатӣ бояд дастбакор шаванд зеро: **"Субъектҳои манфиатдори низоъ муътақиданд, ки ҷангҳои оштинопазири зеҳнӣ оқибат ба ҷангҳои дар даст силоҳи тарафҳо анҷом меёбанд. Ин аксиома барои бозигарони геополитикӣ воситаи "рӯзгузаронӣ" аст. Яъне ихтилоф дар раҳи рост ба вуҷуд намеояд. Ин захираи бузурги геополитикӣ – вуҷуд доштани сарчашмаҳои ҳалнашавандаи душмании тарафҳо маҳз дар чаҳорчӯбаи илм ва дин эҳтиёткорона нигоҳ дошта, парвариш меёбанд. Шаклҳои ҷадиди дар ин асос аланга задани зиддиятҳои идорашаванда коркард ва**

[26] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи "Илм ва ҷомеа", 2022, № 1 (28). С. 30

**роҳандозӣ мегарданд. Таърихи Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, ҷаҳони ислом далели ин гуфтаҳост”.** [27] Дар ин росто бетафовут набояд буд ва саҳлангорӣ набояд кард. Касонеро, ки дидгоҳи миллӣ ва ҷаҳонбинии илмиву фалсафӣ надоранд, ба ҳеҷ ваҷҳ набояд барои таҳияи китобҳои дарсӣ, яъне зеҳниятсозии миллӣ ҷалб кард. Набояд ин кори тақдирсоз, яъне таъйини хатти машӣ ва сарнавишти миллатро ба зиммаи ҳар фарди белаёқату тасодуфӣ ва гузашта аз ин, ба уҳдаи гумоштагони нерӯҳои манфиатҷӯи байналмилалӣ ва рақибони сиёсиамон бидиҳем, зеро “**давлат ба дӯши ононе, ки китоби дарсӣ менависанд, бузургтарин масъулиятро мегузорад”.**[28] Мутаассифона, маҳз бинобар беаҳамиятии мо дар ин самт тӯли 10-15 соли ахир ҷаҳонбинии аксарияти насли ҷавони кишвар динӣ ва хурофабунёд гардид.

Мутобиқи омори расмӣ медонем, ки чанд соле пеш бо вуҷуди ҳама чораҷӯиҳои давлат беш аз 3000 шаҳрвандони мо бо ҳар тариқе ба Сурияву Ироқ рафта, ба сафи ҷангҷӯёни террористи ДОИШ-ӣ пайваста буданд. Иддае ҳатто зан ва фарзандони ноболиғи худро низ ба он ҷо бурда буданд. Аксари онҳо изҳор медоштанд, ки дар роҳи ҳифзи давлати исломӣ омодаи ҷоннисорианд ва дар воқеъ, теъдоде аз онҳо дар ин роҳ ҷони хешро ҳам барабас бохтанд. Имрӯз низ иддае аз сокинони кишвари мо дар сафи муҷоҳидони ДОИШ, Ансоруллоҳ ва Аморати исломии Афғонистон машғули “ҷиҳод”, яъне қатлу куштору ғорат мебошанд. Суол ин аст, ки чаро ин ҳамватанони мо, ки омодаанд барои идеалҳои бегона ва ҳатто гурӯҳи террористии байналмилалие чун ДОИШ ҷон

[27] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, 2022, № 1 (28). С. 12
[28] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, 2022, № 1 (28). С. 28

диҳанд, нисбат ба мушкилоти миллӣ ва тақдири ҳаммиллатони худ (масалан фоҷеаи Ворух) куллан бетафовутанд? Чаро исломгароёни сиёсӣ метавонанд аз шаҳрвандони мо террористу худкуш тарбия кунанд, вале низоми тарбиятии мо наметавонад аз онҳо афроди дар роҳи Ватан ҷонфидо тарбия намояд? Посухи кӯтоҳ ба ин суол ин аст, ки мо то ҳол технология ва фароянди муассири зеҳниятсозӣ ва дар зимн ҳувийятсозии миллиро коркард накардаем. Дар ин замина **"тавассути сӯиистифода аз дину мазҳаб, хурофоту таассуб омилони геополитикӣ эҳсоси худшиносии миллии пайравони исломро анестезия (беҳис) кардаанд. Ба ҷойи он, дар майнаи мусулмон тухми ҷаҳонбинии "ал–Қоида", "Давлати исломӣ", "Ансоруллоҳ", "Ҳизби наҳзати исломӣ" коридаанд. Акнун онҳоро ҳамчун лашкари муфт барои манфиатҳои худ истифода мекунанд".** [29]

Боиси нигаронист, ки мо дар муассисаҳои таълимӣ, яъне дар муҳимтарин ниҳоди зеҳниятсози ҷомеаамон то ҳанӯз натавонистаем фазои мусоиду созгоре барои ташаккули тафаккури илмиву мантиқӣ ва хештаншиносии миллӣ ба вуҷуд оварем. Китобҳои дарсии муассисаҳои таълимии мо пур аз маводи хурофотӣ, миллиситезона ва тақдиргароёна (фаталистӣ) мебошанд. Муҳтавои баъзе китобҳои дарсии фанҳои гуманитарӣ, ҳатто фанҳои таърих, забон ва адабиёти тоҷик на танҳо ба масири миллӣ ва методологияи илмӣ мутобиқ нестанд, балки куллан дар қутби муқобили он қарор гирифта, ба раванди ташаккули худшиносии миллӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ садамаи ҷиддӣ мезананд. Ин навъ китобҳои дарсӣ бар хилофи талаботи моддаи 1-и Конститутсияи

[29] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи "Илм ва ҷомеа", 2022, № 1 (28). С. 30

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» буда, бидуни шак, боиси бештар шудани худбохтагиву беҳувийятии насли наврас ва ҷавонон, густариши хурофоту таассуби мазҳабӣ ва таҳкими таҳкурсии ҷаҳонбинии бунёдгаронаи динӣ дар муҳити иҷтимоии кишвар мегарданд. Мушкилоти масъулони соҳаи маорифи мо дар ин росто дар он аст, ки барғалат мепиндоранд: **"Хирад ҳаргиз ба эътиқод ихтилофе надорад".**[30] Муаллифи мақолаи "Дар бораи як китоби дарсӣ" бо дарки он ки ин андеша аз дидгоҳи илмӣ комилан ғалат ва аз лиҳози идеологиву шеваҳои муборизаҳои геополитикӣ хатарнок аст, чунин мегӯянд: **"Эътиқод ва боварҳо бо илм ва хулосаҳои илмӣ дар мухолифат қарор доранд. Муҳтавои ин зиддиятҳо дар ҷаҳони ислом, аз ҷониби бозигарони геополитикӣ мақсаднок ва тахассусмандона истифода мешаванд".**[31]

Дар иддае аз китобҳои дарсии мактабҳои мо маълумоти ироашуда фақат маҷмӯъи фактҳоест, ки аз диди ғоявию идеологӣ ва ҳувийятсозӣ бидуни рабт аст ва ҳадафи мушаххасу хатти машйи ягона надоранд. Бо назардошти ин мушкилот С.Ятимов дар марҳилаи кунунии рушди давлатдории миллӣ вазифа ва масъулияти соҳаи маорифи кишварро дар ин донистаанд: **"Дар ин росто, қисмати ҳаётан муҳимми фаъолияти маориф - мувофиқ кунондани (муҳтавои) китобҳои дарсӣ ва васоити таълимию тарбиявӣ ба пояҳои**

---

[30] Таваҷҷуҳ шавад ба пешгуфтори китоби "Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти тоҷик", ки ба қалами адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон тааллуқ дорад.

[31] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи "Илм ва ҷомеа", 2022, № 1 (28). С. 12

**сохти конститутсионӣ – давлатдории миллӣ дониста мешавад”.**[32]

Чунонки гуфта шуд, яке аз вазифаҳои асосие, ки марбут ба самти тарбиятӣ аст, ҳувийятсозии миллӣ мебошад. Ҳувийятсозиро набояд як вожаи шиоргуна ва шоирона тасаввур кард. Он як фароянд ва технологияи пазируфташудаи илмӣ дар ҳавзаи илмҳои ҷомеашиносӣ, этнология ва этнопсихология аст. Ҳувийятсозиро дар ҳавзаҳои илмии англисзабон *construction of identity* ва дар ҳавзаҳои илмии русзабон *конструирование идентичности* мегӯянд. Гузарем аз давлатҳои аврупоӣ, ҳатто дар баъзе давлатҳои ҳамҷавор ва минтақаи Осиёи Миёна ҳам бо назардошти муҳиммияти масъалаи ҳувийятсозии миллӣ ниҳодҳои илмӣ ва таълимӣ таъсис дода шудаанд. Масалан, дар Қазоқистон Университети Осиёии ба номи Л.Н.Гумилёв ва дар Қирғизистон Донишгоҳи туркиву қирғизии ба номи Манас бунёд карда шудааст, ки яке аз ҳадафҳои аслии фаъолияти онҳо тақвияти фароянди ҳувийятсозии миллӣ ва ба ҳам наздик кардани миллатҳои туркзабон аст.

Агар бо назардошти меъёрҳои илмӣ ва манофеи миллӣ муҳтавои китобҳои дарсиро дар кишвар арзёбӣ кунем, онҳоро вобаста шеваи таълиф метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард: 1) китобҳое, ки дар он камобеш ба меъёрҳои мазкур ҳадафмандона эътибор дода шудааст. Бояд гуфт, ки ин гуна китобҳо ба истиснои китобҳои марбут ба фанҳои дақиқу табиӣ хеле каманд. Барои мисол, ба ин гурӯҳи китобҳои дарсӣ китоби “Таърихи халқи тоҷик барои синфи 6”-ро метавон шомил кард, ки муаллифаш Яъқубшоҳ Юсуфшоҳ ҳастанд; 2) Ба гурӯҳи дуюм китобҳое шомил мешаванд, ки агарчи

[32] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, 2022, № 1 (28). С. 9

тамоили хурофотгароиву мазҳабмеҳварӣ ҳам дар матни онҳо ба таври ошкор мушоҳида нашаванд, аммо ба масъалаи ҳувийятсозии миллӣ низ дар онҳо куллан эътибор дода нашудааст. Дар ин қабил китобҳо, ки китобҳои дарсӣ аз фанни адабиёт намунаи боризи онанд, матнҳо ва мавзӯъҳо чун маҷмӯи маводу маълумоте оварда шудаанд, ки моҳиятан парешон ва мутаноқизанд ва хатти машйи ягона ва ҳадафмандонаи идеологӣ надоранд. Муҳтавои ин китобҳои дарсӣ хонандаро аз диди ғоявӣ сардаргум мекунад. Масалан, агар дар як ҷо муаллифон сахткӯшиву талошро дар зиндагии иҷтимоӣ тарғиб карда бошанд, дар ҷои дигар ризову риёзату гӯшанишиниву тарки дунё ва тақдирпарастиро тарғиб кардаанд; 3) Гурӯҳи сеюми китобҳои дарсӣ ва роҳкори муаллифони онҳо нигаронкунанда аст, чунки онҳо ҳадафмандона ақидаҳои мазҳабгароёнаву хурофотиро тарғиб кардаанд. Яъне китобҳои онҳо хатти машйи ягона ва нуқтаи тамаркуз доранд, ки он мазҳабиву хурофотӣ ва зиддимиллист. Муаллифон барномаи ҳувийятсозӣ доранд, ки он низ зиддимиллист. Ин гуна китобҳои дарсӣ ҳатман бояд бозбинӣ шаванд. Аммо бозбинӣ маънои онро надорад, ки тамоми ҳиммати гурӯҳи ташхисӣ фақат бар он гуморида шавад, ки чунин китобҳои дарсӣ аз ақидаҳову идеологияи номатлуб поксозӣ ва филтр карда шавад. Филтр амре ҳатмист, аммо ҳамаи кор нест. Баъд аз поксозӣ дар ин об бояд ангубини ҳувийятсозии миллиро рехт. Мавзуъҳо ва матнҳои китобҳои дарсӣ ба ҷуз иттилооти илмӣ бояд моҳиятан ориентатсияи миллӣ дошта бошанд ва ҳадафмандона манофеи миллиро пайгирӣ кунанд. **Умуман, барномаи зеҳниятсозии мо дар соҳаи маориф бояд ба таври системанок сурат гирад. Он бояд ду нуқтаи тамаркуз (вектор) дошта бошад: 1) ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ; 2) тарбияи ватанпарастӣ ва ташаккули ҳувийяти миллӣ.**

Ҳамзамон бояд ҷараёни рӯзафзуни ғайриилмӣ ва хурофотмеҳвар шудани ҷаҳонбинии мардум ва шуури ҷамъиятии мо ҷилавгирӣ карда шавад. Бояд дар арсаи пур аз муборизаи байналмилалӣ барои ҳифзи бақои миллат ва мондагории давлати худ насле ватанпарасту худогоҳ, муҳофизи манофеъи миллӣ ва ҳамқадами замонро, ки ҷаҳонбинии илмӣ ва дунявӣ доранд, тарбия кунем. Албатта, имкон надорад, ки тамоми мардум то ин сатҳи дарк ва рушди маънавӣ расонида шаванд, аммо ин ҷо “**сухан дар бораи таносубҳо, яъне ақаллият ва аксарият меравад. Миллатҳое, ки дар онҳо илму дониш фарогири аксарият шуд, дар арсаи ҷаҳон тасаллут пайдо карданд. Аҳволи мардуми хешро беҳбуд бахшиданд. Зиндагии шоиста доранд. На танҳо истифодаи захираҳои табиии олам, балки ақли мардумони бегонаро ҳам мутеи худ гардонданд”.**[33]

Дар ин росто нуктаи шигифтангез он аст, ки муаллифони китобҳои дарсӣ бо вуҷуди он ки соҳибони унвонҳои баланди илмианд, аммо мутаассифона, дар бештарини маворид мавзӯъҳои матраҳшударо на бар асоси метологияи пазируфташудаи илмӣ, балки бар мабнои муқаррароти динӣ таҳлил кардаанд. Хатти машйи таҳлилу баррасиҳо дар ин китобҳо усулан хурофотию мазҳабӣ аст ва ориентатсияи миллӣ дар он вуҷуд надорад. Омӯзгороне, ки бар асоси чунин китобҳо фаъолияти худро ба роҳ монда зеҳниятсозӣ кардан мехоҳанд, яқинан аз диди ғоявӣ сардаргум хоҳанд шуд, чунки аз он ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон хатти машй(ориентатсия)-и миллиро дарёфт. "**Агар омӯзгор дарк кунад, ки ориентатсияи ҷомеа чист, барои расидан ба мақсад талош**

[33] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, 2022, № 1 (28). С. 29

**хоҳад кард. Баръакс, дар он ҷое, ки фаҳмиши дақиқу равшани мақсад нест, бешак аз тарафи омӯзгор барои такомули шахсияти тарбиягирандагон кори созандае наметавонад анҷом дода шавад. Дар он гуна муҳит дар раванди тарбия стихиянокӣ ва номуназзамӣ авҷ мегирад, кор характери тасодуфӣ хоҳад гирифт ва фақат барои он анҷом дода хоҳад шуд, ки вақти барояш ҷудошуда сарф карда шавад. Фаъолияти тарбиявиеро, ки бидуни ҳадаф анҷом дода мешавад, аслан наметавон фаъолияти тарбиявӣ донист".**[34] Агар дидгоҳи олимоне, ки китобҳои дарсиро таҳия мекунанд, хурофабунёд бошад, пас, аз омӯзгорону хонандагони макотиби миёнаи умумӣ чӣ метавон интизор дошт ва чӣ гуна метавон аз онҳо гила кард?

Худ қазоват кунед, ки ин муҳитҳои "тарбиятӣ" бо он ҳолу ҳавое, ки доранд, чӣ ба бор хоҳанд овард?! Ба қавли муҳаққиқи эронитабори амрикоӣ Амирҳусайни Лодан **"Мо зоида*(маҳсул; продуксия)*-и фарҳангамон ҳастем"**.[35] Ин фарҳанг мустақиман дар амри ташаккули шахсият ва ҳувийяту хулқу хислат(характер)-и афроди миллати мо нақш дорад. Афроди ҷомеаи мо ҳанӯз аз даврони кӯдакӣ ғайриихтиёр таҳти таъсири чунин муҳити фарҳангӣ мемонанд ва табиист, ки ночор ба қолабҳову меъёрҳои он мутобиқ мешаванд. Равоншиноси шинохтаи яҳудитабори олмонӣ Эрих Фромм дар бораи нақши фарҳанги ҷомеа дар шаклгирии ҷаҳонбинии фард чунин мегӯяд: **"Дар зеҳни аксарияти одамон тасаввурот дар бораи воқеияти олам на бар асоси андешидан ва тафаккури интиқодӣ, балки дар заминаи**

[34] Савин Н.В. Педагогика. Душанбе: "Маориф", 1975. С.43

[35] Лодан Амирҳусайн. Худосолорӣ ва дармондагӣ. -Лос-Анҷелес: Ширкати "Китоб", 2014. С.16

**тарзи андеша ва ҷаҳонфаҳмии ҷомеа ба вуҷуд меояд".**[36]

Зеҳният ва шуури ҷамъиятии ҳар ҷомеае, қабл аз ҳама, дар робита ба фарҳанги он шакл мегирад. Аз ин рӯ, агар ҷаҳонбинии як ҷомеа ғайриилмӣ ва хурофотӣ бошад, пас, барои islоҳи вазъи фикрии ҷомеа, қабл аз ҳама, фарҳанги ҷомеаро ҳамчун омили ташаккулдиҳандаи шуури ҷамъӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, қолабҳои маҳдудкунандаи онро шиносоӣ ва ислоҳ бояд кард.

Ин ҷо бояд таъкид дошт, ки ба тафовут аз асрҳои миёна фарҳанги бостонии мо аслан хирадмеҳвару дунявимадорона буд. Ҳатто як нигоҳи тезболе ба даврони асотирӣ ва таърихи давлатдориҳои қадими ниёгонамон кофист, ки аз ин ҳақиқат огоҳӣ биёбем. Устураи Йима (Ҷамшед) дар "Авасто"[37] ва Маншури ҳуқуқи башари Куруши Бузург[38] дар аҳди Ҳахоманишиён далели ошкори ин иддаост. Дар ин маънӣ ҳақ ба ҷониби С.Ятимов аст, ки мегӯянд: **"Мафҳуми "афкори дунявӣ" барои мардуми олам, аз ҷумла тоҷикон сухани нав нест... Дар доираи мантиқи таърихии илм, адабиёт ва фарҳанги миллати тоҷик мафҳуми дунявӣ вуҷуд дошт. Дар акси ҳол, мо аввалан тоҷик, баъдан миллат ва ахиран соҳиби давлати мустақил намебудем".**[39]

Инъикоси дурусти воқеиятҳои таърихи дунёи қадим, шинохти ҷойгоҳи барозандаи давлатҳои аҷдодӣ дар он ва корбурди мафҳумҳои муносиб дар ин росто амри муҳиме дар

[36] Фромм Эрих. Анатомия человеческой деструктивности. –Москва: Издательство АСТ, 2017. С.309

[37] Авасто. Китоби 1. Яснои 9. –Душанбе: "Бухоро", 2014. С.60

[38]Озод Абулкалом. Куруши Кабир-Зулқарнайн. –Душанбе: "Адиб", 2019. С.223

[39] Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ. //Маҷаллаи "Илм ва ҷомеа", 2022, № 1 (28). С. 29

раванди ташаккули тафаккури миллии насли навраси ҷомеаи мо буда метавонад. Аз ин рӯ, мо набояд муқаллидона таърихи ба нафъи худ таҳрифкардаи муҳоҷимону ғосибони миллати худро ба фарзандонамон таълим диҳем. Онро бозбинӣ ва бознависӣ бояд кард. Ҷойгоҳ ва нақши муҳими давлатҳои муқтадири аҷдодиро бояд шинохт ва муаррифӣ кард. Таърих набояд чун маҷмӯи фактҳои бидуни рабт таълим дода шавад. Ҳадаф аз таълими таърих ҳифзи хотираи таърихӣ ва дар зимн оянданигарист. Аз он сабақ бояд гирифт ва таҷриба бояд андӯхт, то дар як чоҳ ду бор наафтем ва аз як сӯрох ду бор моргазида нашавем. Бинобар ин, дар арсаи таърих ҳамеша радди по ва ормонҳои гузаштагони давлатдору давлатмадори худро дунбол бояд кард. Аммо мутаассифона, дар китобҳои дарсии таърихи мо пиромуни давлатҳои аҷдодиамон дар тақлид ба таърихнигорони аҷнабӣ тарзе маълумот дода шудааст, ки насли имрӯзи мо ба он ҳеҷ эҳсоси ҳамбастагӣ ва умумият намекунад. Ин ҷо ба маврид аст, ки сухани арзишманди Қаҳрамони миллат Садриддин Айниро дар бораи рисолати илми таърих ба ёд оварем. Устод дар ин маънӣ мегӯянд: **“Таърих он гоҳ маъние хоҳад дошт, ки дар дасти мардум силоҳи мубориза дар роҳи оянда бошад”.**[40] Ба қавли муҳаққиқи амрикоӣ Джаред Даймонд: "**Аз фоҷиаҳои гузашта(таърих) имкон дорад сабақ гирифт. Маълум аст, ки баъзан (дар шароити якхела) иддае аз ҷомеаҳо ба таназзул дучор мешуданд, аммо иддае на. Сабаби он дар чӣ буд? Ба ин суолҳо посух дода, мо гуфта метавонем, ки кадоме аз ҷомеаҳо дар шароити кунунӣ ба хатар рӯ ба рӯянд. Ба ҷои мушоҳидаи раванди заволи ин ҷомеаҳо бояд дар паи кумак расондан ба онҳо шуд".**[41] Бо

[40] Айнӣ С. Судьба одного народа. //Новое время, 1951, №45. С.8

[41] Даймонд Джаред. Колапс. - Москва: Издателство АСТ, 2021. С.14-15

мушоҳидаи вазъи шуури ҷамъиятӣ дар кишвар метавон пешбинӣ кард, ки ҷомеаи мо айни замон дар маърази хатар қарор дорад, он гуна хатаре, ки дар пушти марзҳои ҷанубии мо аллакай бо ваҳшати тамом чеҳранамоӣ мекунад. Хеле ҷиддӣ будани ин хатар ва имкони амалӣ шудани онро ҷанги бародаркуши солҳои 1992-1997 тасдиқ мекунад, ҳол он ки дар он замон ҷаҳонбинии мардуми мо то ба ин ҳад динсолорона набуд. Ҷиҳати дигари ташвишовари масъала он аст, ки ба замми ин ҳама омилҳои дохилӣ, феълан омилҳои манфиатдори геополитикӣ дар сатҳи байналмилалӣ низ имконот ва абзорҳои бештари оташ дар ин хирман заданро доранд. Хатари мазкур бо назардошти омилҳои дохиливу хориҷӣ дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ беш аз ҳар давлати дигаре ба давлати мо таҳдид мекунад. Агар илова ба хатари исломи сиёсӣ ва заминаҳои дохиливу хориҷии он дар кишвар, ба эътибор гирем, ки матои ваҳдати миллии мо низ, мутаассифона, ҳанӯз якпорча нест ва тамоили маҳалгароӣ дар ҷомеаи мо то ҳадди сепаратизм ҷо дорад, он гоҳ метавон тасаввур кард, ки болои қуттии борут нишастаем. Ин вазъияти нигаронкунанда тақозо мекунад, ки бо истифода аз тамоми имконоту захираҳои интелектуалӣ ва моддии мавҷуда бидуни таъхир дар паи илоҷи ҳар гуна воқеаи эҳтимолӣ пеш аз вуқуъи он бошем.

Инъикоси ҳадафмандонаи таърихи ниёгон, ба вижа муаррифии дастовардҳои оламшумули онҳо эҳсоси заифшудаи худбаҳодиҳии миллӣ(пониженная национальная самооценка)-и моро баланд бардошта, ҷиҳати тақвияти худшиносии миллӣ ва кам кардани шиддати бегонапарастӣ ва дар зимн ифротгароии динӣ мусоидат мекунад.

Дар масъалаи таълифи китобҳои дарсии фанни “Адабиёти тоҷик” низ вазъият таҷдиди назарро мехоҳад, зеро ин китобҳо, чунонки ба таври фишурда дар боло ба он ишора шуд,

ағлабан бо тарзи бинишу фаҳмиши асримиёнагӣ таълиф гардида, андешаҳои ирфонӣ, уқбогароӣ, тарки дунё, бечораноли ва ҳатто таълимоти ифротии мазҳабиро низ тарғиб мекунанд, ҳол он ки адабиёт аз ҷумлаи фанҳоест, ки дар раванди зеҳниятсозӣ ва ташаккули фарҳанги дунявияту ҳувийяти миллӣ метавонанд нақши калидӣ дошта бошад. Дар ин маънӣ адиби рус Тургенев И.С. барҳақ гуфтааст, ки: **"Адабиёт наметавонад танҳо бадеиёт бошад, зеро манфиатҳое ҳастанд, ки аз манфиатҳои бадеӣ болотаранд".**[42]

Жан Жак Руссо мегӯяд: **"Ҳар миллате чизе ҷуз он чӣ ҳукумати он мехоҳад, нахоҳад шуд".**[43] Хуб аст, ки феълан давлати мо ва дар симои муаллифи мақолаи мавриди назар давлатмардони мо мехоҳанд фазои номатлуби ақидатии ҷомеаамонро тағйир диҳанд. Дар ин росто дигар коршиносон низ, ки зарфияти интелектуалии иҷрои ин корро доранд, бояд иқдом кунанд. Маводи зеҳниятсозӣ ва аз ҷумла китобҳои дарсӣ бояд тарзе таҳия карда шаванд, ки ҷаҳонбинии илмиро ташаккул дода, худшиносии миллӣ ва иқтидори зеҳнии хонандагонро боло баранд ва ифтихорофарину илҳомбахш бошанд, на барангезандаи эҳсоси дунёбезорӣ ва тамоилоти дингароёнаву хурофотпарастона.

[42] Саидзода Ҷамолиддин. Тарбияи ифтихор ва худшиносӣ миллӣ дар дарсҳои адабиёт. –Д.: Ирфон, 2012. –С.88

[43] Лодан Амирҳусайн. Худосолорӣ ва дармондагӣ. -Лос-Анҷелес: Ширкати "Китоб", 2014. С.139-140

**Нозим НУРЗОДА**
пажуҳишгар

## МУШКИЛОТИ ҲУВИЯТӢ ДАР ДОИРАИ БАРРАСИҲОИ АДАБӢ-БАДЕӢ

*(мируре иҷмолӣ ба маҷмуаи "Бурротар зи тег"-и устод Урун Кӯҳзод)*

Дар қолиби асарҳои бадеӣ матраҳ кардани мушкилоти иҷтимоӣ ва махсусан, уқдаҳои ҳувиятӣ дар ададбиёти ҷаҳонӣ ба суннати мутадовил табдил ёфтааст ва адибону нависандагону шоирон бухронҳои иҷтимоию ҳувиятиро вобаста ба тарзи биниш ва фарохии дид баррасӣ карда, хонандаро ба фикр кардан ва роҳҳал ҷустан водор месозанд. Ҳадафи адибону нависандагони саршинос ин аст, ки хонанда пас аз мируру мутолеаи осори адабӣ-бадеӣ атрофи мушкилоту уқдаҳо худ, бидуни дахолати берунӣ мустақилона натиҷагириву қазовату доварӣ намояд. Дар воқеъ, баррасии ҷиддии мушкилоти ҳувиятӣ ва уқдаҳои фикрӣ, ки тайи таърихи тӯлонӣ боиси шикасту заъфи миллат гардидаанд, дар миёни нависандагони муосири тоҷик ба ҳукми анъана надаромада, ба авлавияти ҳирфаӣ-касбӣ табдил наёфтааст. Хушбахтона, нависандагони муосири миллие бо шумули устод Урун Кӯҳзод дорем, ки махсус ба масоили бухрони ҳувиятӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ин замина осори арзишманди бадеӣ ва публитсистӣ ба мерос гузоштаанд. Дар шумораҳои қаблии ҳафтаномаи "Самак" дар ҳошияи 85-солагии устод Урун Кӯҳзод матлаби илмӣ-оммавӣ дар доираи романи "Ҳайҷо"-и устод Кӯҳзод таҳти унвони "Нависандаи миллӣ дар талоши мушкилпажӯҳӣ ва хислатшиносӣ" ба табъ расид, ки ба масоили мушкилоти ҳувиятӣ ва уқдаҳои хислатӣ-характерӣ бахшида шуда буд (таваҷҷуҳ шавад ба: Нуров Н., Одинаев Н.

Нависандаи миллӣ дар талоши мушкилпажӯҳӣ ва хислатшиносӣ. //Самак, №16 (546), №17 (547), №18 (548)). Ба ин тартиб, устод Кӯҳзод дар романи "Ҳайҷо" (таваҷҷуҳ шавад: Кӯҳзод, Ӯрун. Ҳайҷо. Роман. Нашри мукаммал. – Душанбе: "Адиб", 2015. -416 саҳ.), ки онро метавон асари комили адабӣ-бадеӣ, илмӣ-таҳқиқӣ, таърихӣ ва публитсистӣ номид, костиҳои фикрӣ, ахлоқӣ, ҳувиятӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва мадании моро, ки усулан, характери миллиро шакл дода, боиси шикастҳои пайдарпайи тоҷик дар тӯли таърих гардидаанд, матраҳ намуда, сифатан тағйир ёфтани зеҳну характери тоҷикро кафили рушду шукуфоии миллӣ қаламдод мекунад. Муҳимтар аз ҳама, устод Урун Кӯҳзод аз ҷумлаи камшумор нависандагони миллиест, ки бо такя ба донишу биниши илмӣ ва собиқаи нависандагӣ дар тамоми осор, чи асарҳои адабӣ-бадеӣ, чи таълифоти илмӣ-публитсистӣ масоили ҳувиятиро дунбол кардааст. Мисли ин ки баррасии мушкилоти иҷтимоӣ ва буҳронҳои ҳувиятӣ ба кори рӯзмарраи эҷодии адиб бадал шудааст ва ӯ тавассути осори адабӣ-бадеӣ ва публитсистӣ хонанда ва дар маҷмуъ, миллатро ба ташхиси бемориҳои фикрию ҳувиятӣ водор мекунад. Ҳадафи адиб, пеш аз ҳама, дар заминаи шинохти мушкилоти ҳувиятӣ рафъи буҳронҳои зеҳнию равонию иҷтимоӣ мебошад ва ин навъ иқдомро устод Кӯҳзод минҳайси рисолати адабӣ, фикрӣ, эҷодӣ ва иҷтимоӣ пазируфта, дар ин самт муваффақона умрфарсоӣ мекунад.

Чун баҳси мо дар атрофи маҷмуаи "Бурротар зи теғ"-и устод Кӯҳзод (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. -240 саҳ.) чарх мезанад, ба мавзуи асосӣ бармегардем. Дар маҷмуа (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. -240 саҳ.), ки ба ғайр аз ормону орзуи муаллиф **14 асари нависандаро** фаро мегирад, масъалаҳои гуногуни иҷтимоию фикрӣ, ахлоқию ҳувиятӣ ва

хислатию характерӣ арзёбӣ мегарданд. Хулоса ва натиҷагириҳои иҷмолии хешро, ки бар мабнои муруру мутолеаи маҷмуаи "Бурротар зи теғ" ба даст омадаанд, хидмати шумо-хонандагони гиромии ҳафтавор арз медорем:

**Якум.** Устод Урун Кӯҳзод тавассути маҷмуаи "Бурротар зи теғ" доир ба мушаххасоти ҳувиятии ҷомеа, аз ҷумла хислату характер ва рӯҳияи миллату мардуми тоҷик, ки силсилаи мушкилот ва уқдаҳои маънавию ҳувиятии ҷомеаро ташкил медиҳанд, изҳори назар мекунад. Дар муқаддимаи китоб, ки "Ба ҷойи муқаддима ва "Ормону орзуи муаллиф" унвонгузорӣ шуда, як саҳифаи чопӣ  (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.3)-ро дар бар мегирад, нависанда ба таври тезис ормону орзуҳои Наврӯзии хешро дастабандӣ мекунад ва силсилаомолашро ин тавр баён месозад: "Орзу дорем, ки маъною мақоми истиқлолро амиқу дақиқ бифаҳмем, на саҳлу сатҳӣ. Орзу дорем, ки ақламон ҳамеша дар сарамон бошад, на дар гӯшамон" (ишора ба байти машҳури устод Лоиқ: На ҳамонем, ки ду чашми ҷаҳонбин дорем, Мо ҳамонем, ки ду чашми даҳонбин дорем – Н.Н.). Орзу дорем, ки оштии тоҷикон ҷону ҷигарӣ бошад, на лабу даҳонӣ. Орзу дорем, ки хирад ва қувват ва ғайрат ва ҳиммати мо сарф бишавад барои Ваҳдат, на барои ғайбат. Орзу дорем, ки хидмат бикунем, на миннат. Орзу дорем, ки фақат бо ифтихор аз гузаштагон қонеъ набошем ва бибояд ибрате ҳам аз рӯзгори онҳо бигирем ва ҳам офаридае ба офаридаҳои онҳо биафзоем. Орзу дорем, ки меросбарони шоиста бошем, на меросхӯрони ношоиста. Орзу дорем, ки соҳибмансабон аз худ гузаштану ба дигарон расиданро ёд бигиранд. Орзу дорем, ки фарқи байни корнамоиву худнамоиро шинохта битавонем. Орзу дорем, ки талоши мансаб ҳамеша бошад, аммо барои ҳунарнамоӣ, на барои худороӣ" (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Ҳайҷо. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.3).  Ба мавзӯоти маҷмуа таваҷҷуҳ

мекунем: ҳикоёти "Очаи бачаҳо" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.4-12), "Достони муаллим" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.12-27), "Қатли китобҳо" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.27-48), "Ҳикоёт аз таърихи адабиёт" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.49-59), "Пули ларзон" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.61-78), "Хомтамаъ" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.79-82), "Ҳосили умр" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.83-88), "Гудоз" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.88-103), "Бурротар зи теғ" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.103-111), повести "Гардани ғам бишканед" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.111-152), романи кӯтоҳи "Дар ҳасрати кори ҳалол" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.153-203) ва се мақола-матлаби публитсистии "Садриддин Айнӣ" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.204-215), "Ваҳдати сиёсат ва адабиёт" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.215-222), "Фарҳанги ватандорӣ" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.222-238).

**Дувум.** Нависанда дар ҳикояҳои "Достони муаллим" (С.12-27), "Қатли китобҳо" (С.27-48), "Ҳикоёт аз таърихи адабиёт" (С.49-59), "Пули ларзон" (С.61-78), "Хомтамаъ" (С.79-82), "Ҳосили умр" (С.83-88), "Гудоз" (С.88-103), "Бурротар зи теғ" (С.103-111), повести "Гардани ғам бишканед" (С.111-152), романи кӯтоҳи "Дар ҳасрати кори ҳалол" (С.153-203) ва се мақола-матлаби публитсистии "Садриддин Айнӣ" (С.204-215), "Ваҳдати сиёсат ва адабиёт" (С.215-222), "Фарҳанги ватандорӣ" (С.222-238) масоили мушкилоти ҳувиятӣ ва ислоҳи

камбуду навоқиси рӯҳию равонии миллатро, ки асрҳо боиси шикасту забунии мардум гардидаанд, бозрасӣ карда, бар мабнои донишу таҷрибаву мушоҳидаҳои шахсӣ сабабу иллатҳои пойин рафтани зеҳниёту ҳувияти миллиро ҷустуҷӯ ва роҳҳал пешниҳод менамояд. Махсусан, аз забони қаҳрамонони ҳикояву асарҳояш мекӯшад, ки иллати зуҳури разоили ахлоқию буҳрони ҳувиятиро, ки миллатро тайи таърихи тӯлонӣ ба нокомию бедавлатиҳо, шикасту сархамиҳо, хорию забуниҳо ва бегонапарастию беҳувиятиҳо расонидаанд, бозгӯ сохта, роҳро барои ҳалли мушкилоти фикрию равонию зеҳнӣ ҳамвор намояд. Масоили фавқ (мушаххасоти ҳувиятию навоқиси ахлоқӣ)-ро нависанда на танҳо дар осори бадеӣ, балки дар матолиби илмӣ-оммавиаш ҳам матраҳ мекунад ва интеллигенсияи миллиро ҳушдор медиҳад, ки ҳамеша дар масири шинохти мушкилоти фикрию зеҳнӣ ва ҳувиятӣ гом бардоранд ва ҷиҳати бурунрафт аз буҳронҳои фалокатбори маънавӣ иқдомоти ҷиддӣ рӯйи даст бигиранд. Иқдомоту ташаббусоти нависанда дар самти бедории фикрӣ ва кӯшиши ислоҳи вазъи рӯҳию равонии ҷомеа на танҳо дар романи "Ҳайҷо" ва маҷмуаҳои дигари ӯ, балки дар матолиби публитсистии вай, минҷумла мақолаҳои "Садриддин Айнӣ" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.204-215), "Ваҳдати сиёсат ва адабиёт" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.215-222) ва "Фарҳанги ватандорӣ" (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.222-238) низ равшану возеҳ ба назар мерасад.

**Севум.** Нависанда одатҳои карахту шахшудамондаеро, ки миллат ва мардумро аз фаъол будан дар зиндагӣ дур карда, онҳоро ба тақдирпарастӣ ва танбалӣ мувоҷеҳ намудаанд, дар "Достони муаллим" (ниг.: **Достони муаллим (барои Ҳомид Қаҳҳоров) –** Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе:

“Маориф”, 2019. **С.** 12-27) хеле хуб ба қалам медиҳад. “Достони муаллим” аз ҳаводиси солҳои аввали барқарории ҳокимияти шӯравӣ дар деҳоти Тоҷикистон ва фаъолияти нахустин омӯзгорони маҳаллӣ қисса мекунад, ки новобаста ба фишору тааррузҳои ҷаҳолатмаобони давр ва кӯҳнапарастони замон чароғи маърифатро фурӯзон нигоҳ дошта, роҳи рушди миллатро ҳамвор кардаанд. Бад-ин минвол, одатҳои баду нописанди миллию маҳаллӣ, аз ҷумла хурофагаройиро нависанда қариб дар тамоми навиштаҳояш, аз ҷумла ҳикояи “Достони муаллим” матраҳ месозад. Дар ҳикояи “Достони муаллим”, ки ба муаллим Ҳомид Қаҳҳоров бахшида шудааст, нависанда ҷаҳли мураккаби замони амириро, ки ба мардум ва ҷомеаи вақт сахт таъсир расонида, онҳоро аз саъю талоши ислоҳи вазъ канор задааст, ба риштаи тасвир мекашад. Нависанда аз забони қаҳрамони ҳикоя -- муаллим, ки ба дасти босмачиён афтида, ваҳшиёна ба қатл мерасад, мегӯяд: “Фақат фозилони замон месӯхтанду мепухтанд, вале фарёди онҳо ба гӯши касе намерасид. Ҷаҳли мураккаб ҳукм меронд!” (Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: “Маориф”, 2019. С.16). Нависанда бар он таъкид меварзад, ки дигар миллиятҳо дар талошу такопӯ ва **иваз кардани хислату хӯйи хеш бошанд, мо қафомондагӣ, канорагирӣ аз ҳалли мушкилот, бечоранолӣ ва фориғболӣ барин хасоилро ба унвони одатҳои ирсӣ аз худ дур намекунем** (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: “Маориф”, 2019. С.18). Нависанда қолиб-стереотипҳоеро, ки тайи таърих миллатро аз таҳаввулоту тараққиёт боздоштаанд, фош месозад ва дар “Достони муаллим” дар симати қиссапардоз авзоъро хеле хуб дарку тафсир мекунад: “Дар Хунукчашма (номи деҳа) аҳвол чунин буд...Як қувваи ботинӣ, як мизоне дар баҳо додан ба ҳодисоти ҷамъиятиву табиат, **як одати ирсӣ, ки асрҳо боз “бо шир омада, бо ҷон баромадааст”, дар ниҳонхонаи**

**дили онҳо ҷой гирифта буд, ки дар давраҳои гардиши ҳолат хуруҷ мекард** ва маҳз дар чунин ҳолат ҳамаи онҳо дар ким-кадом нуқтае ба якдигар бармехӯрданд (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.18).

**Чаҳорум.** Дар ҳикояи "Қатли китобҳо" (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.27-48) нависанда мавзӯи бедории фикрӣ ва раҳоӣ аз ҷаҳолати мазҳабиро ба миён мегузорад ва муҳимтар аз ҳама, масъалаи тавассути пахшу нашри китобу матбуот тағйир додани зеҳниёти ҷомеаро, ки мавзуи меҳварии китоби "Таърихи инқилоби фикрӣ"-и устод Айнӣ маҳсуб мешавад, ба миён мегузорад. Қаҳрамонони ҳикоя Махдуми Ширин ва Махдуми Абуқодир дар пайи он мекӯшанд, ки тавассути илму дониш вазъи ногувори Бухорои амириро, ки дар оташи зулмоти ҷаҳолат месӯхт, тағйир дода, аз тариқи паҳну пахши илму дониш мардумро бедор созанд ва ба сӯйи тҳаввулоту тараққӣ ҳидоят намоянд. Қаҳрамони ҳикояи мазкур Махдуми Абдуқодир ба қаҳрамони "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ Яҳёхоҷа (таваҷҷуҳ шавад ба: .: Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. -С.273-277), ки аз равшанфикрони пурнуфузи замон маҳсуб мешудааст, хеле монанд аст. Махдуми Абдуқодир ҳам мисли Яҳёхоҷа озодадеш, бебок, ҷасур ва аз авлоди хеле бонуфузи Бухорост. Ба нигоштаи нависанда: "Абдуқодир ҷавони озодфикр ва аз дӯстони Махдум (Махдуми Ширин – Н.Н.) аст. Вай аз авлоди хеле бонуфузи Бухорост ва ҳамин мақом ӯро аз таҳдид ва таъқиб то андозае ҳифз мекунад ва то алҳол фошгӯйиҳояш балои сараш нашудааст, ҳарчанд бадхоҳонаш кам нестанд" (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.30). Дар баҳсу мунозираҳое, ки миёни қаҳрамонони ҳикояи "Қатли китобҳо" Махдуми Ширин ва Махдуми Абдуқодир сурат

мегирифт, ба мавзӯи  характер ва одатҳои карахту хушкшуда таваҷҷуҳ мекарданд ва дар ҷараёни муколимаву гуфтугӯҳо аз сатҳи пойин рафтани сатҳи тафаккур ва худбаҳодиҳии миллӣ сухан ба миён меоварданд. Қаҳрамони ҳикоя Махдуми Абдуқодир мисли соири афроди саршиноси миллат аз навоқиси фикрӣ ва уқдаҳои зеҳнӣ, ки озодиҳои шахсӣ ва инфиродиро зери суол бурда, ба ҳувияти миллӣ садама мезананд, ранҷ мебарад. "Худи Махдум дар ҳар маврид кӯшиш дошт, ки ақидаҳояшро озодона бигӯяд, ҳарчанд ки ин хоҳиш на ҳамеша ба ӯ муяссар мегарадид, -- боз ҳамон мулоҳизаи сабилмонда, аз рӯҳияи умумии мардум бармеояд, халал мерасонид, ба монанди он ки заҳрпечак ба ҳосил бастани гиёҳи босамар халал мерасонад" (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.31). Махдуми Абдуқодир, ҳарчанд ки бо ақоиди Махдуми Ширин мувофиқ буд, баъзан истиҳола мекард ва бо ҷомеа мадорову муросо менамуд, ки аз хислат ва характери ӯ, ки солҳо зери бори қолибҳои шахшудаи иҷтимоию зеҳнӣ монда буд, бармеомад (ниг.: Кӯҳзод, Урун.  Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.30). Нависанда дар хотимаи ҳикоя ба он ишора мекунад, ки Махдуми Ширин, бо он ки аз Бухоро фирор намуда, дар Қазон ва дигар шаҳрҳои Руссия ба таҳияву тадвини китобҳо иштиғол варзида, аз ин тариқ ба мардуми Бухоро хидмати бедареғ мекард, аз тарафи масъулини аморат маҳкум ва воҷибулқатл мешавад: "Вале душман зӯр аст. Шайхулислом фатво дод ва амир ба қушбегӣ фармуд, ки Махдуми Ширин воҷибулқатл аст" (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.48).

**Панҷум.** Ба ин тартиб, баррасии мушкилоти ҳувиятӣ ва тағйири зеҳниёти миллӣ дар ҳикояҳои "Қатли китобҳо" (аз номи қаҳрамонони асосӣ Махдуми Ширин ва Махдуми Абдуқодир – ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе:

“Маориф”, 2019. С.27-48), “Ҳикоёт аз таърихи адабиёт” (аз забони шуубиёну адибони миллӣ Рӯзбеҳ, Исмоил ибни Ясор, Башшор ибни Бурд, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Дақиқии Балхӣ ва дигарон -- ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: “Маориф”, 2019. С.49-59), “Гудоз” (аз забони қаҳрамонони ҳикоя Холдона ва Моҳшариф -- ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: “Маориф”, 2019. С.88-103), “Бурротар зи теғ” (аз забони фидоиёни миллии давр Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва Абдулҳамид -- ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: “Маориф”, 2019. С.103-111), повести “Гардани ғам бишканед” (аз забони Бобои Нусрати Нуронӣ -- ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: “Маориф”, 2019. С.111-152), романи кӯтоҳи “Дар ҳасрати кори ҳалол” (аз забони қаҳрамони асосии романи кӯтоҳ Ҳомиди Қудрат -- ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: “Маориф”, 2019. С.153-203) хеле хуб баррасӣ гардидаанд. Бавежа, дар романи кӯтоҳи “Дар ҳасрати кори ҳалол” (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: “Маориф”, 2019. С.153-203) нависанда дар образи қаҳрамони асосӣ Ҳомид Қудрат, ки аз ҷумлаи рӯзноманигорони бедори солҳои шастуми садаи бист будааст, мушкилоти ҳувиятӣ ва заъфи характери миллиро дар симои мансабдорону зиёиёни вақт хеле хуб бармало мекунад. Ҳомид Қудрат, ҳангоме ки бо мушкилоти корию идорӣ бархӯрд мекунад, дарк менамояд, ки хислату характери миллӣ сарнавишти миллатро дар тӯли таърих рақам задааст ва мебояд онро тағйир дод ва дигар кард, вагарна миллат ба марҳилаи саодату хушбахтӣ расида наметавонад. Ба ин манзур, Ҳомиди Қудрат ба пажуҳишгоҳҳои Маскаву Ленинград рафта, сари мушкилоти миллӣ ва заъфиятҳои фикрию равонии миллат таҳқиқот мебарад ва мекӯшад, ки ба ин пурсиши асосӣ – чаро мо танбал, хушомадгӯ, лагандбардор, фурӯмоя, худхоҳ, риёкор, фиребгар, дурӯя, дурӯғгӯ, худфурӯш, бегонапараст, худбохта ва беҳувиятем? -- посух ҷустан мехоҳад. Қаҳрамони асар Ҳомиди Қудрат, бо он ки аз тамоми ҷойҳои кор, ба иллати пурсишгарӣ, рӯҳи муқовим, созишу мадоро

накардан ва ростқавлиаш истеъфо медиҳад, талош меварзад, то ин ки ба пурсишоти матраҳ посухи илмию ихтисосӣ дода, роҳро барои ислоҳи вазъи рӯҳию равонии миллат ҳамвор созад. Ин аст, ки нависанда дар финиш-анҷоми асар ин тавр натиҷагирӣ мекунад: "Ҳомид боз истеъфо дод. Боз ба хислатшиносӣ машғул мешавад. Тилисми хислати Аҳмаду Аҳтамро мешиканад. Аз барои он мешиканад, ки кори неку бади одам ва пешравию аҷибмондагии ҷомеа ва ҷамъиву парешонии миллат ва тавоноиву нотавонии давлат аз хислат бармеояд" (ниг.: Кӯҳзод, Урун. Бурротар зи теғ. – Душанбе: "Маориф", 2019. С.203).

**Шашум.** Устод Кӯҳзод чун табиби ҳозиқи рӯҳшинос дар асарҳояш мушкилоти фикрӣ, ҳувиятӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва мадании тоҷикро як навъ ташхис ва ба истилоҳ, диагностика мекунад ва барои шинохти силсилаи мушкилоту муаммоҳои рӯзгори миллат, ҳамзамон пайдо кардани роҳҳалҳои муассир аз забони қаҳрамононаш пурсишу посухоти ҷолиб манзур намуда, зеҳни хонандаро фаъол месозад. Тасаввур кунед, ки агар соири нависандагону адибони муосири ватанӣ дар пайравии устод Кӯҳзод сари масоили ҷиддии ҳувиятӣ ва ба истилоҳ, доғи рӯзгори мо тамаркуз мекарданд, бетарафию фориғболию фурсатталабиро канор зада, дар роҳи ташхиси мушкилоти ҳувиятӣ ва уқдаҳои фикрӣ дастҷамъона ҷаҳду талош меварзиданд, фарҳанги миллӣ гул мекард ва сатҳи худкифоии фикрӣ, ҳувиятӣ ва маданӣ боло мерафт. Имрӯз ададбиёти миллӣ ба шахсиятҳои миллии пурҷасорате назири устод Кӯҳзод ниёз дорад ва бовар дорем, ки насли миёнсолу ҷавони адибони миллӣ ибтикороти устодро дар заминаи баррасии мушкилоти зеҳнию равонӣ ҳадафмандона идома бахшида, дар роҳи раҳойии миллат аз фақри фикрӣ, буҳронҳои ҳувиятӣ ва хурофоту таассуби динию дунявӣ қадамҳои устувор бармедоранд.

**Абдулҳай МАҲМАДАМИНОВ,**
**Мирзо СОЛЕҲОВ**
устодони Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон

## МАНБАИ ИЛҲОМ ВА ХАЁЛОТИ РАНГИН

Шеър аслан ҳосили ҳиссу тафаккур, эҳсосу андеша ва дилу сиголиш буда, беш аз он, авомили фитриро дорост, зеро маншаи илҳом олами улвист. Пас шеър бунёди тақаддус дорад ва аз ин хотир, ҳунари мазкур ҳунари қудсӣ маърифат мешавад.

Касоне ҳам, ки ҷодаи эҷоди каломи ҳунарӣро ихтиёр кардаанд, пурмасъулияттарин, пурмашаққаттарин, сангинтарин соҳаро хостор шудаанд. Вале ҷомеа пешаи мазкурро гиромию пуршараф дониста, эҷодкор – шоирро дил дар пайкари ҳастӣ маърифат мекунад. Аз силки чунин эҷодкорон метавон Асомуддини Сайёдиро ном бурд, ки сидқан ҷодаи мазкурро интихоб карда, инак дар ин масир гомҳои устувор гузошта истодааст. Яке аз сабабҳои сухансанҷиро ихтиёр кардани А.Сайёдӣ шояд он бошад, ки ӯ ба зиндагӣ ва масоили мухталифи рӯзгор назари басо дақиқ ва дурандешона дорад. Ӯ кӯтоҳандешию оҷилу шитобро хоҳиш надорад. Бардошти мазкур ҳатто ҳанӯз дар маҷмӯаи нахустини А.Сайёдӣ – «Ашки хотира» (2018) ба хубӣ мушоҳида мешавад.

Васфи диёр ва дастовардҳои замони Истиқлолияти давлатӣ, рӯзгори пурнишоти мардумони кишвар дар маҷмӯаи дуюми эҷодкор – «Шоми фироқ» (2019) боз ҳам то андозае шохистар сурат гирифтааст ва ин албатта, самараи омӯзиши муттасили А.Сайёдӣ мебошад.

Чанде пеш маҷмӯаи тозанашри ашъори А.Сайёдӣ таҳти унвони «Қуллаи ифтихор» пешкаши хонандагон гардид, ки шеърҳои гуногунжанру гуногунмавзӯи ӯро фаро гирифтааст.

Дар оғози маҷмӯа ду шеър бахшида ба Тоҷикистон оварда шудааст, ки басо ҷолибу хотирмон аст, зеро дар шеъри аввал агар рӯ ба рушду нумӯъ овардани кишвар ҳадафи меҳварӣ бошад, дар шеъри дуюм, ки «Нумӯи Тоҷикистон» унвонгузорӣ шудааст, воқеан, амалияи ҷараёни созандагию ободонӣ дар қаламрави кишвар ва тағйироти бунёдии симои мамлакат хеле хуб ба тасвир омадааст, ки басо муҳим ва ниҳоят ҷаззоб аст.

Дар шеъри сеюми маҷмӯаи мазкур васфи симои абарқудрати сиёсии миллӣ, сиёсати фарҳангию созанда, корномаи бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тасвир гирифта шудааст, ки ниҳоят муҳим ва басо ҷолиб аст. А.Сайёдӣ дар он суҳбати созанда, ки бо Пешвои миллат иттифоқ афтода буд, ширкат варзида, муҳтавои ҳадафи хешро аз файзи он суҳбат тавассути тарҷеъбанде муштамил бар чаҳор банду байти тарҷеъ ё худ байти васила чунин қаламдод мекунад:

*Дор он ҷое, ки мардум баҳри ободӣ фидокор аст,*
*Дар он ҷое, ки чашму ақлу дил пайваста бедор аст.*
*Дар он ҷое, ки нақши беҳтарини дасти меъмор аст,*
*Дар он ҷое, ки аз таърихи мардум ганҷи осор аст.*

Қазовати мазкур дар макони муайян иттифоқ афтода бошад ҳам, ифодагари миқёси мамлакат манзури адиб аст. Зеро файзи суҳбат фарогири ҳамаҷонибаи пешрафти шукуфоии мамлакат маърифат мешавад, ки натоиҷи он дар байти тарҷеъ чунин изҳор шудааст:

*Дар он рӯзе, ки бо ҳам омада фарзонаву фозил,*
*Фаромӯшам нагардад суҳбати Арбоби дарёдил.*

Бунёди шеъри ватандӯстонаи А.Сайёдӣ тавъам бо корномаи Сарвари давлат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаётдӯстии хос дорад, ки ояндаи Ватану халқамонро пешрафтатарин маърифат мукунад. Ба ин маънӣ А.Сайёдӣ дар ғазали «Диёри нозанинам» бо манзури таассуроти муҳоҷирони меҳнатӣ пас аз бозгашт ба Ватан таъкиде дорад, ки: «Меҳани зебои худро дида ҳайрон мешавад», – мегӯяд ва ҳадафи худро чунин ҷамъбаст месозад:

*Гар чунин бошад маром андар раҳи созандагӣ,*
*Кишвари овозадоре Тоҷикистон мешавад.*

Тибқи қазовати А.Сайёдӣ номусу нанг воситаи иртифои маънавиёти миллӣ ва рушди кишвар буда, ӯ нангу номусро шабеҳи сахттарин ашёи олам – санг маърифат намуда, дар гирудори рӯзгорон онро устувору побарҷо таъбир мекунад, ки матлуб аст.

А.Сайёдӣ дар байти зерин қазовати ҷолибе дорад, ки хонандаро ба андешидан, таҳаммул кардан водор месозад, зеро сархушиҳои нобаҳангомро боиси ифшои розу асрор маърифат намуда таъкид месозад, ки:

*Боданӯшиҳои мо сирри ниҳони мо рабуд,*
*То ба санги нанг бишкастем сад паймонаро.*

Дар қазовати фавқуззикр ҳадаф аз сархушиҳо бепарвоӣ, кӯтаҳназарӣ, лоқайдӣ, сабукфикрӣ ва ғайра аст, ки боиси коҳишҳои ҳайбати касон мегардад. Барои баромадан аз ин вартаи махуф ва раҳоии воқеӣ аз он, устуворӣ, матонат,

тобоварӣ муқтазои ҳол аст. Аз ин рӯ, дар чунин ҳолат метавон паймонаро алорағми паймон маърифат намуд, то ин ки пирузӣ даст бидиҳад.

Худшиносӣ, миллатдӯстӣ, муҳаббати сидқиву содиқона ба Ватан, ба сарзамини муқаддас, ба марзу буму обу хоки он аз мавзӯъҳои меҳварии ашъори Асомуддин Сайёдӣ буда, ӯ аз рушду инкишофи он сидқан ба ваҷд меояд. Ба ин маънӣ ӯ дар ғазали «Халқи кордон дорам» таассуроти хешро чунин ба қалам додааст:

*Басо фархундафолам, кишварам Боми Ҷаҳон дорад,*
*Саразми бостон дорад, Зарафшон зарфишон дорад.*
*Бувад ҳар пораи хишташ далели умри тӯлонӣ,*
*Хуҷанду Хуталон дорад, Ҳисори Шодмон дорад.*
*Таманно дорам аз ҳар пораи санги диёри хеш,*
*Ҳамин кӯҳсори ман дар синааш ганҷи ниҳон дорад.*
*Кунад наззора Рогунро басо халқи ҷаҳон имрӯз,*
*Ҳазор шукрона Рогун нурфишонӣ бар ҷаҳон дорад.*
*Бубин дур аз Ватан партавфишони парчами тоҷик,*
*Ки андар рамзи майдонӣ ҷавони паҳлавон дорад.*
*Бувад ҳар гӯшаи Меҳан шабеҳи равзаи Ҷаннат,*
*Пуранвоъ меваи боғаш хирадманд боғбон дорад.*
*Ба ҷуз созандагӣ дигар мароме нест дар ин кишвар,*
*Зи халқи кордони хеш ҳазорон достон дорад.*

Ғазали боло дар ситоишу васфи Ватан – Тоҷикистон буда, ҷузъиёти матраҳшаванда моломол аз ободкориҳову созандагиҳои рӯзафзуни кишвар аст, ки мавриди ситоиш қарор дода шудааст. Фархундафол танҳо қаҳрамони лирикӣ нест, зимни он, беш аз ҳама, мардумони Ватан маърифат карда мешаванд. Маҳз ба хотири барҷастагии тасвирҳову хотирмон будани созандагиҳо интихоби алфози ҳамқофия:

ҷаҳон, зарфишон, Шодмон, ниҳон, паҳлавон, боғбон, достон тақвияти хос эҳдо кардаанд, ки манзур басо маҳсус баён гардидааст.

Чун қавофӣ дар ғазали фавқ бо ҳарфи равӣ интиҳо пазируфтааст, аз ин хотир, қофияҳои ғазали мазкур муқайяд буда, баҳри тақвияти аҳдофи эҷодкор хидмат кардаанд.

Бори ғоявии аҳдофро радифи ғазал басо таҳкимбахшии ҷолиб намудааст ва аз ин рӯ, ба ҳайси радифи ғазали боло вожаи **дорад** феъли замони гузашта ба амали тасдиқӣ интихоб шудааст, ки ба назари мо, комилан матлуб аст.

Радифи ғазали фавқуззикр муштамил бар як вожа буда, бо назардошти навъи радиф – радифи сода мебошад.

Унсури сеюми шакли ғазали боло – унсури зотии каломи ҳунарии манзум – вазн низ ҷолиб мавриди интихоб ва коргирӣ қарор гирифтааст, ки месазад онро махсус таъкид намуд. Ғазали фавқуззикр дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим рӯйи кор омадааст, ки ҳадафи А.Сайёдӣ дар ин ҷода маҳз ба хотири алҳони гуворои он аст. Яъне лаҳни гӯшнавозу дилнишини ғазал табиатан муқтазои ҳолати мазкур мебошад.

Аз ин хотир, ғазал дорои оҳанги басо дилнишину хотирмон эҷод шуда, дар маҷмӯъ, ғазалро гӯшнавозу ҷолиб намудааст. Шакли афоъилии вазни мазкур:

**V – – – V – – – V – – – V – – –**
**V – – – V – – – V – – – V – – –**

буда, чунин хонда мешавад: мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун, мафоъӣлун, яъне, Ҳазаҷи мусаммани солим.

Умуман, А.Сайёдӣ дар аксари анвои адабии манзум шеър гуфта метавонд. Ӯ хосса дар эҷоди ғазал, рубоӣ ва қитъа қареҳаи бештар дорад.

Баъзан дар шеърҳои А.Сайёдӣ ноҳамвории фикр, носуфтагии баён, ноҷӯрии ифода, лағжишҳои вазнӣ, гузиниши қавофӣ бисёр ба нудрат бошад ҳам, нуқсондор

дучор мешаванд. Аз ин хотир, ӯро пеш аз ҳама, омӯзиши осори саромадони каломи ҳунарӣ зарур аст, зеро истеъдод бошаду омӯзиш муттасил ва мутадовил набошад, он гоҳ чизи тозаву андешаи ҷолиб даст намедиҳад.

Мо дар ин роҳи хайр – паймудани қуллаҳои нави каломи ҳунарӣ ба эҷодкори умедбахш А.Сайёдӣ барору тозакориҳо таманно менамоем. Воқеан, чунонки устод Мирзо Турсунзода мефармояд:

*Пеш рафтӣ, кор осон мешавад,*
*Қуллаи нав ҳам намоён мешавад.*

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони мухтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 24.08.2022*
*Барои нашр имзо шуд 25.08.2022*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70x100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии "Дониш"- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва Ҷомеа**______________________________________________